ISSN 2306-4293

Маҷаллаи таълимию методӣ ва илмию оммавии
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР

№4, 2026



Корномаи беназири устод Садриддин Айнӣ дар таърихи миллати мо камназир буда, тамоми умри бобаракати ӯ барои ҳифзи ҳувияти тоҷикон ва ба сифати миллати қадимӣ эътироф гардидани онҳо сарф шудааст.

Эмомалӣ Раҳмон

# ҲУҶҶАТИ ТАҚДИРСОЗ ДАР САМТИ ПЕШРАФТИ СОҲАҲОИ ҲАЁТАН МУҲИММИ ҶОМЕА



Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ аз 16 декабри соли 2025 ҳуҷҷати давлатиест, ки мақоми расмии ҳуқуқӣ ва барои тамоми ниҳодҳои давлатӣ моҳияти роҳнамоӣ дорад. Ин санади муҳим дар роҳи беҳбуд бахшидани ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва дар маҷмуъ, тамоми ҷанбаҳои зиндагии ҷомеа нақши бузург дорад.

Барои мардуми кишвари азизамон паёмҳои солонаи Сарвари давлат аз аҳаммияти хосса бархӯрдор аст. Аз ин рӯ, ҳар фарди ватандӯсту соҳибмаърифат ҳамасола баргузории онро бесаброна мунтазир мешаванд, матлаби онро бо таваҷҷуҳи хосса тамошо ва мутолиа менамоянд, мазмун ва мундариҷаи онро бо самимият мавриди омӯзиш қарор дода, дар татбиқ ва амалисозии муқаррароти он фаъолона ширкат меварзанд. Ин бесабаб нест, зеро сухану андешаҳои пурмуҳтаво ва пандомези Пешвои муаззами миллат дар бораи таълиму тарбия, илму маориф, ватандӯстиву ватанпарастӣ, саховату эҳсон, адолати иҷтимоӣ, арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои ӯ, волоияти қонун ва амсоли инҳо боиси баланд шудани масъулият ва ҳисси миллию ватандӯстӣ, маърифати сиёсӣ ва ҳуқуқии ҳар як нафар мегарданд.

Таваҷҷуҳи мардуми кишвар ба Паём нишонаи ҳамовозиву ҳамрадифии сокинон ба тасмимҳои шоиставу хирадмандонаи Роҳбарияти Олии кишвар буда, намояндагони касбу кори гуногун дар паёмҳои ҳарсола ҳатман нуктаҳои муҳимми фаъолияти худро пайдо мекунанд, дастуреро барои то Паёми дигар сазовор фаъолият намудан ба даст меоранд.

Паёми навбатии Сарвари давлат ба монанди паёмҳои солҳои қаблӣ саршор аз ғояҳои оқилонаву созанда буда, бо мазмуни баланд, таҳлили амиқ, натиҷагирӣ ва барномарезии мукаммалу дурбинона барои ояндаи дурахшони кишвар ба Маҷлиси Олӣ ва халқи сарбаланди мамлакат ироа гардид. Хусусияти асосии ин ҳуҷҷати сарнавиштсоз дар руҳияи созанда доштани он, густариши истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, татбиқи иқтисоди рақамӣ, зеҳни сунъӣ, истиқлоли энергетикӣ, суръат бахшидан ба саноатикунонии кишвар ва ғайра, ифода меёбад.

Идомааш дар саҳ. 1

## ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

Ин пешниҳодҳои судманд ва зарурӣ гувоҳи онанд, ки Роҳбарияти Олии кишвар набзи замон ва таҳаввулоти технологии ҷаҳони муосирро бисёр дақиқ дарк намуда, раванди рушди иқтисодии кишварро бо он мутобиқ менамоянд ва дар сурати амалӣ шудани онҳо, дар воқеъ, иқтисоди кишвар ба марҳилаи дигари рушди худ ворид хоҳад шуд, дар сурати қафомонии технологӣ иқтисоди кишвар рақобатпазирии минтақавӣ ва байналмилалии худро аз даст дода, ҷомеа ба масрафкунандаи маҳсулоти берунӣ табдил меёбад.

Президенти мамлакат дар оғози ироаи Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид доштанд, ки соли 2025 барои Тоҷикистон соли таърихӣ буд. Зеро маҳз дар ҳамин сол, моҳи марти соли 2025, интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ ва аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне, чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ дар фазои озод, шаффоф ва дар сатҳи баланд баргузор гардиданд.

Дигар рӯйдоди таърихӣ - ҳалли пурраи масъалаҳои сарҳадии тайи беш аз сад соли охир ҳалношудаи байни ду давлат - Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон бо имзои шартнома дар бораи муайян кардани хатти сарҳади давлатӣ мебошад. Ҳамчунин, шартнома миёни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон дар бораи нуқтаи пайвастшавии сарҳади давлатии се кишвар ва Эъломияи Хуҷанд доир ба дӯстии абадӣ аз ҷониби сарони давлатҳо ба имзо расид, ки барои рушди минтақа ва идомаи ҳамкориҳои судманд заминаи мустаҳками ҳуқуқиро фароҳам месозанд. Илова бар ин, Тоҷикистон дар доираи ташаббусҳои ҷаҳонии худ ҷиҳати амалисозии қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряххоро мизбонӣ намуд.

12-уми декабри соли 2025 бо ташаббуси кишвари мо дар ҷаласаи 7-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист қатъномаи доир ба «Ҳифзи пиряххо ва криосфера, бахусус, дар минтақаҳои кӯҳӣ» қабул карда шуд.

Ташаббуси дигари кишвари мо дар соли 2025 қабули қатъномаи махсуси Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» буд.

Гузашта аз ин, ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид гардидани ёдгориҳои мероси фарҳангии Хуттали қадим зимни иҷлосияи 47-уми Кумитаи мероси ҷаҳонӣ дар шаҳри Париж баёнгари эътирофи ташаббусҳои Тоҷикистон мебошад. Ҳамзамон, 12-уми декабри соли 2025 бо иқдоми Тоҷикистон қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар хусуси эълон кардани соли 2027 ҳамчун «Соли байналмилалии маърифати ҳуқуқӣ» қабул гардид.

Пазируфтани ин ташаббусҳо ифодаи эътироф ва дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ибтикороти созандаи Тоҷикистон оид ба масъалаҳои мубрами рӯзномаи глобалӣ ба ҳисоб рафта, дар воқеъ, таърихӣ будани соли 2025-ро дар ҳаёти сиёсии кишвар бори дигар собит месозанд.

Давраи ҳисоботии Паём тайи даҳ соли охирро дар бар гирифта, дар раванди он тамоми иқдомоти муҳимму самарабахш, ки ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ амалӣ карда шуданд, мавриди таҳлили амиқ ва баррасии комил қарор гирифт. Аз ҷумла, қайд карда шуд, ки дар давраи таҳлилӣ маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, дар умум, 3,4 ва ба ҳар сари аҳолӣ 2,7 баробар афзуда, аҳолии кишвар аз 8,5 миллион нафари соли 2015 ба 10,7 миллион нафар ва нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ бошад, аз 70 ба 77 сол расида, сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз коҳиш ёфт. Даромади пулии аҳолӣ аз 26 миллиард сомонӣ ба 165 миллиард сомонӣ, яъне, беш аз шаш баробар, рушди иқтисодӣ ҳар сол ба ҳисоби миёна 8,7 фоиз афзоиш ёфтааст, ки ин нишондиҳандаи баланд миёни кишварҳои рӯ ба рушд маҳсуб меёбад. Зимнан, Пешвои миллат ба Ҳукумати

мамлакат, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш доданд, ки барои ноил гардидан ба афзалиятҳои рушд амалисозии саривақтӣ ва пурраи Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2026 - 2030-ро таъмин намоянд.

Пешвои миллат таъкид доштанд, ки Ҳукумати мамлакат бояд самтҳои афзалиятноки рушди технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, саноатикунонии босуръат бо технологияҳои муосир, истифодаи имконоти транзитӣ ва сайёҳӣ, идомаиислоҳоти идоракунии давлатӣ, дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузориро тақвият бахшад. Зеро пешрафти босуръати технологияҳои рақамӣ ва тавсеаи имконоти зеҳни сунъӣ дар ҷаҳони муосир тақозо менамояд, ки ин дастовардҳо дар ҳама соҳаҳо самаранок истифода гардида, ба манбаи иловагии рушди иқтисодӣ ва содироти хидматрасонӣ табдил дода шаванд.

Дар ин раванд, вазорату идораҳои марбута вазифадор гардиданд, ки лоиҳаи «Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040»-ро таҳия ва ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намоянд ва ҷиҳати бо интернети баландсуръат таъмин намудани аҳолӣ, рушди инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, аз ҷумла, таҷдиди хатҳои нахиву нурии байнишаҳрӣ ва зиёд намудани хатҳои байналмилалӣ чораҳои фаврӣ андешанд, талаботи бозори меҳнатро дар самти иқтисоди рақамӣ омӯхта, барои зиёд намудани теъдоди мутахассисони соҳаи мазкур, инчунин, баланд бардоштани сифати омодасозии кадрҳо тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намоянд, корро ҷиҳати зиёд намудани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ ва истифодаи инфрасохтори пардохт тақвият бахшанд ва барои пурра ҷорӣ намудан ва оммавӣ гардонидани сомонаи ягонаи хидматрасониҳои давлатӣ тадбирҳои таъхирнопазир андешанд.

Роҳбари давлат таъкид доштанд, ки бояд раванди идоракунии давлатиро бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ба роҳ монда, таъсири омили инсонӣ дар тамоми соҳаҳо ва ҳама гуна муносибатҳои молиявӣ коҳиш дода шавад. Мақомоти марбута бояд ҷиҳати гузариши пурра ба раванди рақамии идораи молияи давлатӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ дар ҳамаи субъектҳои хоҷагидор, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, корбарӣ намоянд.

Президенти мамлакат қайд намуданд, ки дар даҳ соли охир ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 143 миллиард сомониро ташкил додааст, вале ба соҳибкории истеҳсолӣ бошад, ҳамагӣ 38 фоизи он рост меояд, ки ин ҳанӯз кофӣ нест. Аз ин рӯ, Бонки миллӣ ва дигар ташкилоти қарзӣ супориш гирифтанд, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисод, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд. Дар ин замина пешниҳод гардид, ки Фонди кафолати қарзҳо таъсис дода шавад ва барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии мардум ва тавсеаи имконоти дастрасии шаҳрвандон ба манзили истиқоматӣ механизмҳои рушди бозори қарзҳои ипотекӣ такмил дода шуда, ҷиҳати зиёд намудани ҳаҷми чунин қарзҳо ба аҳолӣ тадбирҳои дахлдор амалӣ гарданд.

Пешвои муаззами миллат аснои ироаи Паём оид ба мушкилоти мардум дар шароити маҳдудияти муваққатии интиқоли неруи барқ сухан ронда, ин ҳолатро натиҷаи афзоиши аҳолӣ, зиёдшавии шумораи корхонаҳои саноатӣ ва дар маҷмуъ, афзудани истеъмоли неруи барқ ва аз тарафи дигар, таъсири камбориш омадани тирамоҳ ва кам гардидани воридшавии об ба обанбори неругоҳҳои барқи обии мамлакат арзёбӣ карданд. Ҳамчунин, ёдовар гардиданд, ки дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 1 миллиону 300 ҳазор хонаи истиқоматии нав сохта шуда, беш аз 8 миллиону 400 ҳазор нафар сокинон шароити зисти худро беҳтар кардаанд ва танҳо дар 7 соли охир дар мамлакат 2600 корхонаи нави истеҳсолӣ ба фаъолият оғоз кардааст, ки ин ҳама боиси афзоиши истеъмоли неруи барқ гардидааст.

## ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ

Сарвари давлат бо ироаи навиди нек иброз доштанд, ки Ҳукумати мамлакат барои бартарафсозии ин мушкилот тамоми чораҳои заруриро андешида истодааст. Ҳоло корҳои лоиҳавии сохтмони ду неругоҳи офтобӣ бо иқтидори умумии 500 мегаватт оғоз гардида, то моҳи августи соли 2026 ба истифода супорида мешаванд ва моҳи сентябри соли 2027 агрегати сеюми неругоҳи барқи обии «Роғун» ба кор дароварда шуда, истиқлоли энергетикии кишвар пурра таъмин мегардад.

Президенти мамлакат қайд намуданд, ки соли 2025-ум сохтмони пули калонтарин дар кишвар аз болои обанбори неругоҳи барқи обии «Роғун» ба дарозии 920 метр ва 3 пули мошингузар ба дарозии 368 метр оғоз гардид ва дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ ба маблағи умумии зиёда аз 5,4 миллиард сомонӣ 236 километр роҳҳои мошингард ва дигар иншооти роҳу нақлиёти мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ бунёдгардида ба истифода дода шуда, айни замон татбиқи 16 лоиҳа ба маблағи умумии 11,3 миллиард сомонӣ идома дорад ва дар соли 2026 бошад, сохтмону азнавсозии 300 километр роҳҳои мошингарди байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба маблағи умумии 3 миллиард сомонӣ оғоз мегардад.

Ҳамзамон, илова карданд, ки тайи се соли охир дар кишвар беш аз 3 ҳазор километр роҳҳои маҳаллӣ, аз ҷумла, 2,6 ҳазор километр аз ҳисоби соҳибкорон ва аҳолӣ бунёду таҷдид гардида, ҳоло ин иқдоми нек бомаром идома дорад.

Дар шароити ҷаҳонишавии босуръат ва рақобати шадиди зеҳнӣ, рушди илму маориф ба сифати пояи асосии пешрафти ҳар як давлат аҳаммияти калидӣ пайдо намудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо дарки амиқи ин воқеият, таҳти роҳбарии Пешвои муаззами миллат, аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолӣ соҳаи илму маорифро самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор додааст. Таваҷҷуҳи пайваста ва сиёсати хирадмандона дар ин самт имкон фароҳам овард, ки низоми маорифи кишвар тадриҷан рушд ёфта, ба сатҳи нав бардошта шавад. Пешвои муаззами миллат дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тули беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоянд ва аз ҳамин сабаб ҳар сол ҳаҷми умумии маблағгузории соҳа беш аз 21 фоизи хароҷоти буҷети давлатиро ташкил дода, зимнан, дар соли 2026 дар маҷмуъ 14 миллиард сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли 2025-ум 25,4 фоиз ва нисбат ба даҳ соли пешин панҷуним баробар зиёд мебошад.

Тибқи таҳлилҳо дар 25 соли оянда шумораи хонандагон дар Тоҷикистон ба чор миллион нафар мерасад. Бинобар ин, Президенти мамлакат дастур доданд, барои харҷи бештар омода намудани кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои таълимӣ ва ба стандартҳои ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани низоми таҳсилот, яъне, омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим аз ҳоло чораҷӯйӣ карда шавад. Дар ҳамин раванд ба падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа таъкид доштанд, ки ба масъалаи нигоҳубин ва таълиму тарбияи дурусти фарзандон бо камоли масъулият муносибат намоянд. Зеро ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои ҳисси баланди худшиносии миллӣ вобастагии амиқ дорад.

Пешвои миллат бо мақсади фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, хусусан, гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ва бо дарназардошти имконоти иқтисодӣ ва зарурати боз ҳам беҳтар намудани сатҳи зиндагии аҳолӣ супориш доданд, ки аз 1-уми сентябри соли 2026 маоши вазифавии кормандони муассисаҳои маориф, аз ҷумла, муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ, дигар муассисаҳои соҳаи маориф, соҳаҳои илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва дигар кормандони ин мақомот, дигар муассисаҳои

буҷетӣ, инчунин, стипендияҳо мутаносибан аз 20 то 25% зиёд карда шавад. Дар баробари ин, нафақаҳои суғуртавӣ, меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, инчунин, иловапулӣ ба онҳо ва андозаи нафақаи заминавӣ дар сатҳи таварруми соли 2025, вале на кам аз 15 фоиз аз андозаи муқarраршудаашон индексатсия (зиёд) карда шаванд ва ҳадди ақалли музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 1300 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад.

Вобаста ба масъалаҳои марбут ба занон Сарвари давлат қайд намуданд, ки Ҳукумати кишвар масъалаи мазкурро дар меҳвари фаъолияти рӯзмарра қарор дода, барои рушди ин самти муҳим мунтазам тадбирҳои судманд меандешад ва нақши бонувону занон ва духтарони бонангу номуси Ватанро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти давлат ва ҷомеа ҳамеша қадрдонӣ карда, зимнан, аз саъю талоши онҳо ба хотири бунёди ояндаи ободу осудаи кишварамон ифтихор дорем. Дар ин раванд бо итминон изҳор доштанд, ки занону бонувони мамлакат барои тарбияи фарзандон дар руҳияи омӯхтани илму дониш ва касбу ҳунар, риояи қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак», расму оинҳо ва суннату анъанаҳои мардуми бостонии тоҷик, аз ҷумла, сарфаю сариштакорӣ ва пӯшидани либосҳои миллӣ саъю кӯшиши бештар ба харҷ медиҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъи мураккаб дар манотиқи гуногуни дунё, шиддат гирифтани рақобатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ба хотири аз нав тақсим кардани ҷаҳон, мавҷи нави «ҷанги сард», ярокнокшавии бошитоб, заиф гардидани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дигар равандҳои пуртазод дар арсаи байналмилалӣ тазаккур доданд, ки дар чунин шароит моро зарур аст, ки дар баробари иштироки фаъол дар равандҳои глобалӣ, дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ ба саъю талошҳоямон барои расидан ба ҳадафҳои созанда - пойдории сулҳу субот ва таъмини амнияти фарогир тақвият бахшем.

Дар фароварди ироаи Паём Пешвои миллат таъкид намуданд, ки соли 2026 барои мо соли таърихӣ - соли таҷлили ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аст. Бинобар ин, ҳар як шаҳрванд ва ҳар як оиларо зарур аст, ки бо дарки масъулияти ватансозиву давлатсозӣ, пеш аз ҳама, хонаву кошона ва кӯчаву маҳалли зисти худро таъмиру тармим ва тозаву озода намояд ва ин раванди ободонӣ ва тозакорӣ бояд тамоми қаламрави кишварро то дурдасттарин деҳоти он фаро гирад ва ба як кори маъмулӣ табдил ёбад.

Пешвои миллат пешниҳод намуданд, ки соли 2026 “Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ” ба ифтихори ин ҷашни муқаддас ва бузурги миллӣ эълон карда шавад.

Паёми Пешвои миллат «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷати тақдирсоз дар самти пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаи Тоҷикистони азизамон маҳсуб ёфта, дастуру ҳидоятҳое, ки дар назди ҳар як соҳа гузоштанд, бояд чун дастури асосии афзалиятдошта ва барномаи рӯимизии ҳар як корманди соҳаи муайян бошад ва ҷиҳати иҷрои пурра ва саривақтии онҳо тадбирҳои зарурӣ амалӣ карда шаванд.

Воқеан, сарҷамъӣ дар атрофи Пешвои муаззами миллат барои мо фаҳмиши баланди давлату давлатдорӣ, дарк ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, ҳалли масъалаҳои дар назди давлату миллат гузоштаро осон мегардонад.

Мо бояд аз фазои осудаи кишвар, ваҳдати саросарии миллӣ, давлату давлатдорӣ шукргузорӣ намуда, барои пешрафти ҷомеа ва ноил шудан ба дастовардҳои нав беғаразона фаъолият намуда, ҷиҳати амалӣ намудани дастуру супоришҳое, ки аз Паём бармеояд, саҳмгузор бошем.

**Мусулмон ЗИЁЗОДА,**
**прокурори раёсати назорати иҷрои қонунҳо дар мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Панҷшанбе НАЗАРШО,**
**мудири шуъбаи маорифи ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон**



# САРЧАШМАИ ЗИНДАГОНӢ ОБ АСТ



Об бузургтарин захира дар рӯйи Замин аст. Агар масоҳати тамоми кураи Замин 510 миллион км² бошад, аз он 361 миллион км² ё худ 70%-и қисми онро об дар бар мегирад.

Об қисми асосии ҷисми зинда буда, дар равандҳои ҳаётӣ нақши аввалиндараҷа мебозад. 70 дарсади бадани одамро об ташкил дода, ҳифзкунандаи узвҳои муҳим, нигоҳдорандаи ҳарорати бадан, ёрирасони табдилёбии ғизо ба энергия ба ҳисоб рафта, функсияҳои муҳимми ҳаётиро ба кор мемонад.

Об сарвати бебаҳои олами ҳастист. Тавре маълум аст, ҳаёт аввалин маротиба дар об пайдо шуда, баъдан ба хушкӣ паҳн шудааст. Яъне, сарчашмаи асосии ҳаёту зиндагонӣ дар рӯйи Замин об аст.

Об дорои сохтори мураккаб буда, молекулаҳои он хосияти ҷудонашавандагӣ доранд. Об дар табиат дар се ҳолати муқаррарӣ мавҷуд аст: моеъ, сахт ва буғ. Ба ғайр аз об, дар сайёра ҷавҳаре нест, ки дар ин се ҳолати муқаррарӣ вуҷуд дошта бошад. Лаҳзае тасаввур кунед: агар об намебуд, сайёраи Замин як макони холӣ аз организми зинда ва биёбони хушку холиро мемонд.

Инсоният қисми асосии обро барои кишоварзӣ ва саноату хоҷагӣ истифода мебарад. Ҳоло ҳар шаҳрванди мамлакатҳои мутараққӣ ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз аз 300 то 400 литр об сарф мекунад, ки дар баъзе давлатҳо ин нишондиҳанда то

1045 литр мерасад. Тибқи ақидаи олимон барои тандурустии инсон дар як шабонарӯз 2 литр об кифоя мебошад. Ғайр аз миқдор, сифати об низ набояд сарфи назар шавад, чунки аз 3/4 ҳиссаи бемориҳо ва 1/3 ҳиссаи ҳодисаҳои фавт вобаста ба манбаи об аст. Ҳар сол зиёда аз 5 миллион нафар бо сабаби истеъмоли оби ифлос ба касалиҳои гуногун дучор шуда, аз дунё мегузаранд.

Имрӯз норасоии оби тоза ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш андохта, яке аз мушкилиҳои асосии инсоният ба ҳисоб меравад. Ҳоло дар Осиё зиёда аз 1 миллиард, Африқо 350 миллион ва Амрикои Лотинӣ зиёда аз 100 миллион нафар аз оби ошомиданӣ маҳруманд. Аз рӯйи ҳисобҳо дар ҷаҳони имрӯз зиёда аз 1,5 миллиард нафар аз норасоии оби нӯшокӣ азият мекашанд.

Боиси хушбахтӣ ва шукргузорист, ки кишвари мо дорои захираи бузурги обӣ буда, дар ҳудуди мамлакат 947 дарё, 1300 кӯл ва 9139 пирях мавҷуд мебошад. Захираи оби Тоҷикистон ба 98,6 км³ баробар буда, аз ҷиҳати захираи об дар миқёси ИДМ дар ҷойи дуюм мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои захираи бузурги обӣ дар сиёсати байналмилалӣ дар саргаҳи ташаббус ва иқдомоти вобаста ба обу иқлим қарор дорад. Зеро бо вуҷуди доштани сарчашмаҳои бузурги оби тоза, бо ин мушкилот рӯ ба рӯ ҳастем. Тайи солҳои охир масоҳати пиряхҳои Тоҷикистон, ки сарчашмаи муҳимми захираҳои оби минтақа мебошанд, аз андозаи сеяк кам шудааст ва аз 13 ҳазор пирях қариб як ҳазораш тамоман завол ёфтааст. Офатҳои табиии марбут ба об афзоиш ёфта, тайи 5–6 соли охир шиддатнокии офатҳои табиӣ 25% зиёд шудааст.

Бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ассамблеяи Генералии СММ соли 2003-ро «Соли байналмилалии оби тоза» эълон намуд ва дар доираи он моҳи сентябри соли 2003 дар шаҳри Душанбе аввалин Форуми байналмилалии оби тоза баргузор гардид, ки дар он ходимони давлатӣ, олимон ва дигар намояндагони ташкилоти гуногун аз 54 мамлакати ҷаҳон иштирок намуданд. Ҳамзамон, бо пешниҳоди башардӯстонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тули солҳои соҳибистиқлолии кишвар, ду даҳсола 2005 – 2015 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии «Об барои ҳаёт» ва 2018 – 2028 Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ҳамаҷониба дастгирӣ пайдо намуд, ки ин мақому манзалати Тоҷикистонро дар арсаи ҷаҳонӣ боз ҳам баландтар бардошт.

Дабири кулли Созмони Милали Муттаҳид Антониу Гутерриш ҳангоми сафар ба Тоҷикистон аз кӯли Сарез дидан намуда, обҳои Тоҷикистонро неъмати бебаҳо хонд: **«Зимни сафарҳои худ ман киёс меорам. Масалан, зодгоҳи ман Португалия барои бунёди сарбандҳо маблағҳои ҳангуфт, миллионҳо доллар сарф намуд, аммо Худованд ба кишвари дилписанди шумо сарбандҳои табиӣ ато кардааст».** Инчунин, А. Гутерриш дар бораи нақши Пешвои миллат дар масъалаи об чунин иброз намуд: **«Тоҷикистон дар истифодаи самаранок, оқилона ва устувори захираҳои обӣ намуна аст. Худи далели он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаббуси Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор»-ро манзур намуд, шаҳодат аз он медиҳад, ки то чӣ андоза Роҳбарияти Олии кишвар, Президенти муҳтарами Тоҷикистон ба мавзуи ҷаҳонии об аҳаммияти хосса зоҳир менамоянд».**

Дар умум, масъалаи об барои инсоният бисёр пураҳаммият мебошад. Моро мебояд дар хотир дошта бошем, ки муносибати оқилона ба ин неъмати табиат барои ободии Тоҷикистони азизамон нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки баҳри ободӣ ва шукуфоии ватанамон аз пешниҳод ва ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои муаззами миллат ҳаматарафа пайравӣ ва пуштибонӣ намоем.

Дилафрӯз ҚУРБОНЗОДА,
«Маърифати омӯзгор»,
Аълочии матбуоти Тоҷикистон



# АҲМАДҶОН РАҲМОНЗОДА: ИЛМУ АМАЛ БОЯД БО ҲАМ ТАВЪАМ БОШАНД



Дар замони муосир, ки пешрафти технологияҳои иттилоотӣ ва рақобатҳои илмӣ-техникӣ рӯз то рӯз бештар ба чашм мерасанд, бахши илму инноватсия ба яке аз сутунҳои асосии рушди кишварҳои олам табдил ёфтааст. Имрӯз дигар пешрафтро бе такя ба дониш, таҳқиқот ва илму инноватсия тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин раванд бо мавқеъгирии муайян ба рушди соҳаи илм ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Дар яке аз суханрониҳои хеш Роҳбари давлат чунин таъкид намуданд: **«Мо мақому манзалати илм, олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа аз нигоҳи иҷтимоӣ, маънавӣ ва молиявӣ давра ба давра баланд бардоштем. Зеро дар ҷаҳони муосир танҳо кишварҳое метавонанд ҳастии худро ҳифз карда, рушд ёбанд, ки шаҳрвандонашон дорои сатҳи баланди саводнокӣ ва маърифату фарҳанг, илмдӯсту донишманд ва соҳибҳунар бошанд».**

Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз сохторҳои калидӣ дар татбиқи ин сиёсат нақши созгор ва фаъол дорад. Сохтори мазкур дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии миллӣ ва байналмилалӣ фаъолият намуда, ҳамоҳангсозӣ, банақшагирӣ ва назорати корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, илмӣ-техникӣ ва инноватсионии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии тобеи вазоратро таъмин мекунад ва чораёни омодасозии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ, рушди фаъолияти илмии омӯзгорону донишҷӯён, ташкили конфронсу семинарҳо, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар амал, таҳлили фаъолияти илмӣ ва такмили сиёсати соҳа, инчунин, назорати иҷрои санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва барномаҳои давлатӣ дар самти маориф ва илмро ба роҳ мемонад. Ба муносибати Рӯзи илми тоҷик бо сардори раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илм Аҳмадҷон Раҳмонзода суҳбате оростем, ки фишурдаи онро пешкаши шумо - устодону омӯзгорон ва хонандагони арҷманди маҷалла мегардонем.

**- Муаллими гиромӣ, дар оғози суҳбат оид ба самтҳои асосии кор ва натиҷаҳои раёсати илм ва инноватсия каме маълумот медодед.**

- Фаъолияти раёсати илм ва инноватсия, дар маҷмуъ, ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм бахшида шудааст. Кормандони раёсат фаъолияти хешро дар партави сиёсати маорифпарваронаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгириву роҳнамоиҳои

роҳбарияти Вазорати маориф ва илм ба роҳ монда, мекӯшанд, ки дар баробари иҷрои вазифаҳои ҷорӣ, заминаҳои устувори рушди илму инноватсияро барои солҳои минбаъда фароҳам оранд. Тавре ки Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ироз доштаанд: **«Дар замони мо, яъне, давраи шиддати рӯзафзуни рақобату мухолифатҳо танҳо давлатҳое ҳастии худро ҳифз карда, пеш рафта метавонанд, ки миллати босаводу огоҳ, низоми пешрафтаи илмиву инноватсионӣ ва олимону навоварони донишманд дошта бошанд».**

Фаъолияти раёсат дар асоси Нақшаи кори вазорат ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа амалӣ гардида, бештар ба татбиқи қонунҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру супоришҳои Роҳбарияти Олии кишвар равона гардидааст. Дар соли сипаригашта 9 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҷдиди назар гардида, мутобиқ ба талаботи замони муосир такмил дода шуданд. Аз ҷумла, Қоидаҳои қабул ба магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи аттестатсияи хатм, Низомнома оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи рисолаи магистрӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома оид ба таҷрибаомӯзӣ дар магистратураи таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи ташкили раванди таълим дар магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи хориҷ, барқарор ва интиқоли магистрантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи роҳбарӣ (мушовирӣ) ба корҳои илмӣ-рисолаҳои унвонҷӯён, аспирантон ва докторантони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар гардида, бо қарорҳои ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуданд. Ин санадҳо тамоми зинаҳои таҳсилоти баъдидипломиро фаро гирифта, аз қабули магистрантон то ташкили корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар бар мегиранд. Яъне, мо кӯшиш кардем, ки низоми омодасозии кадрҳои илмиро ба як низоми муттасил ва ҳамоҳанг табдил диҳем. Ҳамзамон, таҳия ва тасдиқи Барномаи давлатии мақсадноки рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030 як дастоварди муҳим ба ҳисоб меравад. Барномаи мазкур бо мақсади идома бахшидан ба низоми самарабахши дастгирӣ ва рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти илмӣ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ, ҳамгироии неруҳои илмӣ ва технологӣ ба самтҳои афзалиятдоштаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар таҳия ва қабул гардидааст.

**- Яке аз иқдомҳои муҳим ва мондагор дар рушди илми кишвар баргузории Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» мебошад, ки бо ташаббуси бевосита ва таҳти сарпарастии Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор мегардад. Мегуфтед, ки амалишавии ин тадбири муҳим то чӣ андоза ба рушди илм таъсиргузор аст?**

- Бале, дар ҳақиқат, ин озмун имрӯз ба як падидаи ҷиддӣ ва муҳимму асаргузор дар фазои илмии кишвар табдил ёфтааст. Агар солҳои аввал онро бештар ҳамчун як чорабинии маърифатӣ қабул мекарданд, имрӯз он ба майдони воқеии рақобати зеҳнӣ ва кашфи истеъдодҳо мубаддал гардидааст. Масалан, дар даври чоруми озмун (соли 2025) аз рӯйи 8 номинатсия 671 нафар довталаб, аз ҷумла, 82 нафар аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 150 нафар аз вилояти Суғд, 144 нафар аз вилояти Хатлон, 159 нафар аз шаҳри Душанбе ва 136 нафар аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок намуда, аз ин теъдод 225 нафар хонандаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, 222 нафар хонандаи муассисаҳои таълимии типи нав, 154 нафар донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, 40 нафар омӯзгорон, ходимони илмӣ, аспирантону докторантон, докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD), докторантони ҳабилитат ва унвонҷӯён, муҳандисон, конструкторон ва намояндагони касбу кори гуногун мебошанд. Дар сатҳи баланд баргузор шудани ин озмун ва бо ҳам

омадани хонанда, донишҷӯ ва олим дар як фазои илмӣ худ як дастоварди бузург мебошад. Илова гардидани номинатсияи зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ низ ба рафти озмун бетаъсир намонд. Танҳо ҳамин тағйирот боис гардид, ки шумораи иштирокдорон нисбат ба соли пештар (2024) 104 нафар зиёд шавад. Ин нишондиҳанда гувоҳи возеҳи он аст, ки ҷавонон ба самти илмҳои муосир, махсусан, технологияҳои рақамӣ таваҷҷуҳи бештар пайдо кардаанд. Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои ин озмуни бонуфуз ва дар умум, метавон гуфт, ки ин иқдоми наҷибу ояндасози Сарвари давлат бахри кашфи истеъдодҳои нав, ҷавонони навовару ихтироъкор ва рушди илми тоҷик заминаи мусоид фароҳам овардааст.

**- Дигар озмунҳои ҷумҳуриявӣ дар соҳаи илм ва маориф баргузоршуда чӣ натиҷаҳо доданд ва то кадом андоза ба рушди фаъолияти илмӣ ва ҷалби муҳаққиқон мусоидат намуданд?**

- Дар баробари Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат», се озмуни муҳимми дигар - «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон», «Магистранти сол» ва «Олими сол» ҳамасола баргузор мегарданд. Ин озмунҳо тамоми зинаҳои фаъолияти илмиро фаро гирифта, барои иштирокдорон имкони муаррифии дастовардҳои худро фароҳам оварданд. Ҳамчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2020 Низомномаи озмуни «Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» тасдиқ гардидааст, ки тибқи талаботи ин санад дар даври ҷумҳуриявии озмун 9 нафар миёни омӯзгорон ва 6 нафар миёни олимон ғолиб меоянд. Ҳоло даври якуми озмунҳои ҷумҳуриявии «Олими сол», «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» ва «Магистранти сол» баргузор шуда, парвандаҳои ғолибон ба раёсати илм ва инноватсия ворид гардидааст ва онҳо, вобаста ба ҳар як озмун, аз ҷониби масъулин мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтанд. Қадрдонии ғолибони озмунҳои мазкур дар маросими бошукӯҳ ба муносибати Рӯзи илми тоҷик баргузор мешавад. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои ин сабқатҳо нишон медиҳанд, ки онҳо дар рушду таҳкими фаъолияти илмӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии муҳаққиқон ва ҷалби ҳарчи бештари олимону ҷавонон ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ нақши муассир доранд.

**- Имрӯзҳо рақамикунонӣ ва ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани соҳаи илм самти афзалиятноки фаъолияти ниҳодҳои илмии кишвар маҳсуб меёбад. Дар ин самт чӣ ташаббусҳои назаррас амалӣ гардиданд?**

- Яке аз иқдомҳои калидӣ ва муҳим, ки аз ҷониби раёсати илм ва инноватсия ва бо дастгирии роҳбарияти Вазорати маориф ва илм амалӣ гардид, таъсиси Пойгоҳи миллии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ - «Фарзонагон» мебошад. Ин платформа бо мақсади таъсиси махзани ягонаи илмӣ роҳандозӣ гардида, имрӯз ба як воситаи муҳимми идоракунии захираҳои илмӣ табдил ёфтааст. Пойгоҳ имкон медиҳад, ки маълумот оид ба кадрҳои илмӣ аз рӯйи ихтисос, синну сол, самти фаъолият ва дигар нишондиҳандаҳо таҳлил карда шавад. Ин барои банақшагирии сиёсати кадрӣ, муайян намудани ниёзҳои воқеии соҳа аҳаммияти калон дорад. Агар дар соли 2025 шумораи сабтиномшудагон 2850 нафар бошад, дар семоҳаи аввали соли 2026 ин рақам ба 6545 нафар расид. Нишондоди мазкур гувоҳи он аст, ки платформа тадриҷан ба як абзори кории воқеӣ мубаддал шуда истодааст.

**- Сатҳи рушди илми ҳар як кишвар, пеш аз ҳама, аз фаъолияти олимон ва мавҷудияти кадрҳои баландихтисосу дорои дараҷа ва унвонҳои илмӣ вобаста мебошад. Ҳоло вазъи кадрҳои илмӣ ва фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ дар кишвар чӣ гуна аст?**

- Тибқи маълумоти оморӣ дар кишвар шумораи кадрҳои дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба маротиб афзудааст ва ин раванд бомаром идома дорад. Дар соли 2025 ин нишондиҳанда 6630 нафарро ташкил дод ва дар аввали соли 2026 ба 6700 нафар расид. Аз ин теъдод 1005 (15,0%) нафар доктори илм (аз ҷумла, 180 нафар зан (18%)), 5376 нафар номзади илм ва 294 (5,46%) нафар доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос мебошанд. Аз теъдоди умумии номзадони илм ва докторони фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос 1720 нафарро (32%) занон ташкил медиҳанд. Аммо бо вуҷуди ин, талабот ба кадрҳои илмӣ ҳанӯз баланд аст. Аз ин рӯ, мекӯ-

шем, ки ҷавонони болаёқатро ба фаъолиятҳои илмӣ боз ҳам бештар ҷалб намоем.

Фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ низ мавриди назар қарор дорад. Ҳоло шумораи онҳо ба 94 адад мерасад, ки ин худ нишондиҳандаи густариши фазои илмӣ мебошад. Лоиқи зикр аст, ки дар се моҳи аввали соли 2026 117 нафар рисолаҳои илмии худро ҳимоя карданд. Мо танҳо ба афзоиши рақамҳо қонеъ намешавем, балки масъалаи сифати корҳои илмӣ ва фаъолияти назарраси шуроҳоро низ муҳим мешуморем. Дар баъзе ҳолатҳо норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, аз ин рӯ, барои ислоҳи онҳо тадбирҳои мушаххас андешида мешавад.

**- Дар самти идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти илмӣ чӣ корҳо анҷом дода шудаанд?**

- Дар ин самт бештар ба таҳлил ва назорат таваҷҷуҳ карда мешавад. Ҷараёни таҳсил дар зинаҳои магистратура, докторантура ва татбиқи лоиҳаҳои илмӣ пайваста мавриди омӯзиши гурӯҳҳои корӣ қарор мегиранд. Натиҷаҳои ин таҳлилҳо дар ҷаласаҳои назоратии назди вазири маориф ва илм ва ҳайати мушовара баррасӣ гардида, барои бартараф намудани камбудиҳо ба муассисаҳои илмиву таълимӣ дастурҳои мушаххас дода мешаванд. Кормандони раёсат барои пешрафти илми кишвар тамоми кӯшишу имконотро сафарбар намуда, ҷиҳати таҳкими неруи зеҳнӣ, рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисоси ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир фаъолияти пурбор доранд.

**- Ба муносибати Рӯзи илми тоҷик аз ҷониби раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илм чӣ тадбирҳо ва ташаббусҳои илмӣ ба нақша гирифтаву амалӣ шуданд?**

- Зиндагии имрӯзаро бе рушди илм ва дастовардҳои рӯзафзуни он наметавон тасаввур кард, аз ин рӯ, нақши илм ва тафаккури илмӣ дар пешрафти кишвари азизамон басо назаррас аст. Тавре устоди илму ахлоқ Абдурраҳмони Ҷомӣ гуфтааст:

**Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм,**
**Қулфкушои ҳама дарҳост илм.**

Бинобар ин, Рӯзи илми тоҷик дар Тоҷикистон бисёр бошукӯҳ ва дар сатҳи баланд таҷлил карда мешавад. Дар тамоми муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ: донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳо ҳафтаҳо, даҳаҳои илм доир мешаванд. Ба муносибати Рӯзи илми тоҷик аз ҷониби раёсати илм ва инноватсия низ як қатор чорабиниҳо ба нақша гирифта шуда буданд, ки то имрӯз қисми зиёди онҳо баргузор шуданд. Аз ҷумла, чӣ тавре ки дар боло ишора намудем, се озмуни сатҳи ҷумҳуриявӣ - «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон», «Магистранти сол» ва «Олими сол» дар арафаи ҷамъбаст ва натиҷагирӣ қарор доранд. Ҳамзамон, силсилаи конференсия, семинар ва ҳамоишҳои сатҳи баланди илмӣ оид ба мавзуъҳои муҳим баргузор гардиданд, ки ба баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявию амалии муҳаққиқон, рушди тафаккури илмӣ, таҳкими иқтидори кадрии соҳа ва густариши ҳамкориҳои илмӣ равона гардидаанд. Албатта, чунин чорабиниҳо ба муаррифии дастовардҳои нави илмӣ, мубодилаи таҷриба байни олимону муҳаққиқон ва баррасии роҳҳои ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеа мусоидат менамоянд.

**- Дар остонаи Рӯзи илми тоҷик ба аҳли илм ва хонандагони маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» чӣ гуфтаниҳо доред?**

- Рӯзи илми тоҷик рамзи эҳтиром ба дониш, заҳмати олимон ва ҷустуҷӯи пайвастаи ҳақиқат аст. Мо мебинем, ки бо татбиқи барномаҳои давлатӣ, рушди инфрасохтори илмӣ ва ҷалби бештари ҷавонон соҳаи илм дар кишвар ба марҳилаи нави пешрафту комёбиҳо ворид мегардад. Аҳли илмро мебояд, дар баробари омӯхтану аз худ кардани илмҳои мухталиф ва ба ҷомеа муфид, ташвиқи атрофиён ба илму ҳунаромӯзӣ амал кардан аз рӯйи дониставу омӯхтаҳояшонро ҳадафи аслии хеш қарор диҳанд, зеро шоир гуфтааст:

**Илме, ки дар он амал набошад,**
**Ҷуз арбадаву ҷадал набошад.**
**Илмат ба амал чу ёр гардад,**
**Қадри ту яке ҳазор гардад.**

**- Ташаккур барои суҳбати муфид ва самимӣ!**

- Саломат бошед!

**Аминҷон ЗАРИФӢ,**
**омӯзгор, ноҳияи Зафарободи вилояти Суғд**



# ОДАМ НАШАВАД КАСЕ МАГАР АЗ МАКТАБ



Устод Садриддин Айнӣ қаҳрамонест, ки на танҳо бо «Намунаи адабиёти тоҷик» адабиёти беш аз ҳазорсола, забони ноби тоҷикӣ, таърихи «Исёни Муқаннаъ», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Маънои калимаи тоҷик»-ро ба ҷаҳониён баён сохт, балки бо китоби «Таҳзиб-ус-сибён»-и худ аввалин дастури усули нави таълимиро бо забони тоҷикӣ барои тоҷикону дигар ақвоми Осиёи Миёна ба ёдгор гузоштааст. Таъсири «Наводир-ул-воқеъ»-и алломa Аҳмади Дониш, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷиддини Ҳаким, рӯзномаҳои «Ҳабл-ул-матин» (Ҳиндустон) ва «Чеҳранамо» (Қоҳира), ки бо забони форсӣ дар ибтидои асри XX нашр мешуданд, ба ҷаҳонбиниву тафаккури ислоҳотхоҳию маорифпарварии устод Айнӣ хеле бузург буда, асоси кушодани мактаби усули нав дар ҳавлии Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар соли 1908 гардидааст.

Китоби «Таҳзиб-ус-сибён» на танҳо барои усули нави таълим китоби дарсӣ буд, инчунин, барои ташаккули зеҳният, омӯзиши забон, шинохти қадри мактабу омӯзгор, аҳаммияти илму дониш, эҳтироми падару модар, васфи дӯстӣ, некиву накукорӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар руҳу равони кӯдакон таъсиру мақоми шоиста дошт. Дар қисмати дуюми ин китоб барои хониш қиссаи «Хонадони хушбахт» ҷой дода шуда, устод Айнӣ аз номи модар дар мактуб ба фарзанд дурбинонаю маърифатпарварона чунин менигорад: **«Нури дидаи ман! Аз ту танҳо хоҳиш дорам, ки ин аст: дар роҳи хондан саъй кун, ғайрат кун! Одам шав! Баъд аз он ба қадре, ки метавонӣ, дар Ватан ва аҳли ватани худ ва ҳам миллати худ хидмат намоӣ! Ба ман ҳамин шараф бас аст, ки дар дунё як ходими донишманд ба миллат ёдгор гузорам».**

Тамоми осори насрию назмии устод аз ғояи баланди маърифатпарварӣ дар самти таблиғи мактабу маориф ва таҳаввулу ислоҳоти ин соҳа иншо шудааст. Дар ашъори бо сабки равону сода иншошудаи ин аллома васфи мактаб ҷойгоҳи хосса дорад. Мактабро файзи Яздону кони ирфон ё ҷоне бар ҷисм баён сохтани устод Айнӣ инқилоби хирад баҳри беҳбудии рӯзгор ва роҳи раҳоӣ аз ҷаҳолат ва фақру нодории мардуми Шарқи мазлум буд:

**Аз файзи Яздон хон аст мактаб,**
**Бар лаъли ирфон кон аст мактаб.**
**Беҷон ҷасадро қадре набошад,**
**Ҷисм аст инсон, ҷон аст мактаб.**

Ё об аст мактаб, нон аст мактаб, гуфтани устод Айнӣ ҳикмати беҳини рӯзгорон аст, ки об чун сарчашмаи ҳаёт ва нон боиси зиндагӣ

ва ирфон бақои ном аст. Саъд (некуфол) аст мактаб, хайр (нек, хуб) аст мактаб фармудани устод ё дар моҳии ҷон об аст ирфон, бар мурғи ирфон дон аст мактаб, нигоштан таносуби нозукбинонаю дарёфти ҳамбастагии ду нуктаи нозук ё ду чизи ба ҳам пайванди ҳаётӣ доштааст, ки яке бе дигар набитвонад. Дар шеъри дигар, ки бо матлаи:

**Рӯи иродат матоб аз дари мактаб,**
**То ки шавӣ комёб аз дари мактаб…** оғоз мешавад, устоди нозукбину гавҳаршинос бо вожаву таъбирҳои халқӣ моҳияти масъаларо ошкору бо дард баён сохта, харобии ахлоқ, ташнагӣ дар водии ғафлат, хорию залилӣ, илмгурезӣ, беҳунарӣ ва дар зери абри ҷаҳолат буданро маҳкум сохта, роҳи наҷотро аз дари мактаб мебинад:

**Ташналабӣ то ба кай ба водии ғафлат,**
**Хез, биё, нӯш об аз дари мактаб!**
**Бо амали кимиёю фанни саноат**
**Хок шавад мушки ноб аз дари мактаб.**

Маснавии «Эй монда қадам ба роҳи мактаб, Олист мақому ҷоҳи мактаб» низ дар китоби «Таҳзиб-ус-сибён» ҷой дошта, бо вожаву таркибҳои содаи халқӣ мазмун, мундариҷа ва моҳияти мактаб баён карда шудааст, ки бе ҳеҷ шарҳе матлаб фаҳмост:

**Мактаб сабаби ҳаёт бошад,**
**Мактаб сабаби наҷот бошад.**
**Мактаб ба ту ақлу хуш бахшад,**
**Мактаб ба ту шаҳду нӯш бахшад.**
**Мактаб ба ту дод илму одоб,**
**Мактаб ба ту дод дурри ноёб.**

Суруди мактаб (Саҳаргоҳон), ки маърufияти бештар дорад, на танҳо даъват ба сӯйи махзани илму дониш, маърифату фазилат, ахлоқу одоб, балки хушдорест аз ҳамлаи ҷаҳлу бедонишӣ, ки оқибати баде дорад:

**Биёед, эй рафиқон, дарс хонем,**
**Ба бекорию нодонӣ намонем.**
**Ба олам ҳар касе бекор гардад,**
**Ба чашми аҳли олам хор гардад…**
**Зи илму маърифат гар баҳра ёбем,**
**Тавон бозуи нодонӣ битобем.**
**Вагарна ҷаҳл бар мо ҳамла орад,**
**Димор аз рӯзгори мо барорад.**

Дар шеъри «Ба парда то ба чандин рози тоҷик», ки ба муносибати нашри рӯзномаи «Овози тоҷик» бахшида шуда, дар шумораи дуюми он 4 сентябри соли 1924 чоп гардид, устод сайри мухтасари таърихи маърифату фарҳанги миллати тоҷикро намуда, нисбати дертар боз шудани мактабҳои усули нав барои тоҷикон шиква менамояд.

**…Ба зеҳни софу истеъдоди фитрӣ,**
**Набошад дар ҷаҳон анбози тоҷик.**
**…Фақат бемактабӣ дар аҳди ҳозир,**
**Каме монеъ шуд аз парвози тоҷик.**

Дар ҷамъ сохтану дарёфтани миллат, раҳнамоӣ бар самти мактабу маориф, соҳибӣ намудани мероси таърихӣ, фарҳангӣ, ахлоқию санъатӣ хидматҳои ин марди ҷонфидо бо арҷшиносии шоири ҳақгӯй Бозор Собир муносиб баён ёфтааст:

**Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарёфт ӯ,**
**Чун китоби кӯҳна аз вайронаҳо дарёфт ӯ.**
**Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,**
**Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст.**

Хидмату ҷоннисориҳои устод Айнӣ бемислу монанд ва беш аз қаҳрамонисту тавсиф, зеро рубоии дебочаи «Ёддоштҳо»-и устод баёнгари мухтасари он аст:

**Ин хона зи хишти кӯҳна андохтаам,**
**Дар вай ҷашне зи рафтагон сохтаам.**
**То аҳли замони мо бидонанд, ки ман**
**Як умри ҷавонӣ бо чӣ раҳ бохтаам.**

Дар боби мактабу маориф ва саҳми он дар рушди ҳамаи рукнҳои ҳаёти инсонӣ фармудаву таъкидҳои ҳамешагии устод Садриддин Айнӣ фаровон аст, лек рубоии зер хулосаи мантиқӣ ва содаву дақиқест, ки арзишу таъсири беназири мактабро баёнгар аст:

**Мактаб ба ту ёд медиҳад илму адаб,**
**Мактаб зи ту мебарад ғаму ранҷу тааб,**
**Як нуктаи мухтасар зи мактаб гӯям:**
**Одам нашавад касе магар аз мактаб.**

**Гавҳар ОДИНАЕВА,**
**муовини директор оид ба корҳои тарбиявии МТМУ №16-и ноҳияи Рӯдакӣ**



# ФАЙЗИ ОЗОДӢ, РОҲ БА ОБОДӢ ВА ОЯНДАСОЗӢ

35 сол барои таърихи миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик фосилаи чандон тулонӣ нест, аммо барои давлати ҷавону соҳибистиқлоли Тоҷикистон ин муддат сарнавиштсоз, муайянкунанда ва тақдирсозу тақдирофар гардид. Кишвари офтобию биҳиштосоямон дар ҳамин фосилаи нисбатан кӯтоҳи таърихӣ роҳи пурпечутобу сангин, вале пурифтихори давлатсозиро тай намуда, имрӯз ба марҳилаи рушди чашмгир ва пешрафти тамоми самту соҳаҳо ворид шудааст.

Истиқлоли давлатӣ барои миллати тоҷик танҳо як сана ё воқеаи сиёсӣ нест. Ин арзиши муқаддас, рамзи озодӣ, нишонаи худшиносӣ ва пояи асосии бунёди давлатдории миллӣ мебошад. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштаанд: **«Истиқлолу озодӣ барои мардуми Тоҷикистон гаронтарин неъмат ва пурқиматтарин сарвати зиндагӣ мебошад. Зеро ин падидаи нодири таърихӣ ба мо барои бунёди давлати мустақил, ҷомеаи озод ва мутамаддину пешрафта, эҳёи воқеии забон, таърих, фарҳанг ва дигар суннату арзишҳои чандинҳазорсолаи миллӣ имконият фароҳам овард».**

Оре, аз таърих бояд дарс ва таҷриба андӯхт. Агар ба оғози солҳои соҳибистиқлолии кишвар назар афканем, мебинем, ки кишвар дар вазъи ниҳоят душвор қарор дошт: ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, фалаҷ шудани иқтисод, коста гардидани низоми идоракунӣ ва сарсониву ноумедии мардум. Аммо бо иродаи қавӣ ва сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон таҳвонист аз ин гирдоби хатарнок раҳо ёбад ва масири ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва пешрафтро интихоб намояд.

Имрӯз, пас аз 35 соли Истиқлоли давлатӣ, мо шоҳиди дигаргуниҳои амиқу фарогир дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мегардем, ки ҳама аз баракати соҳибихтиёрӣ ва натиҷаи заҳмату меҳнат ва талоши сокинони сарбаланди мамлакат мебошанд. Давлате, ки аз харобаҳои ҷанг сар бардошт, имрӯз ба як кишвари рӯ ба инкишоф табдил ёфтааст. Рақамҳо худ гувоҳи ин ҳақиқатанд. Тавре аз Паёми навбатии Сарвари давлат ба Маҷлиси Олии кишвар (16.12.2025) бармеояд, танҳо дар даҳ соли охир ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ 3,4 баробар афзоиш ёфта, ба 173 миллиард сомонӣ расидааст, ки ин нишонаи возеҳи рушди устувори давлат мебошад. Афзоиши даромади аҳолӣ то 165 миллиард сомонӣ, коҳиш ёфтани сатҳи камбизоатӣ то 19 фоиз ва баланд гардидани умри миёнаи аҳолӣ то 77 сол гувоҳи возеҳи он аст, ки Истиқлоли давлатӣ ба беҳбудии воқеии сатҳи зиндагии мардум замина гузоштааст.

Яке аз самтҳои муҳимми пешрафти кишвар дар солҳои истиқлол бунёдкориву созандагӣ мебошад. Имрӯз тамоми қаламрави Тоҷикистон дар доираи эълон гардидани соли 2026 «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» ба майдони сохтмон ва ободонӣ табдил ёфтааст. Ба ифтихори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ беш аз 29 ҳазор иншоот ба нақша гирифта шуда буд, ки то имрӯз қисми зиёди он ба истифода дода шудаанд. Сохтмони иншооти соҳаи маориф, аз ҷумла, кӯдакистону мактаб, синфхонаҳои иловагӣ, донишгоҳу до-

нишкадаҳо ва дигар муассисаҳои таълимӣ ва омӯзишӣ барои суръат бахшидан ба раванди тараққиёти кишвар заминаи мусоид фароҳам овардааст. Чунин раванд ва силсилаи иқдомоти нек бозгӯи онанд, ки бунёдкориву ободонӣ ва саҳмгузорӣ дар пешрафти Ватани маҳбуб ба фарҳанги зиндагии мардум табдил ёфтааст.

Дар баробари ин, рушди саноат ҳамчун пояи асосии иқтисоди миллӣ дар маркази диқати сиёсати давлатӣ қарор дорад. Танҳо дар ҳафт соли охир беш аз 2600 корхонаи саноатӣ бунёд гардида, зиёда аз 87 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 66 миллиард сомонӣ расидааст, ки ин нишондиҳандаи гузариши тадриҷӣ ба иқтисоди саноатӣ мебошад. Ҳамзамон, солҳои охир ворид намудани технологияҳои рақамӣ ба иқтисодиёт ва рушди зеҳни сунъӣ суръати хосса касб намудааст, ки ин нишонаи ҳамқадамӣ бо замон маҳсуб меёбад.

Дар баробари пешрафти иқтисодӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ низ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи Роҳбарияти Олии давлат ва Ҳукумати кишвар қарор доранд. Баланд бардоштани музди меҳнат, зиёд шудани маблағгузорӣ ба соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ нишондиҳандаи он аст, ки ҳадафи аслии давлат ба беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум нигаронида шудааст. Барои мисол, танҳо барои соҳаи маориф ва илм дар соли 2026 аз ҳисоби буҷети давлатӣ қариб 14 миллиард сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба даҳ соли пеш панҷуним баробар зиёд аст.

Дар ҳақиқат, Истиқлоли давлатӣ арзиши бузург аст. Ин арзиш ва муқаддасот, пеш аз ҳама, ба маърифати миллӣ, худшиносӣ ва ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ такя мекунад. Дуруст гуфтаанд, ки агар миллате таърихи худро надонад, наметавонад ояндаи худро созад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба фарҳанг, эҳёи анъанаҳо, нашри осори классикӣ ва тарбияи насли худогоҳ аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ, хусусан, вазифа ва рисолати аввалиндараҷаи омӯзгорону тарбиягарони насли нав ба ҳисоб меравад.

Тарбияи наврасону ҷавонон дар руҳияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ яке аз вазифаҳои муҳимтарини ниҳодҳои ҷамъиятӣ мебошад. Мактаб, оила ва ҷомеа бояд якҷо амал намуда, насли навро ҳамчун шахсиятҳои соҳибмаърифат, ватандӯст ва масъулиятшинос ба камол расонанд. Зеро маҳз ҷавонон идомадиҳандагони роҳи истиқлол ва бунёдгарони фардои кишвар мебошанд.

Имрӯз, дар шароите, ки ҷаҳони муосир бо равандҳои мураккаби сиёсиву фарҳангӣ ва таҳдидҳои гуногун рӯ ба рӯ аст, ҳифзи ҳувияти миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ ба яке аз масъалаҳои калидӣ табдил ёфтааст. Таъсири фарҳангҳои бегона, иттилооти носаҳеҳ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ метавонанд ба шуури наврасону ҷавонони мо таъсири манфӣ расонанд. Маҳз дар ҳамин замина, масъалаи ифтихори ватандорӣ ва ҳувияти миллӣ аҳаммияти вижа пайдо мекунад. Ватандорӣ танҳо эҳсоси ифтихор аз гузашта нест, балки дарки масъулият барои имрӯз ва фардои Ватан аст. Ҳоло ҳар як наврасу ҷавон бояд дарк намояд, ки истиқлол ба осонӣ ба даст наомадааст ва ҳифзи он заҳмат, дониш ва садоқат талаб мекунад. Аз ин рӯ, тақвияти худшиносӣ, эҳтиром ба таърих, забон ва фарҳанги миллӣ бояд дар меҳвари сиёсати тарбиявӣ қарор дошта бошад.

Эълон гардидани соли 2026 ҳамчун «Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ» низ аз ҳамин зарурат бармеояд. Таҷрибаи таърихии Тоҷикистон нишон дод, ки танҳо дар фазои сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмӣ метавон ба рушду пешрафт ноил гардид.

Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди кишвар бояд дарк намояд, ки истиқлол танҳо дастоварди гузашта нест, балки масъулияти имрӯзу фардо низ ҳаст. Ободии Ватан аз хонаи ҳар яки мо, аз кӯча ва маҳалли зисти мо оғоз меёбад. Маҳз бо чунин муносибат метавонем Тоҷикистони азизро боз ҳам ободу зебо гардонем.

35 соли соҳибистиқлолӣ фурсати андеша, натиҷагирӣ ва муайян кардани роҳҳои оянда мебошад. Роҳи тайшуда собит намуд, ки миллати тоҷик дорои иродаи қавӣ, фарҳанги ғанӣ ва неруи созанда аст. Акнун вазифаи мост, ки ин дастовардҳоро ҳифз намуда, барои наслҳои оянда Тоҷикистони боз ҳам пешрафтаву шукуфоро ба мерос гузорем.

**Эҳром РАҶАБОВ,**
**омӯзгори фанни географияи МТМУ №63-и шаҳри Истаравшани вилояти Суғд**



# «ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ» - ОМИЛИ ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИЛМ ВА МАОРИФ

Боиси сарфарозист, ки бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 1 январи соли 2026 тахти №АП-950 Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» дар миқёси кишвар баргузор гардида истодааст. Озмуни мазкур дар доираи татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (2020-2040)» роҳандозӣ гардида, ба таҳкими пояҳои сиёсати давлатӣ дар самти рушди илм, маориф ва иқтисоди донишбунёд равона шудааст. Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» бо мақсади ташаккули тафаккури илмӣ, рушди қобилиятҳои таҳлилӣ ва эҷодӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, инчунин, таҳкими робитаи илм бо истеҳсолот баргузор мегардад. Ҳадафи асосии озмун ҷалби фарогири хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон, муҳаққиқон ва намояндагони касбу кори гуногун ба омӯзиши амиқи фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиатшиносӣ буда, он ҳамзамон ба дарёфт, муаррифӣ ва дастгирии истеъдодҳои ҷавон дар самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодии кишвар нигаронида шудааст.

Мувофиқи низомнома иштирокдорон аз рӯйи номинатсияҳои зерин ширкат меварзанд:

- **математика (арифметика, алгебра, геометрия);**
- **физика ва астрономия;**
- **химия;**
- **биология (ботаника, зоология, анатомия);**
- **география;**
- **технологияи иттилоотӣ;**
- **зеҳни сунъӣ ва барномасозӣ;**
- **ихтироъкорӣ ва навоварӣ.**

Дар он хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, магистрантон, аспирантону докторантон, омӯзгорон, муҳандисон, конструкторон ва дигар намояндагони қишрҳои ҷомеа иштирок карда метавонанд.

**Тартиб ва марҳилаҳои баргузорӣ:**

Тибқи Низомнома Озмуни «Илм – фурӯғи маърифат» дар чор давр – аз моҳи апрел то ноябр баргузор карда мешавад. Даври якум дар муассисаҳои таълимӣ ва илмӣ, даври дуюм дар сатҳи шаҳр ва ноҳияҳо, даври сеюм дар сатҳи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва даври чорум ҳамчун марҳилаи ниҳоии ҷумҳуриявӣ бо ҳамкории Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мегардад. Чунин тартиб шаффофият, рақобати солим ва интихобу ҷобаҷогузории одилонаи иштирокчиёнро таъмин менамояд.

**Меъёрҳои арзёбӣ ва талаботи илмӣ:**

Арзёбии сатҳи дониш, малака ва маҳорати иштирокчиён тибқи низоми ягонаи 100-хола сурат гирифта, дар он донишҳои назариявӣ, қобилияти татбиқи амалӣ, иҷрои корҳои озмоишӣ ва пешниҳоди дастовардҳои илмӣ ва навоварона ба назар гирифта мешаванд. Дар номинатсияҳои зеҳни сунъӣ, барномасозӣ ва ихтироъкорӣ ба самаранокии иқтисодӣ, имкони татбиқи амалии натиҷаҳо ва унсурҳои навоварӣ аҳаммияти махсус дода мешавад.

**Ҳавасмандгардонӣ ва имтиёзҳои иҷтимоӣ:**

Ғолибони ҳамаи даврҳои озмун бо муко-

фотҳои моддӣ ва маънавӣ қадрдонӣ мегарданд. Ғолибони даври ниҳоӣ ва барандаи Шоҳҷоиза, дар баробари мукофотҳо аз имтиёзҳои муҳимми иҷтимоӣ ва таълимӣ, аз ҷумла, ҳуқуқи қабул ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бе супоридани имтиҳон, бархурдор мешаванд. Омӯзгорон ва волидони ғолибон низ мавриди қадршиносӣ қарор мегиранд.

Таҳлили мухтавои Низомномаи озмун нишон медиҳад, ки ин тадбири муҳим аз лиҳози фарогирӣ, миқёс ва таъсиргузорӣ ба рушди истеъдодҳои ҷавони имрӯзи кишвар мусоидат менамояд. Ин озмуни бошукӯҳ, ки бо сарпарастии бевоситаи Пешвои муаззами миллат баргузор мешавад, барои наврасону ҷавонон ва дигар қишри ҷомеа имкони мусоиди санҷиш ва ташаккули донишу таҷриба мебошад.

Танҳо барои баргузории ин иқдом дар соли 2026 аз ҳисоби фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 миллиону 870 ҳазор сомонӣ ҷудо гардидааст, ки ин рақам худ далели равшани аҳаммияти бузург доштани озмун ва таваҷҷуҳи махсус доштани Сарвари давлат ба рушди иқтидори зеҳнии кишвар ва насли ҷавони миллат мебошад. Илова бар ин, мақомоти маҳаллӣ ва муассисаҳо уҳдадоранд хароҷоти даврҳои якум, дуюм ва сеюмро таъмин намоянд, ки ҳаҷми умумии маблағгузориро боз ҳам бештар мекунад.

Имтиёзҳои пешбинишуда низ бо нишондиҳандаҳои мушаххас арзишманд мебошанд. Ғолибони даври ниҳоӣ то 3 сол ҳуқуқи иштирок дар ҳамин номинатсияро надоранд, ки ин ба ворид шудани истеъдодҳои нав замина фароҳам намуда, ба афзоиши шумораи ҷавонони боистеъдод дар соҳаи илм ва техника мусоидат мекунад.

### Пешниҳодҳо ҷиҳати таҳкими самаранокии бештари озмун

Бо дарназардошти миқёси баргузорӣ ва аҳаммияти илмии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» тадбирҳои иловагӣ метавонад, самаранокии онро боз ҳам баланд бардорад:

**1. Таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои ягонаи методӣ ва дастурҳои омӯзишӣ барои омӯзгорон ва довталабон, то сатҳи омодагӣ ба озмун дар тамоми минтақаҳо як гуна таъмин гардад.**

**2. Муассисаҳои таълимӣ, бахусус, дар шаҳру ноҳияҳои дурдаст бо озмоишгоҳҳо, таҷҳизоти муосири илмӣ ва воситаҳои рақамӣ барои омодагии амалӣ ба озмун таъмин бошанд.**

**3. Ташкили низоми мониторинг ва дастгирии минбаъдаи ғолибон пас аз анҷоми озмун, аз ҷумла, ҷалби онҳо ба лоиҳаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва барномаҳои инноватсионӣ.**

**4. Ҷалби корхонаҳо, марказҳои илмӣ ва бахши хусусӣ ба равандҳои арзёбӣ ва татбиқи амалии натиҷаҳои озмун, то ки ихтироот ва барномаҳои пешниҳодшуда ба истеҳсолот роҳ ёбанд.**

**5. Боз ҳам баланд бардоштани сатҳи таблиғу ташвиқ тавассути воситаҳои ахбори омма ва платформаҳои рақамӣ бо мақсади ҷалби бештари ҷавонон, бахусус, духтарон ба фанҳои дақиқ ва техникӣ.**

**6. Бо мақсади таъмини шаффофият, пешниҳод мегардад, ки дар ҷойҳои баргузории озмун камераҳои назоратӣ насб карда шаванд ва намояндагони воситаҳои ахбори омма ҳамчун нозирони мустақил ҷалб гарданд.**

**7. Риояи қатъии низомнома дар масъалаи қадрдонии омӯзгорон дар тамоми шаҳру ноҳияҳо.**

Хулоса, ин тадбирҳо кафолат медиҳанд, ки раванди озмун холисона сурат гирифта, хонандаи босавод ва лаёқатманд соҳиби ҷой гардад. Бо такя ба сифру рақамҳо метавон хулоса кард, ки Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» на як чорабинии рамзӣ, балки як низоми мукаммали рушди истеъдодҳо мебошад. Фарогирии чандмоҳа, шумораи зиёди иштирокдорон, низоми дақиқи 100-хола, ҳиссаи баланди корҳои амалӣ, маблағгузорӣ ва имтиёзҳои дарозмуддати таълимӣ нишон медиҳанд, ки ин озмун метавонад ба таври воқеӣ ба пешрафти илм, ташаккули захираи кадрии илмӣ ва таҳкими мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти иқтисоди донишбунёд мусоидат намояд.

**Файзиддин РАҶАБАЛИЕВ,**
**устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**



# ФАЛСАФАИ ҚАЛАМ ВА ҚАДАМ

## Ё чанд дарси мактаби зиндагӣ аз «Ёддоштҳо»-и профессор С. Ятимов




Хотиротнигораҳо ё худ адабиёти ёддоштӣ чун оина на танҳо сарнавишти як инсон, балки симои як даврон, руҳияи як ҷомеа ва фалсафаи бузурги зиндагиро дар худ инъикос месозанд. Ин ҳикмат аз рӯйи моҳият дар «Ёддоштҳо»-и шахсияти донишманд ва нависандаи равшаннигоҳи тоҷик, академик Саймумин Ятимов ба таври шоиста таҷассум гардидааст.

Китоби мазкур фарогири давраҳои гуногуни зиндагии муаллиф буда, аз солҳои кӯдакӣ оғоз мешавад, ки нахустин қадамҳои ба сӯйи мактабу илмро нишон медиҳад. Қиссаи мактабравии муаллиф худ як асари амиқи психологӣ ва педагогӣ аст. Қаҳрамони хурдсоли қисса, бо як дунё орзуву ҳавас, пинҳонӣ аз волидон ва бо пойафзоли латтапеч ба сӯйи мактаб мешитобад, ки ин тасвир рамзи ташнагии фавқулода ба дониш маҳсуб меёбад. Дар лобалои ин сатрҳои зиндаву табиӣ, паём ва дарсҳои бузурге барои ҷомеаи имрӯза ва ҳар яки мо нуҳуфтааст, ки бозбинии онҳо басо муҳим мебошад.

Яке аз саҳнаҳои таъсирбахштарини асар лаҳзаест, ки кӯдаки ба синни мактабӣ расида, дар нахустин рӯзи таҳсилаш (1-уми сентябр) субҳи барвақт аз хоб бархоста, бо беқарорӣ ба мактаб рафтан мехоҳад. Модараш бо тааҷҷуб мегӯяд, ки ҳамсояҳо фарзандони худро бо ваъдаи «велосипеду тӯб» ба мактаб бурда наметавонанд, аммо ин кӯдак бо шунидани номи китоб «хӯшаш меравад». Дар ин муқоисаи сода як ҳақиқати ибратомӯз барои ҷомеаи муосир наҳуфтааст. Имрӯз, дар асри технология ва фановарӣ, мо аксаран шоҳиди он ҳастем, ки волидон бо қимматтарин тuҳфаҳову ваъдаҳо фарзандонро ба хондан ташвиқ мекунанд, вале шавқи ботинӣ дар баъзеҳо ба назар намерасад. Қиссаи мазкур ба мо таъкид мекунад, ки ангезаи ҳақиқӣ барои омӯзиш ҳаргиз набояд моддӣ бошад, ҳарчанд, илми педагогика ҳавасмандсозӣ дар раванди омӯзишро инкор намекунад. Вале дар қалби инсон ниёзи ботинӣ ба дониш фурӯзон кардан масъалаест, ки ба моддиёт камтар иртибот дошта, беҳтарин шароити замонавӣ ҳам наметавонад аз як инсони беҳадаф ва беирода донишманди асил ва ё шахсияти муваффақ созад.

Дар баробари шавқу ҳавас, ин навиштаҳо ба мо дарси шикастнопазирӣ ва табдили дард ба неруро медиҳанд. Вақте қаҳрамони хурдсол бо ҳазор умед ба мактаб меравад, муаллими сахтгир ӯро аз саф берун мекунад ва аз мактаб меронад. Барои ҳар кӯдаки дигар ин метавонист як зарбаи сахти равонӣ бошад ва ӯро як умр аз мактабу муаллим дилсард кунад. Аммо вокуниши ин кӯдак ҳайратовар аст: «Ман бояд мегиристам... Аммо қаҳру ғазаби як муаллими номдор... маро хушёр кард. Ман нагиристам. Зиндагӣ ҳамеша моро бо оғӯши кушод ва навозиш қабул намекунад».

Ин сабақ нишон медиҳад, ки дар роҳи расидан ба ҳадафҳо, чӣ дар таҳсил ва чӣ дар кор, мо борҳо бо рад шудан, ноумедӣ ва сахтгирии дигарон рӯ ба рӯ мешавем. Дарси бузурги ин лаҳза он аст, ки нокомиҳо ва бемеҳриҳо набояд моро бишкананд, балки бояд иродаи моро обутоб диҳанд. Таҳаммулпазирӣ, идораи эҳсосот ва нагиристан дар баробари сахтиҳо аввалин ва устувортарин қадам ба сӯйи пирӯзист.

Авҷи фалсафии ин ёддоштҳо дар мактаби хонагӣ ва суханони модари қаҳрамон таҷассум ёфтааст, ки ба назари ман, метавонад дастурамали мукаммали зиндагӣ бошад. Як зани деҳотӣ, ки дар миёни корҳои сангини рӯзгор қарор дорад, бузургтарин дарси ҳаётро ба фарзандаш медиҳад.

Ӯ на танҳо тарзи доштани қаламро бо се ангушт меомӯзонад, балки як формулаи ҳастиро пешниҳод мекунад: «Акнун қалам гирифтанро хуб ёд бигир, то қадаматро бо қалам ва қаламатро бо қадам ҷӯр карда тавонӣ». Ин як паёми беназири иҷтимоӣ ва фалсафист. «Қалам» рамзи савод, илм ва тафаккур аст, дар ҳоле ки «қадам» рамзи амал, кор, рафтор ва зиндагии воқеӣ мебошад.

Дар ин китоби хотиротӣ мо дар баробари воқеаву рӯйдодҳои зиёд як неруи бузурги дигари таҳрикдиҳандаро мушоҳида мекунем, ки он ҳам бошад симои як модари баруманди тоҷик аст. Модари тоҷик бо ҳикмати фитрии худ ба мо мегӯяд, ки илми бе амал ва амали бе илм арзише надорад. Агар дониши мо бо рафтор ва фаъолияти мо мувофиқ наояд, мо дар зиндагӣ хор мешавем. Мо дар таърих зиёд дидаем модаронро, ки зиндагии худро сарфи рӯзгори фарзандон мегардонанд: мисле, ки модари риёзидони машҳур Пантриягин барои таъминоти маънавии фарзанди нобинояш забони олмонӣ омӯхта, ҳамарӯза нашриёҳои илмии риёзишиносиро барои фарзандаш қироат мекардааст. Аммо агар аз лиҳози фарогирии кору масруфият таҳлил кунем, модарони тоҷик дар баробари машаққати корҳои саҳроӣ, хонаводагӣ боз 6, 8 ва ё 10 фарзандро таъмин карда, ба роҳи мактабу донишу зиндагӣ равон кардаанд. Мутаассифона, имрӯз мо ҷавонони зиёди дипломдор дорем, ки соҳиби «қалам» ҳастанд, аммо дар бардоштани «қадам»-и устувор дар бозори меҳнат ва саҳнаи зиндагӣ оҷизанд. Ин сухани модар стратегияи комилест барои пайванди илму амал.

Дар ин раванд, нақши падар низ ҳамчун як мактаби мустақилият ва худомӯзӣ хеле барҷаста аст. Симои падар дар қисса ба ҳайси як шахсияти қоидасолор, воқеъбин ва дурандеш тасвир ёфтааст. Ӯ аз рафтан ба назди муаллим ва зораву илтиҷо кардан худдорӣ мекунад, зеро мехоҳад фарзандаш ба неруи худаш такя намояд. Баъдтар, маҳз ҳамин падар ба фарзандаш беҳтарин усулҳои азёдкунӣ ва кор бо матнро меомӯзонад: роҳ гашта хондан, ба кор андохтани тамоми торҳои асаб ва таҳлили амиқи маънои шеър. Ин ба мо хотиррасон мекунад, ки тарбияи волидон набояд танҳо бо фароҳам овардани шароити моддӣ маҳдуд шавад. Падар дар ин қисса ҳамчун як равишдон ва равоншинос амал карда, ба кӯдак «моҳӣ» намедиҳад, балки «тарзи моҳигирӣ»-ро меомӯзонад. Барои насли имрӯз, ин таъкиди равшанест бар он ки мустақилона кор кардан, тафаккури таҳлилӣ доштан ва дарки амиқи маънои сухан калиди асосии рушди зеҳнӣ ва камолоти инсонист.

Гузашта аз ин, дар нигошта симои як марде тасвир шудааст, ки ба фарзанди хурдсол на ҳамчун як василаи шодмонӣ ва ё завқ муносибат мекунад, балки кор бо фарзанд ва фаҳмонидани ин ё он равиши омӯзиш ба кӯдакро масъулият медонаду шарти тарбия мепиндорад.

Ниҳоят, дарси дигаре, ки аз ин сатрҳо бармеояд, қадршиносии гузашта ва ҳифзи асолат аст. Дар охири қисса академик С. Ятимов иқрор мешавад, ки китоби «Алифбо»-и кӯҳна ва номаҳои модаршро ҳамчун муқаддасоти бебаҳо то имрӯз дар китобхонааш нигоҳ медорад. Кӯдаке, ки замоне дар лаби ҷӯйбор бо ҷӯбча рӯйи қум хат мекашид ва дар орзуи мактаб мегирист, имрӯз як донишманд ва арбоби барҷастаи давлатист. Аммо ӯ решаҳои худро ҳаргиз фаромӯш накардааст ва ҳусни хатти худро ёдгоре аз модари заҳматкашаш медонад. Ин нукта ба мо ёдрас мекунад, ки ҳар қадар инсон дар зиндагӣ ба қуллаҳои баланд бирасад, набояд сарчашмаи худро фаромӯш кунад, рӯзгори пуштисаршударо аз ёд барад, балки ҳар рӯзу воқеаи сипаришударо барои ояндаи нек дар зеҳн нигоҳ дорад.

Асолатан, эҳтиром ба волидон, қадршиносии заҳмати онҳо ва ҳифзи хотираҳои неки айёми сахтӣ инсонро бомаърифат ва хоксор нигоҳ медорад. Пешрафт дар зиндагӣ ҳаргиз маънои кандан аз гузашта ва фаромӯш кардани асолатро надорад, балки омӯзиши ҷаҳон ва рушди шахсият инсонро барои дарки воқеияти ҷаҳон мусаллат сохта, барои шинохти воқеии хадамоту худгузаштагиҳои волидон ва гузаштагони инсон ва наслҳо қавитар мегардонад.

Дар маҷмуъ, як порча аз «Ёддоштҳо»-и профессор С. Ятимов танҳо таърихи хондани як кӯдак нест, балки достони шаклгирии ирода, ташаккули шахсият ва пирӯзии меҳнат бар маҳрумият аст. Барои мо, хонандагони имрӯз, ин навиштаҳо як дастурамали зиндагист, ки собит месозад: шавқу ташнагӣ ба илмро ҳеҷ сарвате ивaз карда наметавонад, беҳтарин мактаб домони модару ҳидояти падар аст ва муваффақияти ҳақиқӣ танҳо ҳамон вақт ба даст меояд, ки мо тавонем «қалам»-и тафаккуру донишро бо «қадам»-и амалу заҳмат ба таври ҳамешагӣ ҳамрадиф созем.

**Назришо БАЧАМАРДОВ,**
**директори МТМУ №14-и ноҳияи Ванҷи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон,**
**Абубакр БАЧАМАРДОВ,**
**корманди раёсати робитаҳои байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ: ТАҲКИМИ ОН ДАР ҶАҲОНИ ПУРТАЗОД

### Ҷаҳони пуртазод ва ҳолати хатарзо

Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ ва халқи шарифи кишвар чун паёмҳои қаблӣ дар шароите ироа шуд, ки тартиботи ҷаҳонӣ рӯз ба рӯз печида мегарданд. Меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва муносибатҳои дипломатӣ барои бисёре аз созмону кишварҳои дунё камрангу бетаъсир шуда, низоми равобити ҷаҳонӣ, ба назари коршиносон, ҳолати табиии худро ошкор сохт. Намунаи ин низоми лаҷомгусаста созмону гурӯҳҳои ҳаросафкане мебошанд, ки имрӯз зимоми қудратро ба даст гирифта, аз ҷониби кишварҳои муайян ба расмият шинохта шуданд. Давлатҳои қудратманд рӯирост ба хоки дигар кишварҳо ҳамла карда, ба соҳибихтиёрии давлатҳои хурд бо баҳонаи “демократия” таҳдид менамоянд. Ин вазъ ба мусаллаҳшавии бошитоб замина мегузорад.

Ёдрас намудани вазъи сиёсӣ ва манзараи геополитикии олам аз он нуктаҳои муҳиммест, ки дар меҳвари Паёми ҳамасолаи Сарвари давлат қарор дошта, дар робита ба ин масъала Пешвои миллат ба мардуми шарифи Тоҷикистон чунин хушдор медиҳанд: **“Вазъи мураккаб дар манотиқи гуногуни дунё, шиддат гирифтани рақобатҳои геосиёсӣ ва геоиқтисодӣ ба хотири аз нав тақсим кардани ҷаҳон, мавҷи нави «ҷанги сард», ярокнокшавии бошитоб, заиф гардидани меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дигар равандҳои пуртазод дар арсаи байналмилалӣ ҳамоно мояи нигаронӣ боқӣ мемонад.”**

### Ҳуҷумҳои арзишӣ ба зеҳну шуури ҷомеа

Имрӯз нармабзорҳои гуногуни иттилоотӣ дар хидмати гурӯҳҳои фурсатҷӯ ва манфиатхоҳ қарор гирифтаанд. Онҳо барои сусту заиф сохтани пояҳои устувори давлат дар зеҳни ҷавонон камин гирифта, дар ин мазраа тухми нифоқу душманӣ мекоранд ва девори ваҳдату ягонагии миллиро хароб мекунанд. Фарҳанги фардгароӣ ва худхоҳиро тарғиб карда, ҷавононро шефтаи дигар навъи ҷаҳонбинӣ менамоянд. Барои онҳо арзишхое, монанди оила, миллат, забон, таърих ва фарҳанг камаҳаммият арзёбӣ мешаванд.

Насли наврас ҳамарӯза зери таъсири ҷараёни густурдаи иттилоот ва ҳуҷумҳои ҳадафманди арзишӣ қарор гирифтааст. Ин раванд на танҳо хусусияти фарҳангӣ, балки паёмадҳои идеологиро низ дар пай дорад. Фазои сомона ва шабакаҳои маҷозӣ ба майдони рақобати марказҳои таъсиргузор табдил ёфтааст.

Дар чунин шароит, зеҳн ва шуури насли ҷавон ба объекти таъсирпазир мубаддал мегардад. Вобастагии афзояндаи кӯдакон ва наврасон ба телефонҳои хушманд на танҳо мушкилоти тарбиявӣ, балки масъалаи амнияти маънавӣ ва ҳифзи ҳувияти миллӣ низ ҳисоб меёбад. Маълумоти шахсӣ, завқ ва руҳияи корбарон тавассути алгоритмҳо ҷамъоварӣ шуда, барои таъсиррасонӣ истифода мешаванд. Ин раванд дар шаклгирии афкори сиёсӣ низ таъсир мерасонад.

Агар кишварҳо дар робита ба ин масъала худро бетараф нишон диҳанд, рӯзи навмедӣ ба дарки ин таҳдидҳои хатарзо мерасанд. Шоира Махфӣ бамаврид гуфтаанд: “Рӯзи навмедӣ чу ояд, ошно душман шавад”. Пешвои миллат бо таъкид ба аҳаммияти ваҳдату якдилии мардуми тоҷик дар баробари хатарҳои афзоянда бо эҳсосоти баланди миллатдӯстӣ ба халқи худ чунин маслиҳат медиҳанд: **“Такя ба ҳамин миллат кунед. Такя ба ҳамин сарзамини аҷдодӣ кунед. Дар ягон давлати дигар мову шуморо интизор нестанд.”**

Дар шароити пуртазодди муосири ҷаҳонишавӣ, бархӯрди арзишҳо ва бухрони ҳувият ин афкори созандаи Мавлоно Балхӣ судманд мебошад:

**Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,**
**Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.**

Яъне, дар ҷаҳоне, ки равандҳои иттилоотӣ ва фарҳангии фаромиллӣ боиси камранг шудани арзишҳои миллӣ мегарданд, мардум бояд ба «асл», яъне, забон, фарҳанг ва хотираи таърихии худ рӯй оваранд.

**Чораҳои пешгирӣ ва иқдомоти саривақтӣ**

Қобили зикр аст, ки дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (16.12.2025) чорабиниҳои муҳимме қайд гардиданд, ки ба коҳиш ёфтану пешгирӣ намудани ин гуна хатарҳо замина мегузоранд. Яке аз ин иқдомоти саривақтӣ эълон шудани соли 2026 ба сифати "Соли вусъат додани корҳои ободониву созандагӣ ва тақвияту таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ" ба шумор меравад.

Сарвари маҳбуби кишвар дар Паём эҳё намудани хотираи таърихии миллатро амали арзишманду муҳим арзёбӣ кардаанд: **"Бедор намудани хотираи таърихӣ дар таҳкими ҳисси миллии шаҳрвандон, махсусан, ҷавонон, киояндаи миллат ва давлат мебошанд, нақши бисёр муҳим дорад".**

Хотираи таърихӣ ин шинохти дуруст аз таърихи пуршебу фарози миллат ва бардоштани сабақ аз саҳифаҳои тақдирсози он аст. Рухдоди номатлуби дигаре, ки имрӯз боиси нигаронӣ шудааст, таҳриф ва таърихсозиҳои дурӯғини баъзе доираҳои илмӣ ва ҳатто, бархе кишварҳо ба шумор меравад. Дар расонаҳо ва фазои маҷозӣ ҳангома барангехта, бо далелу санадҳои сохта ва бофта маводди бепояро нашр карда, рӯйирост таърихи куҳанбунёди моро таҳриф менамоянд. Бинобар ин, Роҳбари давлат ҳифзи мероси аҷдодиро вазифаи инсонии ҳар шаҳрванд медонанд: **"Мо вазифадорем, ки дар баробари ифтихор кардан аз мероси оламшумули аҷдоди худ онро соҳибӣ кунем, омӯзем, идома диҳем ва барои наслҳои оянда ҳамчун ганҷинаи бебаҳои ҳувиятсоз ба мерос гузорем."**

Дар Паём ҷиҳати бедор намудани хотираи таърихӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ ба як қатор иқдомҳои барҷастаи маърифатӣ ва фарҳангӣ ишора шудааст. Бунёди Театри миллӣ дар пойтахт ҳамчун бузургтарин иншооти фарҳангӣ яке аз муҳимтарин иқдомот ҳисоб мешавад ва он дар заминаи рушди санъату ҳунар ва эҷоди фазои маънавии ҷомеа таъсири амиқ мерасонад. Мардум тавассути образҳои офаридаи ҳунармандон ба қаҳрамонон ва симоҳои таърихӣ ошно мешаванд ва ин омил тарбияи маънавии ҷомеаро тақвият мебахшад.

Нашр ва ба аҳолӣ ройгон тақдим намудани китобҳои «Тоҷикон»-и аллома Бобоҷон Ғафуров ва «Шоҳнома»-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ иқдоми барҷастаи маърифатӣ дониста мешавад. Мутолиаи ин осор дар пешгирии таҳрифи таърих ҳамчун сипари маънавӣ хидмат мекунад. Огоҳӣ аз таърих ҷомеаро аз гумроҳшавӣ наҷот медиҳад ва ҳамчун абзори ҳувиятсоз нақши муассир мегузорад.

Ҷашнҳои миллии Наврӯз, Тиргон, Меҳргон ва Сада дар Паём ҳамчун арзишҳои умумибашарию инсондӯстона ёдоварӣ шудаанд, инчунин, доир ба пайванди ин ҷашнҳо ба арзишҳои олии умумиинсонӣ ишора гардидааст.

Ташаббуси таъсиси Конуни тамаддуни ориёӣ ва Маркази байналмилалии Наврӯз дар шаҳри Душанбе муждаи неки фарҳангӣ ҳисоб меёбад. Ин марказҳо метавонанд Тоҷикистонро ҳамчун кишвари дорои тамаддуни куҳан ва саҳмгузор дар фарҳанги ҷаҳонӣ муаррифӣ намуда, нуфузи кишварро дар арсаи байналмилалӣ тақвият бахшанд. Дар ин замина, ташаббуси Раиси шаҳри Душанбе, муҳтарам Рустами Эмомалӣ ҷиҳати бунёди Маҷмааи эҳёи хотираи таърихӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар шаҳри Душанбе, ки дар мулоқот бо намояндагони илму фарҳанг, 13 январи соли 2026 ба миён гузошта шуд, ҳамчун иқдоми муҳим, дурбинона ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Озмунҳои ҷумҳуриявӣ, аз қабили «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Тоҷикон» – оинаи таърихи миллат» ва «Шоҳномахонӣ» дар таҳкими худогоҳии миллӣ нақши назаррас доранд. Ин озмунҳо қишрҳои гуногуни ҷомеаро ба омӯзиши таърих, адабиёт, забон ва илмҳои табиӣ ҷалб менамоянд. Рақобати солим дар озмунҳо ба боло рафтани сатҳи ҷаҳонбинӣ, масъулияти шаҳрвандӣ ва худшиносии миллӣ мусоидат менамояд ва барои кашфи истеъдодҳо, тарбияи насли худогоҳ ва таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

Дар маҷмуъ, чунин тадбирандешӣ ва ташаббусҳо ба ташаккули фазои ягонаи маънавию фарҳангӣ ва таҳкими амнияти зеҳнию идеологӣ мусоидат менамоянд. Мурод аз ин иқдомҳо, пеш аз ҳама, рӯ овардан ба асолати миллӣ аст. Роҳбари давлат бо фазли бузургмардию солорӣ миллатро аз вартаи "балои сахт" ба сӯйи бедории миллӣ раҳнамун месозанд. Ин арзёбӣ баргирифта аз мисраъҳои устод Рӯдакӣ аст, ки фармудаанд:

**Андар балои сахт падид ояд,**
**Фазли бузургмардию солорӣ.**

ИҚДОМИ ШОИСТА

Ҳусайн МАҲМУДЗОДА,
рӯзноманигор, узви ИЖТ

# ГАНҶЕ, КИ БА «МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР» СУПОРИДАМ

**Ба муносибати 100-солагии маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»**



Аз ҳамон рӯзҳое, ки ба фаъолият дар соҳаи маориф пайвастам, бо баракати ошноии дерина ва самимӣ бо аҳли қаламии нашриёҳои ин соҳа, ба зудӣ ба доираи ҳамкории онҳо ҷалб гардидам. Ба вижа, бо маҷаллаи «Маърифати омӯзгор», ки бо сармуҳаррири он Дилафрӯз Қурбонзода қаблан ошноии ғоибона доштам, робитаи эҷодии ман ранги тоза гирифт.

Ду мақолаи инчониб низ, ки ба мавзуи таҳияи китобҳои дарсӣ – соҳае, ки имрӯз меҳвари фаъолияти ман аст, ихтисос ёфта буданд, дар саҳифаҳои ҳамин маҷалла ба табъ расиданд. Ин истиқболи гарму самимии ҳайати эҷодии маҷалла боис гардид, ки таваҷҷуҳи ман ба пешинаи таърихии он бештар гардад. Дар натиҷа, равшан шуд, ки ин маҷалла дар миёни нашриёҳои кишвар аз собиқаи ғанӣ ва қидмати арзанда бархӯрдор буда, ҷойгоҳи вижае дар фазои фарҳангӣ ва маърифатии ҷомеа доштаву дорад.

Соле пеш, вақте дар бойгонии чанггирифтаи бобои равоншодам Муслим Сатторов – омӯзгори асили замони худ ба ҷустуҷӯйи осори куҳан машғул будам, миёни тӯдаи маҷаллоти зардгаштаи даврони шуравӣ ба ганҷинае бархӯрдам: маҷаллаи хуштархе бо унвони «Мактаби советӣ».

Чанд шумораи онро бо шавқ варақ задам ва чашмам ба сатри кӯтоҳе дар саҳифаи нахусти он афтод: **«Аз соли 1926 нашр мешавад».** Ин сатр дар дили мани эҷодкор эҳсоси ҳайрату таваҷҷуҳро бедор сохт. Ҳанӯз намедонистам, ки ин ҳамон маҷаллаест, ки имрӯз бо номи «Маърифати омӯзгор» шинохта мешавад.

Таърихи пайдоиши маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»-ро аксари муҳаққиқон ба нашри маҷаллаи «Дониш-биниш» (1927) рабт медиҳанд. Вале огоҳии комилро дар ин бахш бо мутолиаи мақолаи илмии номзади илмҳои филологӣ, пажуҳишгари матбуоти соҳавӣ Ноилшоҳ Нурализода – ««Дониш ва омӯзгор» – ниҳоли тозае дар боғи матбуоти тоҷик» («Маърифати омӯзгор», №3, марти соли 2026, С. 20) пайдо кардам. Донистани ин нукта муҳим аст, ки маҷаллаи «Дониш ва омӯзгор», ки 5-уми марти соли 1926 бо кӯшиши нахустин нозир (вазир)-и маорифи Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон Аббос Алиев ба нашр баромад, нахустин маҷаллаи таърихи матбуоти мо маҳсуб меёбад. Дар ин хусус, ки маҳз масоили соҳаи мактабу маориф ба бунёди матбуоти миллии тоҷикӣ асос гузошт, дар ин мақола далелҳои рӯшане оварда шудааст.



Вақте аз ин пайванди таърихӣ огоҳ гаштам, онро чун хабаре хушу арзишманд ба сармуҳаррири маҷалла расонидам. Ва он гоҳ маълум гардид, ки дар гардиши рӯзгор ва дар печутоби солҳо, бисёре аз шумораҳои солҳои пешини маҷалла дар бойгонии идораи он маҳфуз намондаанд. Ин буд, ки дар дилам эҳсоси масъулияте бедор шуд,

масъулияти ҳифзи як пора аз хотираи маънавии миллат. Бо худ аҳд бастам, ки ҳар он чи аз он миён пайдо мекунам, ба идораи маҷалла бисупорам, то ин гусастагӣ ба ҳам бипайвандад.

Ин ният мояи хушҳолии сармуҳаррири маҷалла Дилафрӯз Қурбонзода гардид. Аз он пас, дар ҳар дидоре, ки рух медод, муаллима бо лутфу меҳри хос аз сарнавишти он шумораҳо мепурсид. Дар ҳар суханаш ҳам нигаронӣ эҳсос мешуду ҳам дилбастагии самимӣ. Чун сухан аз як ганҷи гаронмояе мерафт, ки таърихи як давраро дар худ таҷассум мекард.

Ин ҷо меҳоҳам чанд сатре дар хусуси соҳиби ин ганҷ – бобои равоншодам Муслим Сатторов бигӯям. Номи Муслим Сатторов (1933–2012) – омӯзгор ва шоир дар миёни мардуми Кӯлоб бо эҳтиром ва ифтихори хос садо медиҳад. Ӯ аз зумраи он шахсиятҳое буд, ки умри худро бедареғ ба роҳи мактабу маориф бахшид, бо заҳмати содиқона ва дилсӯзонаи хеш наслҳои зиёдеро ба камол расонидааст. Фаъолияти пурсамари ӯ дар муассисаҳои гуногуни таълимии ноҳияҳои Шурообод (ҳоло Шамсиддини Шоҳин) ва Москва (имрӯз Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) ҷараён гирифта, дар ҳар мақоме, ки ифои вазифа намудааст, нишони масъулиятшиносӣ ва заковати роҳбариро ба намоиш гузоштааст. Ҳамкорон ва шогирдонаш имрӯз низ аз ӯ ба унвони омӯзгори донишманд, роҳбари ҷиддиву одил ва инсони соҳибмақом ёд мекунанд ва номи некашро бо эҳтиром ба забон меоранд.

Муслим Сатторов зодаи хонадоне буд, ки дар он илму адаб мероси муқаддас маҳсуб меёфт. Ӯ фарзанди шоир, омӯзгор ва яке аз нахустин равшанфикрони собиқ ноҳияи Дашти Ҷум – Саттор Зикрулло (1906–1965), маъруф ба тахаллуси Абдӣ буд. Саттор Зикрулло ба сифати яке нахустин муаллимони мактабҳои усули нави он диёр, чароғи маърифатро дар замоне душвор афрӯхта буд. Ин хонадон, дар воқеъ, силсилаи пайвастаи аҳли қалам ва андеша аст. Решаҳои он ба шахсияти барҷастаи адабӣ – Муҷрими Роғӣ, шоири тавоно аз аҳли Роғи Бадахшон, ки дар асри XIX дар Кӯлоб зиндагӣ ва эҷод кардааст, мерасад. Ин ғазали равон ба қалами Муҷрими Роғӣ тааллуқ дорад:

**Нигоҳи чашми шӯхат то ба худ моил**
**кунад пайдо,**
**Барои ман зи мижгон ханҷари қотил**
**кунад пайдо.**
**Раги ҷонро ба гесуи касе бастам,**
**надонистам,**
**Ки теғи абрӯят аз баҳри ман бисмил**
**кунад пайдо.**
**Зи ташвиши маломат растаам аз**
**забти савдояш,**
**Гирифтам домани оҳе, агар ҳосил**
**кунад пайдо.**
**Магар вазъи моро, к-аз зумраи**
**беҳосилон кардӣ,**
**Ки яъс аз қайди ҳастӣ риштаи мушкил**
**кунад пайдо.**
**Ба гирдоби сиришк афтод Муҷрим**
**аз сияҳбахтӣ,**
**Ба ҳар сӯ даст андозад, куҷо соҳил**
**кунад пайдо.**

Муслим Саттор то охир умр дар деҳаи Сайроби ноҳияи Ҳамадонӣ зиндагӣ кард ва пайваста ба эҷод машғул буд. Шеърҳои зиёдеро аз ӯ ба оҳанг даровардаанд, ки машҳуртарини онҳо таронаи «Эй бути ман, дар аламат сӯхтам» (дар иҷрои Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Раҳматулло Ҳошимов) аст. Ёди ӯ чун чароғе равшан дар хотири ҳар он касе, ки аз донишу маърифати ӯ баҳра бардоштааст, ҳамеша фурӯзон хоҳад монд.

Бармегардем сари матлаб. Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ рӯзеро бо шавқ ба ҷустуҷӯ дар бойгонии бобои марҳумам ихтисос додам. Аз миёни он маҷаллоти чангзадаву фаромӯшшуда, 123 шумораи маҷалла (фарогири солҳои 1961 то 1983 ва ҳамчунин, чанд шумораи соли 1990) ба даст омад.

Пок намудани ғубор аз рӯйи авроқе, ки бар онҳо таърихи матбуоту маорифи кишвари мо нақш бастааст, эҳсоси хуше дорад. Гӯё бо ҳар нафаси боде, ки чангро аз рӯйи он саҳифаҳо мезудудам, руҳи як давраро бедор месохтам ва онро дубора ба зиндагии имрӯз мепайвастам.

Суннати нек ва пазируфта аст, ки соҳибони бойгониҳо ба хотири ҳифз ва сабти шоистаи мероси худ дар таърих, онро ба муассисаҳои фарҳангӣ, монанди бойгониҳои давлатӣ, осорхонаҳо ва китобхонаҳо месупоранд, то аз вартаи нестӣ ва фаромӯшӣ эмин бимонад. Мо низ, бо ҳамин андеша ин ганҷи гаронмояро ба идораи маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» таслим намудем. Ба умеде, ки дар он ҷо барои аҳли қалам, рӯзноманигорон, муҳаққиқон ва пажуҳишгарони соҳаи матбуоту маориф ҳамчун сарчашмаи боэътимоди дониш ва таҳқиқ хидмат кунад.

**Мижгона РАҲМОНОВА,**
**сармураббии кӯдакистони №3,**
**ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд**

# КӮДАК ГУЛ АСТУ МУРАББӢ БОҒБОН



Кӯдакӣ ширинтарин лаҳзаҳои умри инсон аст ва ҳамаи инсонҳо ба гузашта назар меафкананду айёми бачагии худро ба ёд меоранд. Дар чунин лаҳзаҳо, бешубҳа, дар зеҳни худ ҳиссиёту андешаҳои дурахшонеро, ки бо кӯдакистон ва мактаб алоқамананд, ба хотир меоранд.

Мураббӣ ва муаллим! Яқин аст, ки хотираҳои гармтарини айёми бачагӣ, оғози зиндагии пурбору ширини инсонҳо маҳз бо ин калимаҳо алоқамананд. Мураббӣ кӯдакро дар остонае пешвоз мегирад, ки ӯ дар айёми ширини кӯдакӣ қарор дораду аз нутқи бурро, сирру асрори дунё ва аз олами илму маърифат бехабар аст. Мисли як варақи сафеди бедоғу олоиш. Мураббиро “модар” гӯем ҳам, хато намекунем, зеро ҳар як кӯдак, ҳар як навварасро бо меҳри бузурги модарона таълим медиҳад.

Ҳар инсон дар зиндагӣ, аз ҷумла, дар интихоби касб роҳи худро дорад. Хушбахттарин инсон он касест, ки дар зиндагӣ аз интихоби кардаи худ пушаймон намешавад.

Роҳи мураббӣ шудан, ба олами таълиму тарбия ворид гаштанам душвору тулонӣ буд, вале бо боварӣ мегӯям, ки гузашти айём дурустии интихобамро исбот сохт. Ин ба ман имкон дод, ки дар соҳаҳои дигар фаъолият бурда, баъдан кори худро дар кӯдакистон оғоз кунам.

Дар ҷараёни фаъолияти худ дар кӯдакистон ва кор бо бачаҳо дарк кардам, ки ба фаъолияти мураббӣ баҳо додан душвор аст. Зеро хушбахтии кӯдакон ва тақдири ояндаи онҳо маҳз аз хирад, сабру таҳаммул ва таваҷҷуҳи мураббиву омӯзгор ба олами ботинии онҳо сарчашма мегирад.

Барои ман мураббӣ ё омӯзгор будан ин мазмуни ҳаётам гардид. Ман барои мураббӣ будан кор намекунам, балки бо касби худ ҳамнафасу ҳамдил ҳастам, онро дӯст медорам ва содиқона бахри иҷрои рисолатам заҳмат мекашам. Имрӯз пешаи ман як қисмати бузурги ҳаётамро созмон медиҳад, зеро он бароям олами нав - ҷаҳони кӯдаконро кушод. Дар оғози ворид гардиданам хеле душвор буд, вале баъдан бо кӯдакон забон ёфтан, шодӣ кардан, хавотир шудан ва бо онҳо ҳамнаво шуданро омӯхтам.

Кӯдакон аҷоиб ҳастанд ва дунёи оинавор поку дили бузург доранд. Ҳамаи онҳо як шеваи ноби ширини худро дар қалби кӯчаку тафаккури бузургашон мепарваранд. Олами ботинии онҳо шавқовару зебо ва беғубор аст. Кӯдакон мекӯшанд, ки калонсолонро барои фикр кардан, мулоҳиза бурдан, хулоса баровардан маҷбур кунанд. Ҳар як кӯдак як ҷаҳони ба худ хос ва дидгоҳи хосса дорад. Яке овози хубу бурро дошта бошад, дигаре рассоми боистеъдод ва дигаре ҳозирҷавобу мушоҳидакори беҳтарин аст.

Ман ба он ақидаам, ки ҳар як падару модар бояд ба истеъдоди кӯдаки худ бовар кунад ва барои ташаккули он замина гузорад. Мураббиён ба кӯдакон меҳрубонӣ карданро меомӯзонанд ва қобилияти эҷодии онҳоро инкишоф медиҳанд.

Ман вазифаи худро ҳангоми кор бо кӯдакон дар он мебинам, ки кӯдакро аз нав насозаму аз нав тарбия накунам, балки ӯро дарк намоям, ин инсони хурдакакро тавре ки ҳаст, бипазирам, лаёқату истеъдодашро инкишоф диҳам ва шахсияти кӯдакро бо дониш, маҳорат, эҳсосот ва таҷрибаи ҳаётӣ ғанӣ гардонам. Албатта, ин кори осон нест, мушкил аст.

Имрӯзҳо бо иродаи қавӣ ва талоши амиқ пайи ҷустуҷӯи роҳҳои бартараф кардани муаммоҳои пешомадаи педагогӣ мебошам. Ба пиндори банда, мураббӣ ва муаллим дар тарбияи насли нав ҳуқуқи хато карданро надоранд. Зеро аз рӯйи мантиқи илмӣ, агар як табиб иштибоҳ кунад, зарар ба як нафар мерасад, агар як муҳандис иштибоҳ кунад, зарар ба як бино ва ё иншоот ворид мешавад, вале агар мураббӣ ё омӯзгору тарбиятгар хато кунад, як миллат ё як ҷомеаи бузург ба мушкил мубтало мешаванд. Барои ин, мураббиён ва омӯзгоронро зарур аст, ки пайваста дониши худро такмил диҳанд ва аз муваффақиятҳои касбии худ лаззат баранд.

Бинобар ин, ман низ кӯшиш мекунам, ки то ҳадди имкон кӯдаконро аввал худам омӯзам ва сипас, онҳоро дониш омӯзонам. Дар ҷараёни машғулиятҳо усули фаъоли таълим, воситаҳои техникӣ ва аёнияти нав ба навро истифода намоям, зеро ин маводди таълимӣ барои бедор кардани завқи кӯдакон ҷиҳати донишандӯзӣ замина мегузорад.

Кори хуби мураббӣ бештар аз муошири ҳамарӯза бо волидон, бобову бибӣ ва дигар хешовандон вобаста аст, ки онҳо низ муносибати инфиродии худро талаб мекунанд.

Ҳаёти мураббӣ саҳифаест, ки аз хандаи кӯдакон, шеъру суруд, бозӣ ва рақси кӯдакон иборат аст.

Мураббӣ ва ё муаллим будан дар шароити муосир рисолати душвор ва пурмасъулият мебошад, зеро барои як мураббӣ ё омӯзгор на танҳо донишу таҷрибаи ҳамаҷониба, балки сабри беандоза, дар ҷустуҷӯи пайвастаи дониш будан ва навгониву навоварӣ дар фаъолият зарур аст.

Мураббӣ шахси дилсӯзу кӯдакдӯстдор аст ва ин меҳрубонии худро бедареғ ба кӯдакон бахшидааст. Бесабаб нест, ки бачагонро "гули ҳаёт" ва мураббиёнро "боғбон" меноманд. Меҳнати мураббиро метавон ба кори боғбон баробар кард, ки ба ҳар як ниҳоли боғ бо эҳтиёт ва аҳаммияти махсус муносибат мекунад.

Ҳамин тавр, дар фаъолияти ҳаррӯзаи мураббӣ муҳаббат ва дарки шахсияти кӯдак лозим аст, зеро дар фазои меҳру муҳаббат хусусияти ахлоқии ҳар як кӯдак зоҳир мешавад ва шахсияташ ташаккул меёбад.

Ба андешаи ман, муаллим хислатҳои шоистаи зиёд дорад ва маҳз бо ҳамин пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори некаш аз дигар одамон фарқ мекунад ва ҳамеша барои халқ намунаи ибрат аст.

**Эркинҷон ВОҲИДОВ,**
**директори МТМУ №44-и ноҳияи Варзоб**



# НАҚШИ НИЗОМИ НАВИ БАҲОГУЗОРӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ

**Ҷадвали**
**баҳогузории 10-хола ба дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

| Холҳо | Ифодаи фоизи иҷрои супоришҳои таълимӣ | Дараҷаи холгузорӣ | Ифодаи вожагии холгузорӣ |
|---|---|---|---|
| 10 | 91-100 | Аъло | Аъло |
| 9 | 81-90 | | Олӣ |
| 8 | 71-80 | Хуб | Хубтар |
| 7 | 61-70 | | Хуб |
| 6 | 51-60 | Қаноатбахш | Қаноатбахш |
| 5 | 41-50 | | Кофӣ |
| 4 | 31-40 | | Кам |
| 3 | 21-30 | Ғайриқаноатбахш | Нокифоя |
| 2 | 11-20 | | Паст |
| 1 | 1-10 | | Пасттар |

Дар замони муосир, ки рушди босуръати илму технология ва раванди ҷаҳонишавӣ ба тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон таъсири амиқ мерасонад, соҳаи маориф ҳамчун омили калидии пешрафти ҷомеа ва давлат аҳаммияти хосса пайдо кардааст. Имрӯз сатҳи рақобатпазирии кишварҳо, пеш аз ҳама, аз сифати таҳсилот ва дараҷаи омодагии касбии мутахассисон вобаста мебошад. Аз ин рӯ, ислоҳоти соҳаи маориф, такмил ва навсозии низоми таҳсил ба яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи илм ва маорифро самти афзалиятнок шуморида, таваҷҷуҳро ба ин самт пайваста зиёд мекунанд. Натиҷаи ҳамин таваҷҷуҳу дастгириҳост, ки соҳаи маорифи кишвар сол то сол ба муваффақиятҳои шоиста ва дастовардҳои назаррас ноил мегардад.

Дар асри нав инсон, дониш ва малакаи ӯ омили аз ҳама муҳим дониста мешавад. Аз ин рӯ, дар низоми таҳсилоти кишвар зарурати истифодаи усулҳои нави таълим ва бозбинии низоми баҳодиҳӣ (арзёбӣ)-и донишу малака ба миён омад. Яке аз чунин қадамҳои муҳим гузариш аз низоми анъанавии 5-холаи баҳодиҳӣ ба низоми баҳогузории 10-хола мебошад. Ин тағйирот ифодакунандаи муносибати нав ба арзёбии дониш, малака ва рушди шахсияти хонанда ба ҳисоб меравад. Он ба муаллимон имкон медиҳад, ки сатҳи дониш ва малакаи хонандагонро дақиқтар муайян намоянд. Доираи васеи холҳо (аз 1 то 10) шароит фароҳам меорад, ки ҳатто, пешрафтҳои хурд ва кӯшишҳои инфиродии хонанда низ ба назар гирифта шаванд. Масалан, фарқ миёни холҳои 7 ва 8 ё 8 ва 9 метавонад нишондиҳандаи пешрафти воқеии хонанда бошад, ки дар низоми пешина чунин имкон вуҷуд надошт.

Системаи нави баҳогузорӣ бевосита ба сифати таҳсил ва руҳияи хонанда таъсир мерасонад. Ин таъсирро дар ду нуктаи асосӣ дидан мумкин аст:

**1. Аниқ муайян кардани сатҳи дониш.** Дар низоми пештараи баҳогузорӣ, ки дар асл ҳамагӣ се баҳои корӣ (3, 4, 5) дошт, фарқи байни сатҳҳои гуногуни донишро муайян кардан душвор буд. Масалан, хонандае, ки дар иҷрои супориш хатоҳои хурд дошт ва хонандае, ки нисфи супоришро иҷро карда буд, ҳарду баҳои 4 мегирифтанд. Системаи 10-хола ин мушкилиро ҳал мекунад:

- **Баҳои паст (1-2 хол):** нишон медиҳад, ки хонанда ба ёрии ҷиддӣ ниёз дорад.
- **Баҳои миёна (3-6 хол):** сатҳи азхудкунии маводро хуб нишон медиҳад.
- **Баҳои баланд (7-10 хол):** фарқияти байни дониши хуб ва қобилияти хуби эҷодии хонандаро нишон медиҳад. Баҳои 9

ва 10 танҳо барои дониши аъло ва қобилияти таҳлилии беҳтарин дода мешавад. Ин гуна муносибат рақобати хубро ба вуҷуд меорад, зеро хонандагон кӯшиш мекунанд, ки баҳои баланд гиранд.

**2. Омили психологӣ ва коҳиши сатҳи изтироб (стресс).** Яке аз мақсадҳои асосии ислоҳот ин гузаштан аз баҳои ҷазодиҳанда ба баҳоест, ки ба рушд мусоидат мекунад. Дар системаи нав, фарқи байни баҳоҳо хурдтар аст, ки ин барои ҷиҳати психологии кӯдак муҳим аст:

• **Боварӣ ба худ.** Вақте ки хонанда аз баҳои 6 ба 7 мегузарад, ҳис мекунад, ки сатҳи донишандӯзияш беҳтар шудааст. Ин нисбат ба системаи 5-баллӣ, ки дар он хонанда метавонист моҳҳо баҳои 4 гирад ва ҳеҷ беҳбудиро ҳис накунад, хеле беҳтар аст.

• **Натарсидан аз хато.** Хато дигар фоҷиа нест, балки имкони ислоҳ аст. Хонанда медонад, ки ҳар як кӯшиши ӯ баҳоро каме беҳтар мекунад. Ин боиси кам шудани стресс ва изтироб дар вақти дарс ва имтиҳонҳо мегардад ва муҳити таҳсилро беҳтар месозад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми низоми нав таъсири мусбати он ба ҳолати равонии хонандагон мебошад. Дар низоми 5-хола баҳо аксаран ҳамчун воситаи фишор ё ҷазо қабул мешуд. Дар низоми 10-хола бошад, баҳо бештар хусусияти ташвиқкунанда ва рушдбахш мегирад. Вақте ки хонанда пешрафти худро, ҳатто, бо як хол мебинад, эҳсоси қаноатмандӣ ва боварӣ ба худ дар ӯ бештар мегардад. Ин омил ба коҳиши изтироб ва тарс аз хато мусоидат намуда, муҳити солими таълимиро фароҳам месозад.

Ҳамзамон, низоми 10-хола барои таҳлили амиқтари натиҷаҳои таълим шароити мусоид фароҳам меорад. Омӯзгор метавонад натиҷаи умумӣ ва сатҳи азхудкунии ҳар як дарсро дақиқтар муайян намояд. Ин имкон медиҳад, ки равандҳои таълимӣ беҳтар ба нақша гирифта шаванд ва ба эҳтиёҷоти инфиродии хонандагон зиёдтар таваҷҷуҳ зоҳир гардад.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки низоми баҳогузории 10-хола мутобиқ ба стандарти ҷаҳонӣ буда, аҳаммияти байналмилалии он низ назаррас аст. Дар бисёр кишварҳои ҷаҳон низомҳои чандхолаи баҳогузорӣ амал мекунанд, ки ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ мебошанд. Гузариш ба низоми 10-хола барои Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки низоми таҳсилоти худро ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мутобиқ созад. Ин раванд ба эътирофи ҳуҷҷатҳои таҳсилот дар хориҷ мусоидат намуда, имкони таҳсил ва фаъолияти касбии ҷавононро васеъ мегардонад.

Бо вуҷуди афзалиятҳои зиёд, татбиқи низоми нави баҳогузорӣ бо як қатор мушкилот низ ҳамроҳ аст. Яке аз масъалаҳои муҳим омодагии касбии муаллимон мебошад. Барои истифодаи самараноки низоми 10-хола омӯзгор бояд меъёрҳои арзёбиро дуруст дарк намуда, онҳоро дар амал татбиқ карда тавонад. Дар акси ҳол, эҳтимоли субъективӣ будани баҳогузорӣ боқӣ мемонад.

Масъалаи дигар омодагии равонии волидон ва ҷомеа мебошад. Бисёре аз волидон, ки дар низоми 5-хола таҳсил кардаанд, метавонанд баҳои 7 ё 8-ро нодуруст дарк намоянд. Ин нофаҳмӣ метавонад ба муносибати онҳо ба натиҷаҳои фарзандонашон таъсир расонад ва ҳатто, боиси фишори равонӣ гардад.

Бо дарназардошти ин, татбиқи муваффақонаи низоми 10-хола аз ҳамкории зичи ҳамаи ҷонибҳо - омӯзгорон, волидон ва сохторҳои масъул вобаста аст. Гузаронидани курсҳои такмили ихтисос барои муаллимон, таҳияи дастурҳои методӣ, инчунин, баланд бардоштани сатҳи огоҳии волидон метавонад ба рафъи мушкилоти мавҷуда мусоидат намояд.

Дар маҷмуъ, гузариш ба низоми 10-холаи баҳогузорӣ як қадами муҳим дар роҳи ислоҳоти соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Ин низом барои арзёбии дақиқтари дониш, баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон ва мутобиқшавӣ ба стандартҳои муосири ҷаҳонӣ замина фароҳам меорад.

**Рухшона ШОДМОНОВА,**
**омӯзгори МТМУ №26-и ноҳияи Айнии вилояти Суғд**

# ХАСТАГӢ ДАР ДАРС: ЧӢ БОЯД КАРД?

Дарс дар синфҳои ибтидоӣ барои хонанда раванди мураккаби фаъолияти зеҳнӣ, эҳсосӣ ва ҷисмонӣ ҳисоб меёбад. Бинобар ин, дар нимаи дарс бисёре аз хонандагон тамаркузро аз даст дода, хотирпарешон мешаванд, бархе суръати иҷрои супоришҳоро суст мекунанд, баъзеҳо бошад, баръакс, фаъол мегарданд. Ин гуна ҳолатҳо на нишонаи бенизомӣ, балки вокуниши табиии кӯдак ба кори пуршиддат мебошад. Аммо агар омӯзгор ин омилро ба назар нагирад, хастагӣ тадриҷан ба мушкили ҷиддии равонӣ ва педагогӣ мубаддал мешавад.

Хусусиятҳои психофизиологии кӯдакони синни хурди мактабӣ тавре шакл гирифтаанд, ки диққати ихтиёрии онҳо муддати маҳдудро дар бар мегирад. Ба ҳисоби миёна, кӯдаки 6–10-сола метавонад аз 7 то 10 дақиқа хоҳишу иродаи фаъоли худро дар иҷрои супориш нигоҳ дорад. Пас аз он пастравии қобилияти корӣ ба назар мерасад. Дар кӯдакон изтироб, асабоният ва камшавии шавқу ҳавас ба донишандӯзӣ пайдо мешавад.

Аз ин рӯ, пешгирии хастагӣ ҷузъи муҳимми салоҳияти касбии омӯзгори синфҳои ибтидоӣ ба шумор меравад. Сухан дар бораи таваққуф (ист)-ҳои кӯтоҳи банақшагирифта меравад, ки ба таври дуруст таваҷҷуҳро иваз намуда, захираҳои дигари бунияро фаъол мегардонанд. Танаффуси кӯтоҳи 1-2-дақиқаӣ метавонад тамаркузро барқарор кунад, гардиши хунро беҳтар намояд, шиддати мушакҳоро паст созад ва хонандагонро дар фаъолияти таълимӣ бо неруи тоза таъмин намояд.

«Тамрини зеҳнӣ» метавонад яке аз усулҳои самаранок бошад, зеро дар он ҳаракат бо фаъолияти фикрӣ якҷо карда мешавад. Масалан, дар дарси забони тоҷикӣ омӯзгор метавонад пешниҳод намояд, ки хонандагон ҳангоми шунидани исм каф зананд, ҳангоми шунидани феъл дастҳоро боло бардоранд ё ҳангоми шунидани сифат гардиши сабук анҷом диҳанд. Дар дарси математика метавон чунин шарт гузошт: агар адад ҷуфт бошад – нишинанд, агар тоқ бошад – андаке биҷаҳанд. Ин гуна машқҳо на танҳо шиддати ҷисмониро коҳиш медиҳанд, балки фаъолияти зеҳниро низ нигоҳ медоранд. Хонанда муҳити омӯзишро тарк намекунад, аммо шакли фаъолиятро иваз мекунад.

Хусусан, дар дарсҳои математика, ки аксаран бо ҳисобҳои якрангу гоҳе хастакунада алоқаманданд, эҳсоси хастагӣ зудтар падид меояд. Дар чунин ҳолат гузаронидани «эстафетаи математикии диққат» хеле муфид аст. Омӯзгор бо суръати пурҷунбуҷӯш ва шавқовар пай дар пай супоришҳои шифоҳӣ медиҳад: «Ба адади панҷ серо илова кунед. Аз натиҷа дуро тарҳ кунед. Ҳосилро ба ду зарб намоед». Пас аз анҷоми ҳисоб метавон аз унсури вокуниш кор гирифт: агар натиҷа ҷуфт бошад – хонандагон даст бардоранд, агар тоқ бошад – бархезанд. Чунин фаъолияти динамикӣ фазои синфро фаъол месозад, ҳатто, хонандагони камфаъолро ҷалб мекунад ва ҳисси якнавохтиро аз байн мебарад. Кӯдакон онро ҳамчун бозӣ қабул мекунанд, вале ҳамзамон, малакаҳои ҳисоб ва таваҷҷуҳро дар худ такмил медиҳанд.

Бозии «лаҳзаи тағйири мавқеъ» низ барои рафъи хастагӣ самарабахш мебошад. Нишастани тулонӣ миён, пушт ва гарданро зери фишор қарор медиҳад ва эҳсоси хастагиро зиёд мекунад. Ҳаракатҳои сода, монанди қоматро рост кардан, хам шудан, бо китфҳо ҳаракати даврӣ анҷом додан, ҳамагӣ як дақиқа вақт мегиранд, вале ба беҳбудии ҳолати ҷисмонӣ таъсири назаррас мерасонанд. Пас аз чунин танаффус хонандагон оромтар, мутамарказтар ва дубора ба идома додани кор моил мегарданд.

Бояд таъкид кард, ки самаранокии чунин машқҳо аз маҳорати педагогӣ вобаста аст. Омӯзгор бояд лаҳзаеро ҳис кунад, ки диққати синф суст мешавад ва тақрибан ҳар 10–15 дақиқа ивазшавии фаъолиятро ба нақша гирад. Илова бар ин, лаҳни некбинона, дастгирии пайваста, тағйири суръати шарҳ ва истифодаи аёният метавонад хастагиро дар хонандагон пешгирӣ намоянд.

Ғамхорӣ нисбат ба қобилияти кории хонандаи синфҳои ибтидоӣ заминаи асосии таҳсилоти босифат ва рушди шахсият мебошад.

**Рамазон ШАРИФОВ,**
**омӯзгори фанни химия ва биологияи Литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе**



# НАҚШИ ЯК ҚАТОР ЭЛЕМЕНТҲОИ ХИМИЯВӢ ДАР ТИБ ВА ҲАЁТИ ИНСОН

Элементҳои химиявӣ асоси мавҷудияти ҳаётро дар рӯйи Замин ташкил дода, дар ҳаёти инсон ва соҳаи тиб нақши бениҳоят муҳимро иҷро менамоянд. Аз ин рӯ, донистани нақши ҳар як элементи химиявӣ барои фаҳмидани равандҳои ҳаётӣ, нигоҳдории саломатии инсон ва рушди соҳаи тиб зарур аст. Дар ин мақола нақши тиббӣ ва ҳаётии якчанд элементҳои химиявӣ ба таври мухтасар шарҳ дода шудааст.

Бояд гуфт, ки асоси ҳаёт аз чаҳор элементи химиявӣ (C-карбон, O-оксиген, H-ҳидроген ва N-нитроген) сохта шудааст, ки 96-98%-и массаи умумии бадани инсонро ташкил медиҳанд.







**Карбон** (аз лот.carbon-ангишт) элементест, ки қобилияти бо чор атоми дигар (ҳатто, бо худаш) пайваст шуданро дорад. Карбон 18%-и массаи бадани инсонро ташкил дода, асоси пайвастагиҳои органикӣ (карбоҳидрид, карбоҳидрат, сафеда, чарб, кислотаҳои нуклеинӣ) маҳсуб меёбад. Норасоӣ ва ё набудани он дар таркиби организм ба халалдор шудани равандҳои метаболитикии организм ва ё боиси хатари ҷиддӣ (марг)-и организм мегардад.




**Оксиген** (аз лот. oxygen – кислотазой ё тавлидгарӣ кислота) яке аз элементҳои муҳимтарин барои ҳаёти организмҳои зинда ва равандҳои ҳаётии организм ба ҳисоб рафта, дар тиб аҳаммияти калони табобатӣ дорад. Оксиген 65%-и массаи бадани инсонро ташкил дода, барои оксидшавии моддаҳои истеъмолнамудаи инсон нақши созгорро мебозад. Он қисми асосии об (88,89%)-ро ташкил медиҳад. Оксигенро дар тиб барои табобати бемориҳои гипоксӣ (камоксигенӣ) истифода мебаранд, инчунин, ҳангоми ҷарроҳӣ онро бо моддаҳои мадҳушкунанда (наркоз, анестезия) якҷо истифода мекунанд. Ҳар як инсон дар давоми як дақиқа 0,5 $дм^3$ (баробар ба 0,5 литр), дар давоми як шабонарӯз 720 $дм^3$ (баробар ба 720 литр) оксигенро нафас мегирад. Инчунин, оксигенро ба миқдори зиёд дар зарфҳо (балонҳои газӣ) гирифта, кайҳоннавардон дар макони беҳаво ва ғаввосон (дар зери об) истифода мебаранд.




**Ҳидроген** (аз юн. hidro – об, genes – тавлидкунанда ё тавлидгари об ё обзой) элементи сабуктарин ё гази сабуктарини системаи даврии элементҳои химиявӣ аст. Таркиби асосӣ ва чудонашавандаи моддаи муҳимтарини ҳаёт об ($H_2O$) маҳсуб меёбад. Ҳидроген 10%-и массаи умумии бадани инсонро дар бар мегирад. Дар таркиби тамоми аминокислотаҳо, сафедаҳо, липидҳо, карбоҳидратҳо ва кислотаҳои нуклеинӣ (КДН ва КРН) мавҷуд аст. Дар тамоми равандҳои ҳаётии организм ва инчунин, дар реаксияҳои оксидшавӣ ва барқароршавӣ, ки энергияи ҳуҷайраро таъмин мекунанд, фаъолона ширкат меварзад. Дар АТФ, NADPH+ молекулаҳои интиқолдиҳандаи энергия мебошад. Миқдори ионҳои ҳидроген H+ ҳолати статсионарӣ (гомеостаз)-и муҳити дохилии организм, яъне, PH-ро мӯътадил нигоҳ медорад. Пайвастагии

он бо оксиген обро ташкил медиҳад. Об ҳамчун манбаи ҳидроген ва интиқолдиҳандаи моддаҳо дар организм хидмат менамояд. Дигар пайвастагии ҳидрогендоре, ки дар таркиби ҳуҷайра (пероксисома) вомехӯранд, $H_2O_2$–пероксиди ҳидроген мебошад, ки вазифаи безараргардонии ҳуҷайраро аз моддаҳои заҳрнок (токсинҳо) ичро менамояд.

Дар солҳои охир бо ҳидроген як самти нави таҳқиқ ва муолиҷаи беморон ба роҳ монда шудааст, ки дар он ҳидроген метавонад антиоксидант бошад ва осебҳои оксидшавиро дар ҳуҷайраҳо коҳиш диҳад. Инчунин, дар шакли моддаҳои кимиёвӣ, барои баробар кардани pH васеъ истифода мешавад. Дар намуди банди ҳидрогенӣ дар таркиби сохтори дуюмини сафедаҳо ва пайваст кардани асосҳои пуринӣ ва пиримидинии кислотаҳои нуклеинӣ нақши бениҳоят муҳимро мебозад. Зиёд будани он дар организм боиси атсидоз (зиёд будани кислота дар организм) мегардад.




**Нитроген** (аз юн. nitro–селитра, genes–тавлидкунанда ё селитразой) яке аз элементҳои муҳимтарин аз ҷиҳати биологӣ аст. Нитроген 3%-и массаи организми инсонро ташкил медиҳад. Дар таркиби тамоми аминокислотаҳо, сафедаҳо, кислотаҳои нуклеинӣ (КДН ва КРН), ферментҳо ва витаминҳо дохил мешавад. Норасоии он ба камшавии миқдори сафеда, сустии мушакҳо ва заиф шудани масуният (иммунитет) оварда мерасонад. Зиёд истеъмол кардани маводди нитрогендор (нитритҳо) баданро заҳролуд мекунад. Нитроген дар тиб низ аҳаммияти калони амалӣ дорад. Нитрогени моеъро (зиёда аз $-196^0$С) ҳамчун хунуккунанда ва нигоҳдорандаи бофтаҳо ва узвҳо барои трансплантатсия (кӯчонидани як узв ё бофта ба дигар организм) истифода мебаранд.




**Калсий** яке аз элементҳои муҳимтарин барои ҳаёти инсон маҳсуб ёфта, он 1,5%-и массаи бадани инсонро ташкил медиҳад, ки 99%-и ин миқдори калсий дар таркиби устухонҳо ва дандонҳо мавҷуд аст. Боқимонда 1%-и он дар таркиби хун, бофтаҳо ва моеъҳои дохили ҳуҷайра мавҷуд мебошад. Инсони миёнасол дар таркиби устухон ва дандонҳояш 1 кг калсий дорад, ки он дар шакли моддаи кристаллии дар об ҳалнашаванда гидроксиапатит – $Ca_{10}(PO_4)_6(OH)_2$ мавҷуд аст. Калсий элементи ҳаётан муҳим буда, барои устувории устухон, кори мушаку асаб, лахташавии хун ва фаъолияти ферментҳо нақши асосӣ мебозад. Норасоии он боиси бемориҳои ҷиддии устухон ва системаи асаб мегардад.




**Фосфор** (аз юн. phosphorus – нурдиҳанда) яке аз элементҳои муҳимтарини равандҳои ҳаётии инсон буда, 1%-и баданро ташкил медиҳад. 85%-и фосфори бадан дар таркиби устухонҳо ва дандонҳо вуҷуд дорад. Боқимонда дар таркиби хун ва бофтаҳо аст. Бо элементи калсий вазифаи якхеларо ичро мекунанд. Дар таркиби фосфолипидҳо (липидҳои мураккаб, ба монанди кафелинҳо, летситинҳо), кислотаҳои нуклеинӣ, NADP ва АТФ (манбаи асосии энергия дар ҳуҷайра) паҳн гардидааст. Норасоии фосфор ба суст шудани устухон ва дандон, хастагӣ, заъфи мушакҳо ва хотира оварда мерасонад. Бахри бартарафсозӣ барои калонсолон духтурон истеъмоли кислотаи фитинатро ва ё истеъмоли маҳсулоти лубиёгиро тавсия медиҳанд. Сохтор ва формулаи ин кислотаи фосфордор чунин аст:



Фосфор унсури ҳаётии зарурӣ барои сохтори устухон, энергияи ҳуҷайра, мубодилаи моддаҳо, фаъолияти асабу мушакҳо ва дар молекулаҳои кислотаҳои нуклеинӣ нақши бениҳоят муҳимро ичро менамояд.

Албатта, дигар элементҳои химиявӣ низ барои ҳаёт ва тиб нақши бузург доранд, аммо мо танҳо муҳимтарини онҳоро дар ин мақола шарҳ додем. Бовар дорем, ки маълумоти пешниҳоднамудаи мо аз манфиат холӣ нест.

**Фараҳноз НАЗАРОВА,**
**докторанти PhD, ассистенти кафедраи методикаи таълими физикаи факултети физикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ**



# МЕТОДИКАИ АРЗЁБИИ ИНТЕРАКТИВИИ ИҶРОИ КОРИ ЛАБОРАТОРӢ

Арзёбии интерактивӣ навъи арзёбие мебошад, ки дар он хонанда на танҳо ба саволҳо ҷавоб медиҳад, балки ба таври фаъол ва дар муҳити ҳамкорӣ иштирок мекунад. Дар ин навъи арзёбӣ на танҳо азхудкунии маводди таълимӣ, балки раванди муҳокимаронӣ, таҳлил, баррасӣ, тасниф, баёни андешаҳо, қабули қарорҳо ва ҳамкорӣ низ ба назар гирифта мешаванд.

Мо тасмим гирифтем, ки бо иншои мақолаи мазкур барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ методикаи ташкилу гузаронидани арзёбии интерактивии иҷрои кори лабораторӣ дар мавзуи «Муайян кардани шарти шинои ҷисмҳо»-ро аз фанни физика (синфи VII) коркард ва пешниҳод намоем.

Тарзи иҷрои кори лабораторӣ доир ба мавзуи «Муайян кардани шарти шинои ҷисмҳо»-ро муоина менамоем. Барои ин нақша-конспекти дарси мазкурро таҳия месозем.

**Салоҳиятҳо:**

- ➢ **таълимӣ - маърифатӣ;**
- ➢ **ғоявӣ - маънавӣ;**
- ➢ **таълимӣ - таҳқиқотӣ.**

**Мақсадҳои таълим (дарс).**

Бо омӯзиши мавзуъ хонандагон бояд:

✓ **бо истифода аз матни китоби дарсӣ ҳодисаи шинокунии ҷисмро шарҳ диҳанд, озмоиш гузаронанд ва вобастагии қувваи архимедиро аз ҳаҷми ҷисм ва зичии моеъ байни гурӯҳҳо муҳокима намоянд;**

✓ **дар озмоиш аз кадом омилҳо вобаста будани шинокунии ҷисмро дар моеъ ошкор сохта, ҳар яки онҳоро шарҳ диҳанд;**

✓ **доир ба татбиқи мафҳуми қувваи архимедӣ масъалаҳои сифатӣ ва озмоиширо ба таври инфиродӣ ва гурӯҳӣ ҳал кунанд;**

✓ **ҳодисаи шинокунии ҷисмҳоро дар асоси қувваи архимедӣ шарҳ диҳанд;**

✓ **вобастагии қувваи архимедӣ аз ҳаҷми ҷисм, зичии моеъ ва вазни ҷисмро дар ҷуфтҳо тасниф карда, сабабҳои шинокунӣ дар сатҳи моеъ, дар мобайн ва ғарқшавии ҷисмро шарҳ диҳанд.**

**Омӯзгор:** - Мазмуну мундариҷаи дарси имрӯза кумак мекунад фаҳмем, ки чаро баъзе ҷисмҳо дар рӯйи об шино мекунанду баъзеашон ғарқ мешаванд ва чаро шинои киштиҳо, киштиҳои зериобӣ, пуфакҳои ҳавоӣ ва дирижаблҳо (дастгоҳҳои парвозкунандаи аз ҳаво сабук) имконпазир аст.



Расми 1

Омӯзгор нақшаи дарсро мухтасар ба хонандагон мефаҳмонад, сипас, барои бедор намудани шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши мавзуъ таҷрибаи дар расми 1 тасвиршударо мегузаронад. Дар зарфи обдор тӯбчаро пурра ба об меғӯтонад ва зуд дасташро мегирад. Мушоҳида мекунанд, ки тӯбча аз об ба боло “мепарад”.

**Омӯзгор:** - Барои чӣ тӯбча ба сатҳи об баромад?

**Хонанда:** - Ба тӯбча қувва таъсир намуд.

**Омӯзгор:** - Комилан дуруст: қуввае таъсир кард, ки тӯбчаро аз об ба берун тела дод. Мо ин қувваро қувваи болобурд меномем. Барои доир ба ин қувва маълумоти бештар пайдо кардан, кори лабораториро мегузаронем.

Акнун, шуруъ мекунем ба иҷрои кори лабораторӣ.

**Мақсади кор** – муайян кардани шартҳои шинокунӣ ва ғарқшавии ҷисмҳо.

**Лавозимот:** тарозу бо сангҳояш, силиндри андозагирӣ (мензурка), пробирка - шинокунак бо пӯк, чангаки симин, қуми хушк, латтаи хушк.

Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо намуда, барои арзёбии дониши онҳо саволҳо пешниҳод мекунад:

**Гурӯҳи 1.** Вазни маснуот дар ҳаво 5 Н ва дар об 4,5 Н аст. Оё маснуот аз нуқраи холис сохта шудааст ё дар таркиби он омехтаи мис мавҷуд мебошад?

**Гурӯҳи 2.** Дар зери паллаҳои тарозу ду саққои баробарвазн, вале якеаш оҳанин ва дигараш фахфурӣ (сафолӣ) овезон карда шудааст. Агар саққоҳоро ба зарфи обдор ғӯтонем, магар мувозинати тарозу вайрон намешавад?

**Гурӯҳи 3.** Дар зарфе ду навъи моеи ба ҳам омехтанашаванда – об ва симоб рехта шудааст. Онҳо дар зарф чӣ тавр ҷой мегиранд?

**Гурӯҳи 4.** Дар рӯйи об хиштчаҳои чӯбин, пӯкин ва яхин шино мекунанд (расми 2). Расмро муоина карда гӯед, ки кадоми онҳо пӯкин асту кадомаш яхин.




Расми 2

### Қисми назариявии кор

Ба ҷисми ба моеъ ғӯтонидашуда қувваи вазнинӣ ва қувваи архимедӣ таъсир менамояд. Вобаста ба таносуби ин қувваҳо мавридҳои хусусии зерин ҷой дорад: а) агар қувваи вазнинӣ $F_в$ аз қувваи архимедӣ $F_a$ калон бошад $(F_в > F_a)$, ҷисм ғарқ мегардад; б) агар қувваи вазнинӣ $F_в$ ба қувваи архимедӣ $F_a$ баробар бошад $(F_в = F_a)$, ҷисм дар моеъ ғӯта мезанад, яъне, дар ҳолати мувозинатӣ қарор мегирад; в) агар қувваи вазнинӣ $F_в$ аз қувваи архимедӣ $F_a$ хурд бошад $(F_в < F_a)$, ҷисм аз моеъ баромада, дар сатҳи он шино мекунад.

### Тартиби иҷрои кор

1. Ба пробирка ҳамин қадар қум резед, ки ҳангоми бо пӯк пӯшида шуданаш дар силиндри андозагирии пур аз об ба таври амудӣ шино кунаду як қисми он аз сатҳи об боло қарор гирад.

2. Қувваи теладиҳии ба пробирка таъсиркунандаро муайян намоед. Он ба вазни оби бо фишор баровардаи пробирка баробар аст. Барои ёфтани ин вазн аввал ҳаҷми оби бо фишор баровардаро муайян намоед. Барои ин, нишонаи сатҳи обро пеш аз дохил намудани пробирка ва баъди дохил намудани он ба силиндри андозагирӣ муайян намоед. Ҳаҷми оби бо фишор бароварда ва зичии онро дониста, вазни онро ҳисоб намоед.

3. Аз дохили об пробиркаро гирифта, онро бо латтаи хушк пок намуда, бо тарозу баркашед. Массаи пробиркаро то саҳеҳии 1 г муайян намуда, қувваи вазнинии ба он таъсиркунандаро ҳисоб кунед. Он ба вазни пробиркаю қум дар ҳаво баробар аст.

4. Ба пробирка боз каме қум андозед. Аз нав қувваи болобурд ва қувваи вазниниро муайян намоед. Ин корро то ба об ғарқ гардидани пробирка якчанд маротиба такрор кунед.

5. Натиҷаҳои ченкунӣ ва ҳисобкуниро ба ҷадвали 1 гузаронед. Қайд намоед, ки пробирка дар кадом ҳолат шино мекунад, дар кадом ҳолат ғарқ мешавад ва дар кадом ҳолат ба сатҳи болои об мебарояд.

**Ҷадвали 1**

| № таҷриба | Қувваи болобурде, ки ба пробирка таъсир мекунад, $F, H$, $F = g\rho_м \cdot V$ | Вазни пробирка бо қум $P, H$ $P = gm$ | Вазъияти пробирка дар об (шино мекунад ё ғарқ мешавад). |
|---|---|---|---|
| 1<br>2<br>3 | | | |

6. Аз рӯйи натиҷаҳои бадастовардаатон хулоса бароред.

Инак, ба иҷрои кори лабораторӣ шуруъ мекунем: хонандагон тахти роҳбаладии омӯзгор ба иҷрои кори лабораторӣ мепардозад. Қиматҳои ҳосилкардаашонро дар ҷадвал менависанд.

| № таҷриба | Қувваи болобурде, ки ба пробирка таъсир мекунад: $F, H$, $F = g\rho_м \cdot V$ | Вазни пробирка бо кум: $P, H$ $P = gm$ | Вазъияти пробирка дар об (шино мекунад ё ғарқ мешавад). |
|---|---|---|---|
| 1 | 0,23 | 0,19 | Дар сатҳи об шино мекунад. |
| 2 | 0,34 | 0,34 | Шино мекунад. |
| 3 | 0,34 | 0,43 | Ғарқ мешавад. |

Ба ҳамаи ҷисмҳое, ки ба моеъ ё газ ғӯтонида шудаанд, қувваи болобурд (қувваи архимедӣ) таъсир мекунад. Ин қувва муқобили қувваи вазнинӣ равона шуда, вазни ҷисмеро, ки ба моеъ ё газ ғӯтонида шудааст, кам мекунад. Фарқи байни вазни ҷисм дар моеъ ва ҳаво гирифташуда, аз рӯйи қимат ба қувваи болобурд баробар аст.

Қувваи архимедӣ аз зичии моеъ, ки ҷисм ба он ғӯтонида шудааст ва аз ҳаҷми қисми ғӯтонидашудаи ҷисм вобаста мебошад. Ҳар қадар зичии моеъ ё ҳаҷми қисми ғӯтонидашудаи ҷисм зиёд бошад, қувваи болобурд ҳамон қадар калон мешавад.

Қувваи болобурд, масалан, аз зичии моддаи ҷисме, ки ба моеъ ғӯтонида мешавад ва аз шакли ҷисм вобаста нест.

**Хулоса**

Дар раванди иҷрои ин кори лабораторӣ мо шароитҳоеро муайян намудем, ки дар онҳо ҷисм шино мекунад, ба рӯйи моеъ мебарояд ва ғарқ мешавад. Дар таҷриба таъсири қувваи болобурди моеъро ба ҷисми ба он ғӯтонидашуда муайян кардем, ки он ба зичии моеъ ва ҳаҷми ҷисм мутаносиб мебошад.

Омӯзгор тавассути пешниҳоди супоришҳои зерин, ки тавсифоти интерактивӣ доранд, малакаҳои озмоишии хонандагонро арзёбӣ менамояд.

Омӯзгор ба гурӯҳҳо бахри муайян кардани аз кадом бузургӣ вобаста будани қувваи архимедӣ супоришҳои озмоишӣ пешниҳод мекунад.

**Супориш ба гурӯҳи якум**

Лавозимот: зарфи обдор, динамометр, силиндрҳои алюминӣ ва мисин, ресмон.

Қувваи архимедиро, ки ба ҷисми якум ва дуюм таъсир мекунанд, муайян намоед. Зичии ҷисмҳо ва қувваи архимедиро, ки ба ҷисмҳо таъсир мекунад, муқоиса намуда, хулоса бароред.

Доир ба вобастагии қувваи архимедӣ аз зичии ҷисм хулоса бароред.

**Супориш ба гурӯҳи дуюм**

Лавозимот: зарфи обдор, ҷисмҳои аз пластилин сохташудаи ҳаҷмашон гуногун, динамометр, ресмон.

Қувваи архимедиеро, ки ба ҳар як ҷисм таъсир мекунад, муайян намоед. Ин қувваҳоро муқоиса кунед. Доир ба вобастагӣ доштан (надоштан)-и қувваи архимедӣ аз ҳаҷми ҷисм хулоса бароред.

**Супориш ба гурӯҳи сеюм**

Лавозимот: динамометр, ресмон, 3-то зарф барои моеъгирӣ, оби нӯшокӣ, оби шӯр ва равғанӣ, силиндри алюминӣ.

Қувваи архимедиеро, ки ба ҷисми дар оби нӯшокӣ, оби шӯр ва равғанӣ ғӯтонидашуда таъсир мерасонад, ҳисоб кунед. Ин моеъҳо бо чӣ аз ҳамдигар тафовут доранд? Қувваҳои архимедиеро, ки ба ҷисми дар моеъҳои гуногун ғӯтонидашуда таъсир мерасонад, тавсиф кунед.

Вобастагии қувваи архимедӣ аз зичии моеъро муқаррар намоед.

**Супориш ба гурӯҳи чорум**

Лавозимот: силиндри андозагирӣ (мензурка) бо об, силиндри алюминӣ, динамометр, ресмон.

Қувваҳои архимедиеро, ки ба ҷисми ба чуқурии $h_1$ ва ба чуқурии $h_2$ (ки аз $h_1$ калон аст) таъсир мекунад, муайян кунед.

Доир ба вобастагӣ доштан (надоштан)-и қувваи архимедӣ аз чуқурии ғарқшавии ҷисм хулоса бароред.

**Супориш ба гурӯҳи панҷум**

Лавозимот: пластилин, зарфи обдор, динамометр, ресмон.

Ба лӯндаҳои пластилин шакли кура, куб, силиндрро диҳед. Бо навбат ҳар як пайкаракро тавассути динамометр ба об ғарқ кунонида, қувваи архимедии ба он таъсиркунандаро муайян намоед. Ин қувваҳоро муқоиса кунед ва доир ба вобастагӣ доштан (надоштан)-и қувваи архимедӣ аз шакли ҷисм хулоса бароред.

Пас аз иҷрои супоришҳо ҳар як гурӯҳ ба таври шифоҳӣ ҳисобот медиҳанд ва хулосаҳои худро баён мекунанд. Хулосаҳо аз ҷониби хонандагон дар дафтарҳо навишта мешаванд ва аз ҷониби омӯзгор дар тахтаи синф ба шакли ҷадвал сабт мегарданд:

| Қувваи архимедӣ | |
|---|---|
| Вобаста нест аз:<br>**1) шакли ҷисм;**<br>**2) зичии ҷисм.** | Вобаста аст аз:<br>**1) ҳаҷми ҷисм;**<br>**2) зичии моеъ.** |

Дар охир омӯзгор ба хонандагон маълумоти ҷолиб пешниҳод менамояд. Барои мисол, дар дунё баҳре вуҷуд дорад, ки дар он ғарқ шудан ғайриимкон аст. Ин баҳри машҳури Мурда дар наздикиҳои Фаластин мебошад. Оби он чунон шӯр аст, ки дар он ягон мавҷудоти зинда зиндагӣ карда наметавонад. Дар чунин моеи вазнин инсон ғарқ намешавад, зеро зичии ҷисми одам аз зичии оби он хеле хурд аст.

**Омӯзгор: -** Имрӯз дар дарс мо бо қувваи архимедӣ шинос шудем. Барои ман кор кардан бо шумо бисёр ҷолиб буд. Шумо дар дарс хеле фаъол будед. Масъалаҳои пешниҳодшударо мустақилона ҳал кардед ва хулосаҳои дуруст баровардед.

Акнун шумо медонед, ки ба ҳар як ҷисме, ки ба моеъ ғӯтонида мешавад, қувваи болобурд (қувваи архимедӣ) таъсир мекунад. Умедворам, ки шумо донишҳои андӯхтаатонро доир ба қувваи архимедӣ на танҳо дар дарсҳои фанҳои гуногун, балки дар ҳаёти ҳаррӯза низ истифода мебаред. Ба ҳамаи шумо барои кори фаъол ташаккур.

**Супориши хонагӣ.** Аз китоби дарсӣ мутолиа намудани параграфҳои 4.14 ва 4.15; иҷрои машқи 32 (5, 6).

**Супориши эҷодӣ.** Масъалаҳоро ҳал намоед.

1) Расми 3-ро муоина кунед. Дар зери паллаҳои тарозу яктогӣ саққои якхелаи оҳанин овехта шудааст. Агар саққоҳоро дар моеъ ғӯтонем, магар мувозинати тарозу вайрон мешавад? Ҷавоби худро асоснок кунед.



Расми 3

2) Дар зарфи обдор се лӯлаи якхелаеро, ки андарунашон моеъ доранд, андохтанд (расми 4). Ба кадоми онҳо қувваи архимедии бештар таъсир мекунад? (Зичии обро дар ҳама чуқуриҳо якхела ҳисобед). Ҷавоби худро асоснок кунед.

**Омӯзгор: -** Дар охир, муҳим аст, андешаи шуморо дар бораи дарс ва донишҳои азхудкардаатон фаҳмам. Лутфан, ҷадвали зеринро пур кунед:

| Дарс ҷолиб аст ва ман ҳама чизро фаҳмидам. | Дарс ҷолиб аст, аммо на ҳама чиз фаҳмо буд. | Дарс ҷолиб нест ва ман ҳеҷ чизро нафаҳмидам. |
|---|---|---|
| | | |



Расми 4

**Ризои БАҲРОМЗОД,**
**номзади илмҳои физика ва математика**



# АЗ ДАРАХТИ РИЁЗИДОНОН БО РЕШАҲОИ ТОҶИКӢ ТО ИНТИҚОЛИ ДОНИШ БА АВРУПО

Илмро метавон як эҷоди умумии башарият номид, зеро он новобаста аз забон, нажод ва кишвар ба тамоми инсонҳо таалluқ дорад. Дар ин раванд саҳми миллатҳои гуногун хеле муҳим буда, ҳар миллат дар рушди илм, хусусан, илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ, нақши хосси худро гузоштааст.

Дар таърихи башарият илму дониш дар минтақаҳои мухталиф, аз ҷумла, дар Эрон, Ҳиндустон, Чин, Бобул ва Юнони қадим пайдо шуда, дар давронi минбаъда, махсусан, дар ҳудуди Эрони бузурги кишварҳои дигар густариш ёфт ва пас аз давраи Эҳё дар Аврупо шакли муосири худро пайдо кард. Дар тамоми ин марҳилаҳо саҳми олимони тоҷик хеле барҷаста мебошад. Барои исботи ин воқеият метавон ба як лоиҳаи хеле ҷолиб - **Mathematics Genealogy Project** ё худ **«Шаҷаранома олимони риёзӣ»** муроҷиат намуд.

Ин лоиҳа, ки дар заминаи Донишгоҳи давлатии Дакотаи Шимолии Амрико бо дастгирии Ҷамъияти математикони Амрико роҳандозӣ шудааст, ба тавре дақиқу ҷолиб иртиботи устодону шогирдонро дар илми риёзӣ нишон медиҳад. Дар сомонаи мазкур, ба ҳолати оғози феврали соли 2026 зиёда аз 337 ҳазор олим сабт шудаанд, ки дар бораи онҳо маълумоти ҷузъӣ, аз ҷумла, санаи дифои рисолаи илмӣ, номи роҳбари илмӣ ва муҳимтар аз ҳама, номи шогирдонашон гирд оварда шудааст. Ҳамин тавр, ҳар як доктори илм “насл”-и илмии худро дорад ва ҳар як шогирд – пайвандӣ ба устодону “аҷдод”-и илмии худ.

Лоиҳа бори аввал ба туфайли кунҷковии профессори амрикоӣ Ҳарри Кунс (Harry Coonce) оғоз ёфт, ки мехост донад, ки роҳбари илмии устоди ӯ кист. Дар аввал ҳамкоронаш ба ин лоиҳа бо шубҳа менигаристанду ин корро ғайриимкон медонистанд, вале Ҳарри Кунс ба идеяи худ содиқ буду боварӣ дошт, ки ӯ метавонад шаҷаранома тамоми риёзидононро ба вуҷуд орад. Ӯ баҳори соли 1996 ба садҳо факултети риёзӣ мактуб фиристода, дархост кард, ки номи рисолаҳои ҳимояшаванда ва роҳбарони илмии онҳоро пешниҳод кунанд. Аммо ҳамагӣ 25-30 дарсади онҳо ҷавоб доданду тамом. Сентябри ҳамон сол Кунс номи 3500 нафарро нашр кард ва дар натиҷа, лоиҳа маҳбубият пайдо намуд. Дар он замон профессор Кунс дар Донишгоҳи иёлоти Миннесота фаъолият мекард. Соли 2002 яке аз роҳбарони донишгоҳ зидди ин лоиҳа баромада, таъкид кард, ки он оянда надорад. Баъд Кунс эълон кард, ки ҷойи кори дигар мекобад. Ӯро ба Донишгоҳи иёлоти Дакотаи Шимолӣ ба кор даъват карда, ба ӯ вазифа ва утоқи алоҳидаи корӣ ҷудо мекунанд. Дар рушди лоиҳа ба ӯ шогирдаш Митч Келлер ёрӣ медиҳад.

Барои рушди лоиҳа Пажуҳишгоҳи илмҳои риёзӣ дар соли 1999 ба Кунс узвияти моҳона пешниҳод мекунад, ки ӯ байни риёзидонон ин лоиҳаро муаррифӣ кунад. Ҳарри Кунс соли 2002 ба Донишгоҳи Билефелд ташриф оварда, бо риёзидонони Олмон робита пайдо намуд, ки ба пурқувват шудани пойгоҳи лоиҳа мусоидат кард.

Дар саргаҳи шаҷаранома риёзидонон олимони Шарқ қарор доранд, ки аз Абуабдуллоҳи Нотилӣ, Абусаҳли Масеҳӣ ва Абумансури Қумрӣ шуруъ шуда, баъдан, бо Ибни Синову, Баҳманёру Умари Хайём ва дигарон идома меёбад. Агар ба рӯйхати 25 нафар аз машҳуртарин математикони ҷаҳон, ки бештарин шумораи шогирдон ё «ворисон»-ро доранд, назар андозем, мушоҳида мекунем, ки 12 нафари онҳо пайвандӣ бо тоҷику форс доранд.

Абуабдуллоҳи Нотилӣ риёзидон, табиатшинос ва файласуфи тоҷику форс буда,

дар Бағдод таҳсил карда, дар фалсафаю адаб машҳур мегардад ва пасон, ба шаҳри Бухоро меояд. Ӯ бо даъвати падари Ибни Сино дар хонаи онҳо зиста, ба Синои ҷавон асари Порфирий «Муқаддимаи мантиқ», «Усул»-и Уқлидус, муқаддимаи асари Батлимус «Алмаҷистӣ»-ро меомӯзонад. Вакте мебинад, ки қобилияти Абуалӣ хеле баланд асту дигар дарс дода наметавонад, таълимро бас мекунад.

Абусаҳли Масеҳӣ табиби муосири Абуалӣ ибни Сино буда, дар дарбори Маъмун дар Хоразм зиндагӣ ва фаъолият дошт. Абусаҳли Масеҳӣ устод ва дӯсти наздики Ибни Сино буда, дар Хоразм ҳамроҳ кор кардаанд. Ҳарду узви маҷлиси уламои шоҳи Хоразм Абулаббоси Маъмун буданд, ки бо номи Академияи Маъмун машҳур буд ва Абурайҳони Берунӣ роҳбарии онро бар дӯш дошт. Баъди истилои Хоразм аз ҷониби Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба аъзои Академияи Маъмун амр шуд, ки ба пойтахт – Ғазна гузаранд. Аммо Абусаҳли Масеҳӣ ва Ибни Сино ин пешниҳодро рад карда, соли 1012 пинҳонӣ Хоразмро тарк намуда, тариқи биёбони Қароқум роҳи Эронро пеш гирифтанд. Душвории роҳ ба саломатии Абусаҳли Масеҳӣ таъсири бад расонд ва ӯ дар он биёбон вафот кард. Китоби машҳури Абусаҳли Масеҳӣ «Ал-миа фӣ-с-синоати-т-тиббия» аст, ки бо услуби энсиклопедӣ навишта шуда, аз се қисм иборат мебошад. Қисми якум ба бехдошти ғизо ва тасвири хосияти давоҳо, қисми дуюм ба масоили умумии тиб ва қисмати сеюм ба масъалаҳои табобат бахшида шудааст. Чанд рисолаи дигаре низ аз ӯ боқӣ мондааст. Абусаҳли Масеҳӣ дар ҳандаса, нуҷум ва ҳикмат ҳам таълифот доштааст.

Абумансури Камараӣ (Абумансур Ҳасан ибни Нуҳ Камараии Бухороӣ) пизишк ва донишманди тоҷику форс буда, дар деҳаи Камараи шаҳри Бухоро ба дунё омада, дар дарбори Мансури Сомонӣ хидмат мекард ва устоди Ибни Сино ба ҳисоб меравад. Таъсири ӯ ба рушди илми тиб дар асрҳои миёна бағоят бузург буда, ӯ муаллифи китобҳое, ба мисли “Китоб илалул-алил”, “Китобу-л-ғино ва-л-муно” ва “Китобу-т-танвир фи истолоҳоти тиббия” аст. Дар таълифоти Абумансури Бухороӣ масъалаҳои муҳимми истилоҳоти тиббӣ, ҷанбаҳои тибби назариявӣ ва амалӣ, анатомия ва физиология, амрози гуногун, тарзу усулҳои пешгирии бемориҳо, бехдошти об, манзил ва ғайра, инъикос ёфтаанд.

Баъди ин се нафар, дар шаҷаранома Ибни Сино қарор дорад, ки зарурати шарҳу тавзеҳ нест, зеро ӯ ҳамадони замонаш дар ҳамаи илмҳо, аз ҷумла, риёзӣ буд.

Ҳалқаи дигари ин занҷира шогирди Ибни Сино Баҳманёр ибни Марзбон аст. Баҳманёр муаллифи асарҳое, мисли «ат-Таҳсил», «Рисола фӣ маротиби-л-мавҷудот», «Китобуз-зинат фӣ-л-мантиқ», «Китобу-л-баҳҷат вассаодат», «Китобу фӣ-л-мусиқӣ» ва ғайра буда, яке аз шогирдони маҳбуби Ибни Сино ба ҳисоб меравад. Ибни Сино ҳатто, асари “Мубоҳисот”-ашро барои ҷавоб додан ба саволҳои Баҳманёр менависад. Баҳманёр дар навбати худ устоди Умари Хайём буд. Умари Хайём, ки дар ҷомеаи мо бешар бо рубоиёташ ҳамчун шоир шинохта шудааст, дар асл бузургтарин риёзидон ва ситорашиноси замонаш маҳсуб меёфт. Аз асарҳои муҳимми Хайём дар соҳаи риёзӣ «Рисолатун фил-бароҳин ало масоилил-ҷабри вал-муқобала» ва «Рисолатун фӣ шарҳи мо ушкила мин мусодароти Иқлидус»-ро ном гирифтан мумкин аст, ки дар онҳо Хайём ҳалли муодилаҳои дараҷаи сеюмро оварда, мушкилоти аксиомаи панҷуми Уқлидус, ки ба хатҳои мувозӣ бахшида шудааст, баррасӣ кардааст.

Яке аз хидматҳои дигари бузурги Умари Хайём, ки баёнгари нубуғи ӯ ва доштани дониши амиқи астрономиаш аст, ин ислоҳи тақвим ё гоҳшумории мавҷудаи хуршедӣ аст, ки баъдан бо номи “Тақвими Ҷалолӣ” машҳур гардид, ки ҳоло дақиқтарин тақвими истифодашавандаи ҷаҳон мебошад. Ҳамчунин, яке аз зиҷҳо (маҷмуи ҷадвали нуҷумӣ)-и машҳури асримиёнагӣ “Зиҷи Маликшоҳӣ” аст, ки бо роҳбарии Умари Хайём дар расадхонаи Исфаҳон таҳия гардида буд, ки аз он то замони мо танҳо ҷадвали 100 ситораи собити равшантарин боқӣ мондааст. Ин ҷадвал барои оғози соли аввали даврони Маликшоҳӣ (1079) омода шуда, дар он номи 100 ситораи дурахшонтарин, координатаҳои эклиптикӣ ва бузургиҳои онҳо оварда шуда, дар дастхатти муаллифаш номаълуми асри XII бо номи “Дастуру-л-мунаҷҷимин”, ки дар наздикиҳои қалъаи Аламут тартиб ёфта буданд ва ҳоло дар Китобхонаи

миллии Париж тахти №5968 нигоҳ дошта мешавад, боқӣ мондааст.

Пас аз Хайём номи Шарафаддин Муҳаммад ибни Масъуд ибни Муҳаммад Масъудии Марвазӣ меояд, ки муаллифи асарҳои “Рисола ал-ҷабр ва-ал-муқобала ал-Масъудӣ”, “Ал-кифоя фӣ илм ал-ҳайат”, “Китоби ҷаҳони дониш” ва “Рисола дар маърифати аносир ва коиноти ҷавв” аст.

Дар навбати худ шогирдони Марвазӣ Камолиддин Ибни Юнус ва Фахриддини Розӣ идомадиҳандаи ин силсила буда, тавассути Қутбиддин Иброҳими Мисрӣ, Асируддин Муфаззал ибни Умари Абҳарӣ ва Ибни Юнус Насируддини Тӯсӣ таълим мегирад.

Ибни Юнус дар шаҳри Мавсили Ироқ ба дунё омада, дар Бағдод таҳсили илм кардааст ва дар илмҳои риёзӣ, астрономия, фиқҳ, фалсафа ва тиб асар эҷод намудааст. Аз ӯ чор асар боқӣ мондаанд, ки ба масъалаҳои гуногуни илми риёзӣ ва ҳандаса бахшида шудаанд. Яке аз шогирдони машҳури Ибни Юнус Феодори Антиохӣ (1226-1243) мебошад, ки аз осори Форобӣ, Ибни Сино, Уқлидус ва Батлимусро таълим гирифтааст. Яке аз роҳҳои интиқоли дониши олимони Шарқ ба Ғарб ҳамин Феодор аст, ки бо математики машҳур Леонардо Фибоначчи дар иртибот буду ба ӯ масъалагузорӣ мекард. Феодор китоби Ибри Рушдро дар бораи “Физика”-и Арасту барои донишмандони Донишгоҳи Падуаи Италия ба лотинӣ тарҷума кардааст.

Бояд қайд кард, ки Ибни Юнус дар навбати худ шогирди донишманди дигари тоҷик Шарафуддини Тӯсӣ аст. Муҳимтарин асари риёзии шинохташудаи Тӯсӣ «Фӣ-л-муъодилот» ё ҳамон «Ҷабр ва муқобилаи Шарафуддин» аст. Ӯ дар ин китоб ба ҳалҳои ададии бисту панҷ муодила то дараҷаи сеюм пардохтааст. Рисолаи «Фӣ-л-устурлоби-л-хаттӣ» асари нуҷумии ӯ дар заминаи сохти абзорҳои ахтаршиносӣ аст. Устурлоби хаттӣ, қитъаи чӯби мударриҷ ва ба шакли асо будааст ва ба ҳамин муносибат онро «Асои Тӯсӣ» низ номидаанд.

Дар ин силсила Фахриддини Розӣ – фақеҳ, мутакаллим, файласуф ва ахтаршиноси тоҷик мақоми хос дорад. Ӯ яке аз аввалин нафаронест, ки андешаи чандҷаҳонӣ (яъне, мавҷудияти коиноти зиёд)-ро баррасӣ карда, таълимоти Арасту ва Ибни Синоро дар бораи ягонагии олам инкор менамояд.

Асируддин Муфаззал ибни Умари Абҳарӣ, ки бо номи Асируддини Мунаҷҷим машҳур аст, файласуф, ситорашинос ва риёзидони тоҷику форс буд. Дар ҷавонӣ шогирди Фахриддини Розӣ буда, баъдан, аз Камолиддин Ибни Юнус илм омӯхтааст. Ӯ шогирдони зиёде тарбия кардааст, ки дар байни онҳо Насируддини Тӯсӣ, Наҷмуддин Котибии Қазвинӣ, Закариёи Қазвинӣ, Ибни Халликон, Шамсиддини Исфаҳонӣ, Шамсуддин Муҳаммад ибни Ашраф Ҳусайнии Самарқандӣ ва дигарон дар илм шинохта мебошанд.

Баъди Камолиддин Ибни Юнус ва Асируддин Абҳарӣ силсилаи олимонро Насируддини Тӯсӣ идома медиҳад. Тӯсӣ яке аз шахсиятҳои барҷаста дар риёзӣ, астрономия, фалсафа ва калому адабиёт буда, муаллифи беш аз 150 асар мебошад, ки 25-тои онҳо ба забони тоҷикӣ аст. Яке аз хидматҳои мондагори Тӯсӣ дар илми риёзӣ ва ахтаршиносӣ ин таъсиси расадхонаи Мароға мебошад, ки маркази бонуфуз ва пуриқтидори илмӣ дар асрҳои миёна гардид. Ин расадхона бузургтарин расадхонаи олам дар он замон ба ҳисоб рафта, бо таҷҳизоти пурқувват ва навтарини он замон муҷаҳҳаз буд. Дар ин расадхона бештар аз сад донишманд аз кишварҳои гуногун, аз ҷумла, Чин фаъолият кардаанд.

Дар расадхонаи Мароға таҳти роҳбарии Насируддини Тӯсӣ донишмандони дигари тоҷик Шамсуддин Муҳаммади Вобкандии Бухорӣ ва Қутбуддин Маҳмуд ибни Масъуди Шерозӣ фаъолият мекарданд.

Шамсуддини Бухорӣ яке аз намоёнтарин донишмандони расадхонаҳои Мароға ва Табрез буда, муаллифи “Зиҷи муҳаққақи Султонӣ” ва “Китоб дар маърифати устурлоби шимолӣ” ба забони тоҷикӣ аст, ки дар натиҷаи мушоҳидаҳои 40-солааш таълиф намудааст. Ӯ аввалин нафарест, ки гирифти ҳалқашакли Офтобро аз нигоҳи илмӣ шарҳ додааст. Ӯ таъкид кардааст, ки гирифти ҳалқашакли Офтобро 29 шавволи соли 681 ҳиҷрӣ (баробар ба 30 январи соли 1283) дар шаҳри Муғон (шимолу ғарби Эрон, $\varphi$ = 38,5-39,5° а. ш. ва $\lambda$ = 45-47° т. ш.) мушоҳида кардааст.

Қутбуддин Маҳмуд ибни Масъуди Ше-

розӣ дар илмҳои тиб, риёзӣ, ахтаршиносӣ ва мусиқӣ олими шинохта буду шеър ҳам менавишт. Яке аз шогирдони Котибии Қазвинӣ буд. Дар расадхонаи Мароға бо Насируддини Тӯсӣ ҳамкорӣ карда, аз тавонотарин шогирдонаш ба ҳисоб мерафт. Дар Табрез роҳбарии расадхонаро бар дӯш дошт.

Ин пайвастагиҳо бо силсилаи пайдарпай ба бузургтарин олимони муосир низ мерасанд.

Дар ин шаҷаранома баъди олимони Шарқ номи Григорий Хиониад (Gregory Chioniades) дида мешавад, ки баъди ӯ гузариш ба риёзидонони аврупоӣ шурӯъ мешавад.

Ҳарчанд илми донишмандони Шарқ тавассути нафарони зиёд ва тарҷумаи осори онҳо ба забонҳои гуногуни аврупоӣ паҳн шудааст, яке аз нафароне, ки нақши пулро дар миёни илми Шарқ ва Ғарб бозӣ кардааст, Григорий Хиониад мебошад.

Григорий Хиониад (такр. 1240 – такр. 1320) астроном ва риёзидони румӣ (бизонсӣ) буд, ки дар шаҳри Қустантиния ба дунё омадааст. Аз хурдӣ ба риёзӣ ва тиб шавқи беандоза дошта, онҳоро азхуд мекунад. Баъдан, ба омӯзиши астрономия рӯй меорад ва устодонаш ба ӯ тавсия медиҳанд, ки ба Эрон рафта, илм омӯзад. Бояд таъкид намоям, ки он солҳо шаҳрҳои Эрон ва Осиёи Миёна марказҳои бузурги илмӣ ба ҳисоб мерафтанд ва чӣ гунае, ки имрӯз беҳтарин соҳибистеъдодҳои дунё дар донишгоҳҳое, ба мисли Ҳарварду Кембриҷу Оксфорд ҷамъ мешаванд, он замон ба шаҳрҳои Самарқанду Бухоро, Марву Табрез ва Шерозу Исфаҳон мерафтанд. Аз ин сабаб, Григорий Хиониад ба шаҳри Табрез сафар карда, дар назди Шамсуддини Бухорӣ, ки дар расадхонаҳои Мароға ва Табрез фаъолият мекард, таълим мегирад. Аз осори Григорий Хиониад бармеояд, ки маҳз Бухорӣ ба ӯ тарзи ҳисоби мушахассаҳои гирифт (вақт, давомнокӣ, бузургӣ ва ғ.)-ро омӯзонидааст. Дар ин сафар ба ӯ императори Трабзон Алексейи 2 ёрии молиявӣ мерасонад. Григорий дар Табрез бо навгониҳои илмии астрономӣ, абзори мушоҳида, ҷадвалҳои астрономӣ (зиҷҳо) ва моделҳои космологӣ шинос мешавад. Ӯ ҳангоми ба Рум баргаштан ҳамроҳи худ китобҳои зиёдеро бо забони арабӣ ва тоҷикӣ гирифта, баъдан, онҳоро ба забони юнонӣ тарҷума кардааст. Аз ҷумла, "Зиҷи Илхонӣ" ва дигар осори Насируддини Тӯсӣ, "Зиҷи Санҷарӣ"-и Абдурраҳмони Хозинӣ, "Китоб дар маърифати устурлоби шимолӣ"-и Шамсуддини Бухорӣ. Ӯ бори аввал ба Аврупо аз Эрон устурлоберо бурд, ки нивобаста аз арзи маҳал кор мекард. Маҳз тарҷумаи андешаҳои Насируддини Тӯсӣ дар бораи ҳаракати доираҳо, ки бо номи "ҷуфти Тӯсӣ" машҳур аст, баъдан барои инқилоби Коперник замина гузошт.

Азбаски Григорий Хиониад насронӣ буд, солҳои 1295-1296; 1302-1310 ба сифати ускуфи Табрез хидмат кардааст.

Баъди бозгашт ба шаҳри Трабзон академияи астрономӣ таъсис додааст. Олими дигари машҳури румӣ Мануил Вриенний аз шогирдони Хиониад махсус ёфта, дар навбати худ устоди Феодор Метохит аст.

Нақши Григорий Хиониад дар интиқоли илму дониши Шарқ ба Ғарб хеле бузург буда, ба шарофати тарҷумаҳои ӯ дастхатҳои олимони Шарқ ба китобхонаҳои Ватикан ва Медичи роҳ ёфтанд ва то ба Коперник расиданд.

Ин гуна шаҷаранома илмӣ на танҳо барои донистани таърихи илм, балки барои эҳтиром гузоштан ба олимоне, ки заминаи донишҳои имрӯзаро гузоштаанд, аҳаммияти хос дорад. Олимони муосире, ки имрӯз дар донишгоҳҳои бузурги Амрико, Аврупо ва Осиё кор мекунанд, шояд на ҳамеша бидонанд, ки решаҳои илмии онҳо ба олимони бузурги форсу тоҷик мерасанд.

Ҳар кас метавонад, дурустии ин далелҳоро дар сомонаи **Mathematics Genealogy Project (https://www.mathgenealogy.org/extrema.php)** санҷад ва ҳатто, шаҷаранома илмии худро дар ин сомона **https://observablehq.com/@davidalber/geneagrapher** сохта, бубинад, ки иртиботи ӯ бо олимони бузурги гузашта чӣ гуна аст.

Ин далелҳо як бори дигар таъкид мекунанд, ки илм ва дониш ҳудуд намешиносад ва олимонро бо ҳам мепайвандад, ки нақши олимони тоҷику форс дар ин робита хеле бориз ва шоистаи эҳтиром мебошад.

Дар расмҳои зерин шаҷаранома олимони риёзӣ бо ҷузъиёт оварда шудааст:


Abu Sahl 'Isa ibn Yahya al-Masihi
Abu Abdallah Al-Husayn ibn Ibrahim al-Natili
Abu Mansur al-Hasan ibn Nuh al-Qumri
Abu ʿAli al-Husayn (Avicenna) ibn Sina
Bahmanyār ibn al-Marzubān
Ghiyāth al-Dīn Abū al-Fatḥ ʿUmar ibn Ibrāhīm al-Khayyām al-Nīsābūrī (1068)
Saraf al-Dīn Muhammad al-Masʿūdī al-Marwazī
Sharaf al-Dīn al-Ţūsī
Fakhr al-Dīn Muhammad al-Rēzī
Kamāl al-Dīn Ibn Yūnus
Qutb al-Dīn Ibrāhīm al-Mīṣrī (1222)
Athīr al-Dīn al-Mufaḍḍal al-Abharī (1264)
Nasir al-Dīn al-Ţūsī
Shams al-Dīn al-Bukhārī
Maragheh Observatory
Gregory Chioniadis
Ilkhans Court at Tabriz (1296)
Manuel Bryennios
Imperial University of Constantinople (1300)
Theodore Metochites
Imperial University of Constantinople (1315)
Gregory Palamas
Imperial University of Constantinople (1316)
Nicole Oresme
Université de Paris (1356)
Nilos Kabasilas
(1363)
Heinrich von Langenstein
Université de Paris (1363)
Elissaeus Judaeus
Demetrios Kydones
Johannes von Gmunden
Universität Wien (1406)
Georgios Plethon Gemistos
(1380)
Georg von Peuerbach
Universität Wien (1440)
Basilios Bessarion
Mystras (1436)
Johannes Müller Regiomontanus
Universität Leipzig and Universität Wien (1457)
Luca Pacioli
Domenico Maria Novara da Ferrara
Università degli Studi di Firenze (1483)
Leonhard (Leonard Vitreatoris z Dobczyc) von Dobschütz
Uniwersytet Jagielloński (1489)
Nicolaus (Mikołaj Kopernik) Copernicus
Università di Bologna and Università degli Studi di Padova and Uniwersytet Jagielloński and Università degli Studi di Ferrara (1499)

# ШАҶАРАНОМАИ ОЛИМОНИ РИЁЗӢ



**Муътабар ҚУРБОНОВА,**
**устоди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

# НАҚШИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ КАСБИИ МУТАХАССИСОНИ СОҲАИ САЙЁҲӢ




Дар замони имрӯз донистани забонҳои хориҷӣ барои фаъолият дар ҳама самту соҳаҳо шарти зарурӣ маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, дар соҳаи сайёҳӣ, ки ба муошират ва мубодилаи фарҳангҳо марбут аст, донистани забонҳои хориҷӣ аҳаммияти хос дорад. Омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ баҳри муошират бо сайёҳон, такмили ихтисос ва рушди касбӣ замина мегузорад.

Бо рушди соҳаи сайёҳӣ дар кишвар ва ҳамасола зиёд гардидани шумораи гардишгарони хориҷӣ зарурати омода намудани мутахассисони касбӣ ва дорои маҳорати баланди муошират бо забонҳои хориҷӣ ба миён омадааст. Мутахассиси соҳаи сайёҳӣ бояд бо мизоҷон, шарикон ва ҳамкорон аз муҳитҳои гуногуни забонӣ ва фарҳангӣ муошират карда тавонад. Аз ин рӯ, барои мутахассиси ин соҳа донистани забонҳои хориҷӣ дигар маҳорати иловагӣ набуда, балки талаботи асосии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳоло муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар баробари омода намудани донишҷӯён бо донишҳои назариявӣ оид ба идоракунии сайёҳӣ ба малакаҳои амалии муоширати забонҳои хориҷӣ низ диққати махсус медиҳанд. Омӯзиши анъанавии забонҳои хориҷӣ, аксаран, ниёзҳои касбии мутахассисони ояндаи сайёҳиро қонеъ карда наметавонад. Аз ин рӯ, та-

лабот ба таҳсили махсуси забонҳои хориҷӣ, ки воқеиятҳои касбиро инъикос мекунад, рӯ ба афзоиш аст. Мо низ дар ин нигошта асосҳои назариявӣ ва ҷанбаҳои амалии омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар рушди касбии мутахассисони оянда соҳаи сайёҳиро баррасӣ намудем.

### Аҳаммияти омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар соҳаи сайёҳӣ

Сайёҳӣ соҳаи густаришёфта ва ҷаҳонӣ буда, ба иртиботи байни фарҳанг ва халқҳо асос ёфтааст. Аксари сайёҳон дар вақти гардишгарӣ ба кишварҳое мераванд, ки бо забон ва фарҳанги онҳо ошно нестанд. Аз ин лиҳоз, ба хидматрасонии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ниёз пайдо мекунанд. Агар мутахассиси соҳаи сайёҳӣ забонҳои хориҷиро надонад, дар муошират бо сайёҳон ва ҳатто, ҳамкорони байналмилалӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад.

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ имкон медиҳад, ки мутахассисони соҳаи сайёҳӣ дар анҷоми таҳқиқот, шиносоии мақсадҳои сайёҳӣ ва дастрасӣ ба маълумоти байналмилалӣ бефосила ва самаранок кор кунанд. Мутобиқ шудан ба замони муосир ва талаботи ҷаҳонии соҳаи сайёҳӣ, ки ба бозори байналмилалӣ ва ҳамкориҳои фаромиллӣ равона шудааст, бо донистани забонҳои хориҷӣ осон мегардад. Аз ин рӯ, мутахассисони соҳаи сайёҳӣ бояд барои беҳтар намудани муносибатҳои байналмилалӣ ва фароҳам овардани даххо ё садҳо имконоти нави корӣ забонҳои хориҷиро аз худ намоянд.

### Забонҳои хориҷии асосӣ барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ

Бо дарназардошти он ки соҳаи сайёҳӣ имрӯз босуръат рушд мекунад, донистани забонҳои хориҷӣ ба мутахассисон имкон медиҳад, ки бо мизоҷон ва шарикони хориҷӣ самаранок муошират намоянд. Аз ин рӯ, омӯзиши забонҳои хориҷии зерин дар ин соҳа аҳаммияти махсус доранд:

**1. Англисӣ.** Ин забон дар шароити имрӯз мақоми байналмилалӣ дорад ва забони асосии тиҷорати ҷаҳонӣ аст. Донистани забони англисӣ барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ҳатмист, зеро аксари сайёҳон дар ҷаҳон бо ин забон муошират мекунанд.

**2. Итолиёӣ, испанӣ ва фаронсавӣ.** Ҳар яке аз ин забонҳо дар соҳаи сайёҳӣ муҳим мебошанд. Зеро ба кишварҳое, ки бо ин забонҳо ҳарф мезананд, сайёҳони зиёде сафар намуда, мардуми ин мамлакатҳо низ дар гардишгарии ҷаҳонӣ фаъол мебошанд.

**3. Чинӣ.** Ҷумҳурии Мардумии Чин дар айни замон яке аз кишварҳои пешрафта ва рушдёбанда дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Ҳамасола шумораи зиёди сайёҳони чинӣ ба кишвари мо ташриф оварда, аз минтақаҳои зебои Тоҷикистон боздид мекунанд.

**4. Арабӣ.** Дар ҷаҳон кишварҳое, ки забони арабӣ дар онҳо забони расмӣ мебошад, зиёданд ва дар ин сурат, донистани ин забон барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ зарур аст.

### Роҳҳои омӯзиш ва такмили забонҳои хориҷӣ

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ бо равишҳои зерин сурат мегирад:

**1. Курсҳои омӯзиши забони хориҷӣ, ки дар мактаб, донишгоҳ ва марказҳои омӯзишӣ пешниҳод мешаванд. Ҳангоми омӯзиш дар ин курсҳо барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ ба назар гирифтани лексикаи сайёҳӣ ва равишҳои ҳалли мушкилоти муошират муфид мебошад.**

**2. Машқҳои забонӣ. Пас аз омӯхтани забони хориҷӣ тавассути машқҳои забонӣ (кор бо гурӯҳҳои маҳаллӣ ва муошират бо сайёҳон) мутахассисон метавонанд, маҳорати худро такмил диҳанд.**

**3. Шиносоии фарҳангӣ: Дар баробари омӯзиши забон шиносоӣ бо фарҳанг, суннат, урфу одат ва маконҳои сайёҳии кишварҳо муҳим аст. Ин ба васеъ гардидани донишҳои мутахассисони соҳа мусоидат менамояд.**

Барои мутахассисони соҳаи сайёҳӣ омӯзиши забонҳои хориҷӣ ҳамчун воситаи муоширати касбӣ, воситаи дастрасӣ ба сарчашмаҳои иттилоотии байналмилалӣ ва омили ташаккули ҳувияти касбӣ мебошад. Забон-

донӣ имконоти шуғлии мутахассиси соҳаро афзоиш медиҳад. Ғайр аз ин, омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба рушди малакаҳои нарм (soft skills), аз қабили қобилияти муошират, ҳассосияти фарҳангӣ, мутобиқшавӣ ва ҳалли мушкилот, ки барои мутахассисони сайёҳӣ муҳимманд, мусоидат мекунад.

### Омӯзиши касбии забонҳои хориҷӣ

Омӯзиши касбии забонҳои хориҷӣ ба ҳамгироии омӯзиши забон бо мундариҷа ва вазъиятҳои муоширати соҳаи сайёҳӣ равона шудааст. Ин равиш истифодаи истилоҳот ва матнҳои марбут ба соҳа ва ҳолатҳои воқеии муоширатро, аз қабили фармоиши меҳмонхона, муаррифии мавзеъҳои сайёҳӣ, баррасии шикоятҳо ва музокироти байнифарҳангӣ дар бар мегирад.

Истифодаи усулҳои фаъоли таълим, аз ҷумла, таҳлили ҳолатҳо (case-study), омӯзиши лоиҳавӣ ва моделсозии вазъиятҳои касбӣ бисёр муҳим мебошанд. Ин усулҳо ҳавасмандии донишҷӯёнро баланд бардошта, фосилаи байни донишҳои назариявӣ ва татбиқи амалиро коҳиш медиҳанд.

### Ташаккули салоҳияти коммуникативии байнифарҳангӣ

Яке аз натиҷаҳои асосии омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои донишҷӯёни соҳаи сайёҳӣ ташаккули салоҳияти коммуникативии байнифарҳангӣ мебошад. Ин салоҳият ҷузъҳои забонӣ, иҷтимоӣ-забонӣ, прагматикӣ ва байнифарҳангиро дар бар мегирад. Барои мутахассисони сайёҳӣ ҷанбаи байнифарҳангӣ аҳаммияти махсус дорад, зеро муваффақияти касбии онҳо аз қобилияти муоширати дуруст бо намояндагони фарҳангҳои гуногун вобаста аст.

Истифодаи маводди аслӣ, аз қабили сомонаҳо, буклет, навор ва шарҳҳои мизоҷон ба донишҷӯён имкон медиҳад, ки бо тарзи баёни касбӣ шинос шаванд. Илова бар ин, технологияҳои рақамӣ ва платформаҳои омӯзиши онлайн имконоти муоширати маҷозии байнифарҳангӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориро фароҳам меоранд.

### Хулоса

Омӯзиши забонҳои хориҷӣ барои мутахассисони ояндаи соҳаи сайёҳӣ як роҳ барои муваффақият ва унсури калидӣ баҳри рушди касбӣ мебошад. Самаранокии он аз равиши касбият, ҳамгироии ҷузъҳои коммуникативӣ ва байнифарҳангӣ, инчунин, истифодаи технологияҳои муосири таълимӣ вобаста аст.

Бо мутобиқ сохтани омӯзиши забонҳои хориҷӣ ба ниёзҳои воқеии соҳаи сайёҳӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ метавонанд салоҳияти касбӣ ва рақобатпазирии мутахассисони омоданамудаи худро дар бозори меҳнат баланд бардоранд. Пас, ҳар як омӯзгори забонҳои хориҷиро лозим аст, ки донишомӯзонро аз лиҳози фарҳангӣ ва фарогир ба омӯзиш ҷалб намояд, зеро таҳсили забонҳои хориҷӣ асоси омодасозии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ мебошад.

**Адабиёт:**

1. Абдурасулова Н. (2025). Теория ва амалиёти ташкили қобилиятҳои касбӣ барои мутахассисони ояндаи туризм дар таълими забони англисӣ. Zarubezhnaya Lingvistika i Lingvodidaktika, 3 (5), 100–104.
2. Эшенкова Н. Л. (2025). Омӯзиши ҳолати масъала дар таълими забони англисӣ дар донишгоҳҳо: Ба мисоли донишҷӯён дар соҳаи туризм. International Research Journal, 5 (155), 71–85.
3. Бахитҷон Э. К., Дермендиева, С. Х. ва Бикеева Д. (2022). Омӯзиши забонҳои хориҷӣ бо истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таҳсил дар макотиби олии ғайри забонӣ. Izvestiya: Pedagogical Sciences, 67 (4), 13–30.
4. Омӯзиши терминологияи туризм ҳамчун зарурати педагогӣ (2025). International Journal of Scientific Trends, 4 (5), 146–148.
5. Юлдошева И. (2025). Муҳиммияти рушд додани қобилияти байнифарҳангӣ дар омӯзиши забони англисӣ. Lingvospektr, 9 (1), 44–48.
6. Муратоева М. ва Парпиева У. К. (2025). Муҳиммияти таълими забони хориҷӣ барои рушди соҳаи туризм. Zenodo Open Conference Paper.

**Файзуллоҷон САФАРОВ,**
**докторанти ДМТ, номзади илмҳои техникӣ**



# АЗ ХАТАРҲОИ ОЛАМИ ИНТЕРНЕТ ЧӢ ГУНА ЭМИН БОШЕМ?

Маърифати иттилоотӣ ва устувории рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амалӣ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон дар ҳаёти ҳаррӯза робитаи мустақим доранд. Ҳатто, вақте ки таъсири онҳо фавран ва ба таври ошкор эҳсос намешавад. Дар муҳити саршор аз иттилоот, аз ҷумла, дар шароити паҳншавии маълумоти бардурӯғ, ғалат ва ғаразнок маърифати иттилоотӣ ба шахс имкон медиҳад, ки иттилоотро ҷустуҷӯ, арзёбӣ, истифода ва ҳатто, дар доираи меъёрҳои ахлоқӣ эҷод намояд. Ҳамин қобилиятҳо заминаи қабули қарорҳои асоснок ва бартараф кардани осебпазирии иттилоотиро фароҳам месозанд.

Дар айни замон устувории рақамӣ (киберустуворӣ) танҳо ба «донистани технология» маҳдуд намешавад, балки маҷмуи иқтидорҳои фардӣ ва институтсионалиро дар бар гирифта, ба низомҳо ва истифодабарандагон имкон медиҳад, ки фишорҳо, ҳамлаҳо ё нуқсонҳои кибериро пешбинӣ кунад, ҳангоми рух додани ин мушкилот муқовимат нишон диҳад, барқарор шавад ва ба шароити нав мутобиқ гарданд. Аз ин рӯ, маърифати иттилоотӣ ва киберустуворӣ дар кишвар бояд ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва амниятӣ фаҳмида шавад. Ин равиш бо дидгоҳи сиёсатгузории байналмилалӣ низ ҳамоҳанг аст, ки хавфи амнияти рақамиро, ҳамзамон, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ арзёбӣ мекунад ва тақвияти устувориро ҳамчун унсури калидии эътимод дар табдили рақамӣ мешуморад.

Аҳаммияти ин самтҳо дар сиёсати давлатӣ низ возеҳ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, солҳои 2025–2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон гардидааст. Ҳамзамон, барои заминагузории меъёрӣ-барномавӣ Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумат аз 30 декабри соли 2019, №642 қабул шуда, инчунин, Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 қабул ва амалӣ гардид.

Татбиқи пайгиронаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномаҳои давлатӣ дар якҷоягӣ бо баланд бардоштани сатҳи маърифати иттилоотӣ ва малакаҳои киберустувории аҳолӣ, ба ташаккули ҷомеаи рақамии масъул, рушди устувори иқтисодӣ ва таҳкими амнияти давлат мусоидат менамояд. Дар баробари ин, таҳия ва татбиқи барномаҳои махсус барои гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла, пиронсолон, маъюбон ва сокинони минтақаҳои дурдаст ҷиҳати таъмини дастрасии онҳо ба технологияҳои рақамӣ ва имконоти онлайн муҳим аст. Ин барномаҳо бояд ба омӯзиши асосҳои компютерӣ, истифодаи интернет, бехатарии онлайн ва мубориза бо қаллобӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ равона карда шаванд.

### Маърифати иттилоотӣ чист?

Маърифати иттилоотӣ (ё саводнокии иттилоотӣ) маҷмуи дониш, малака ва рӯйкардҳоест, ки ба шахс имкон медиҳад ниёз ба иттилоотро дарк кунад, онро пайдо намояд, бо меъёрҳои интиқодӣ арзёбӣ кунад, самаранок истифода барад ва дар сурати зарурат иттилоотро дар шаклҳои гуногун эҷод ва мубодила намояд. Ин фаҳмиш дар адабиёти байналмилалӣ ҳамчун яке аз пояҳои асосии ҷомеаи иттилоотӣ арзёбӣ мешавад, зеро ба шаҳрвандон барои расидан ба ҳадафҳои шахсӣ, иҷтимоӣ, касбӣ ва таҳсилӣ қудрат мебахшад.

Шахсе, ки сатҳи баланди маърифати иттилоотӣ дорад, одатан, метавонад масъалаҳоро таҳлил кунад, манбаъҳо ва нуқтаи назарҳои гуногунро муқоиса намояд, эътимоднокӣ ва арзиш (value)-и иттилоотро дар заминаи истеҳсол, муаллифӣ, мақсад ва манфиатҳои эҳтимолӣ арзёбӣ

кунад, инчунин, дар истифодаи иттилоот ба меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ (масалан, истинод, ҳуқуқи муаллиф, истифодаи одилона) риоя намояд. Ин дидгоҳ бо равишҳои муосири методологии таълими саводнокии иттилоотӣ дар муҳити таҳсилоти олӣ ва омӯзиши якумрӣ ҳамсон аст.

Бо дарназардошти афзоиши ҳаҷм ва суръати гардиши маълумот дар фазои рақамӣ, инчунин, паҳншавии иттилооти ғалат ва бардурӯғ, маърифати иттилоотӣ ҳамчун маҷмуи салоҳиятҳои калидӣ барои иштироки фаъол дар ҷомеа ва таъмини сифати қабули қарорҳо аҳаммияти хосса мегирад. Аз ин ҷиҳат, он на танҳо барои муваффақият дар таҳсил ва касб, балки барои амнияти иттилоотӣ ва устувории иҷтимоӣ низ аҳаммият дорад (масалан, коҳиши осебпазирӣ аз манипулятсияи иттилоотӣ ва тавоноии санҷиши далелҳо).

Аз лиҳози педагогӣ рушди ин салоҳиятҳо бояд марҳилавӣ ва пайгирона аз синни мактабӣ оғоз ёбад ва дар зинаҳои минбаъда (таҳсилоти миёна, олии касбӣ ва омӯзиши якумрӣ) бо мураккабшавии вазифаҳо тақвият дода шавад. Дар ин раванд, муассисаҳои таълимӣ метавонанд саводнокии иттилоотиро ба барномаҳои таълимӣ, супоришҳои таҳқиқотӣ, кор бо манбаъҳо ва баҳодиҳӣ ворид намоянд. Ҳамзамон, китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотӣ ҳамчун шарикони институтсионалӣ метавонанд, тавассути тренингҳо, семинарҳо ва дастгирии методӣ ин маҳоратҳоро тақвият бахшанд.

Дар маҷмуъ, маърифати иттилоотӣ «калиди муваффақият дар асри иттилоот» ба маънои илмист: он ба шахс имкон медиҳад дар муҳити иттилоотии мураккаб роҳёбӣ кунад, қарорҳои асоснок қабул намояд ва ҳамчун шаҳрванд дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва касбӣ бо масъулият ширкат варзад. Барои ҳамин, сиёсати соҳа бояд ба ҳамгироии ин салоҳиятҳо дар низоми таҳсилот, омодасозии омӯзгорон, тавсеаи барномаи китобхонаҳо ва ҳамкории байнисоҳавӣ такя намояд.

**Ҷустуҷӯ ва дастрасӣ:** донистани роҳҳои пайдо кардани иттилооти боэътимод аз манбаъҳои гуногун (китобҳо, интернет, пойгоҳҳои додаҳо).

**Арзёбӣ ва таҳлил:** қобилияти фарқ кардани иттилооти дуруст аз иттилооти бардурӯғ, санҷидани манбаъҳо ва муқоиса кардани далелҳо.

**Истифода ва татбиқ:** истифодаи иттилоот барои ҳалли масъалаҳо, қабули қарорҳо ва эҷоди донишҳои нав (аснод ва муснад).

**Ахлоқ ва ҳуқуқ:** риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ ҳангоми истифодаи иттилоот (махфият ва ҳуқуқи муаллиф).

**Амнияти рақамӣ:** донистани усулҳои ҳифзи маълумоти шахсӣ ва истифодаи бехатар аз технологияҳои рақамӣ (шабакаҳои ҷусторию иртиботии бегона ва месенҷерҳо).

### Чаро маърифати иттилоотӣ ба шаҳрвандони Тоҷикистон муҳим аст?

Дар шароити муосир, ки технологияҳои иттилоотӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ шаклҳои муошират, ба кор бурдани хабар ва қабули қарорҳоро босуръат тағйир медиҳанд, рушди маърифати иттилоотӣ барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Ин зарурат дар Тоҷикистон бо хусусиятҳои демографӣ ва динамикаи истифодаи интернет боз ҳам муҳимтар мешавад: мувофиқи гузориши минтақавии UNICEF, дар Осиёи Марказӣ зиёда аз 50%-и аҳолӣ то 30-сола мебошанд (Тоҷикистон низ дар ин ҷойгоҳ қарор дорад). Ҳамзамон, тибқи арзёбии DataReportal, дар поёни соли 2025 сатҳи нуфуси интернет дар Тоҷикистон тақрибан 66,4% (бо тахмини 8,4 млн истифодабаранда) буд, ки ин нишондод афзоиши дастрасии рақамиро инъикос мекунад. Дар чунин муҳит, набудани салоҳиятҳои арзёбии интиқодии иттилоот метавонад паҳншавии хабарҳои бардурӯғ/ғалат, инчунин, таъсирпазирӣ аз манипулятсияҳои иттилоотиро зиёд намояд. Аз ин рӯ, UNESCO маърифати медиа ва иттилоотиро (MIL) ҳамчун маҷмуи салоҳиятҳо барои фарқгузории иттилооти боэътимод аз иттилооти нодуруст - misinformation, иттилооти ғалат - disinformation ва роҳёбӣ дар муҳити онлайн медонад.

**Ҷанбаи дигар – амният.** Афзоиши хидматрасониҳои рақамӣ ва муошırати онлайн боиси болоравии хавфҳои киберӣ (махсусан, фиребҳои онлайнӣ ва “phishing”) мегардад. Масалан, дар ҳисоботи солонаи IC3 (FBI) барои соли 2025, “phishing/spoofing” (қаллобӣ) аз ҷумлаи намудҳои маъмултарини ҷиноятҳои интернетӣ аз рӯйи шумори мурочиатҳо зикр шудааст. Аз ин рӯ, омӯзиши амалӣ дар самтҳои санҷиши манбаъ, гигиенаи рақамӣ (ҳифзи маълумоти шахсӣ,

паролҳои қавӣ, маҳдудсозии дастрасӣ, гузариш ба системаи ҷусториюю иртиботии мустақили миллӣ) ва истифодаи аутентификатсияи бисёромила (MFA) барои рафъ кардани осебпазирӣ аҳаммияти амалӣ дорад. CISA (Агентии амнияти киберӣ ва ҳифзи зерсохторҳои ИМА) татбиқи MFA (гирифтани ҳувияти бисёрфакторӣ)-ро ҳамчун яке аз таҷрибаҳои асосии ҳифзи ҳисобҳо ва маълумот тавсия медиҳад.

Ниҳоят, маърифати иттилоотӣ ва саводнокии рақамӣ барои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон низ заминаи муҳим мегузорад. Дар иқтисоди рақамӣ талабот ба малакаҳои рақамӣ (ҳам умумӣ ва ҳам ихтисосӣ) меафзояд ва сиёсати рушди малакаҳо метавонад ба бозори меҳнат, маҳсулнокӣ ва инноватсия таъсири мусбат расонад. Аз ин лиҳоз, ворид кардани ҷузъҳои маърифати иттилоотӣ ба барномаҳои таълимӣ (аз мактаб то донишгоҳ), инчунин, ташкили тренингҳои оммавӣ тавассути китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотӣ механизми асосноки баланд бардоштани устувории иҷтимоӣ, амнияти рақамӣ ва рақобатпазирии иқтисодӣ маҳсуб мешавад.

**Алгоритми кӯтоҳи «5 С» барои санҷиши хабар ва паёмҳо**

Барои он ки дар муҳити саршор аз ахбор саргардон нашавем, метавонем аз як формулаи хеле одӣ истифода барем: – «5 С»: сарчашма, сана, сабаб, санад, саломатии мантиқ. Ин формула, махсусан, дар шабакаҳои иҷтимоӣ кумак мекунад, ки пеш аз қабул кардани иттилоъ саволҳои дуруст диҳем.

**1. Сарчашма: муаллиф ё ташкилот кист? Оё ӯ масъулият ва таърихи эътимоднок дорад? Барои истифодаи сарчашма чӣ натиҷа моро интизор аст?**

**2. Сана: матлаб кай нашр шудааст? Оё он рӯзмарра аст ё аз воқеаи кӯҳна истифода мебаранд? Бознашр аст ё тағйирёфта?**

**3. Сабаб: чаро ин хабар паҳн мешавад? Барои кӣ ва ё барои чӣ? Оё мақсад огоҳӣ аст ё таъсир/фурӯш/тарсондан ё фишор?**

**4. Санад: далел ва ҳуҷҷат дар куҷост (рақам, иқтибос, истинод, ҳуҷҷати расмӣ)?**

**5. Саломатии мантиқ: оё хулосаҳо бо далелҳо мувофиқанд ё мантиқ доранд?**

**Асбобҳои одӣ барои санҷиши зуд**

Ҳангоми шубҳа се санҷиши зуд аксар вақт кофист: (а) ҷустуҷӯи баръакси тасвир барои муайян кардани манбаи акс/видео; (б) ҷустуҷӯи калимаҳои калидӣ бо иловаи номи ҷой/сана; (в) муқоисаи хабар бо эълонҳои расмӣ ё ВАО-и боэътимод. Ин амалҳо вақти зиёдро намегиранд, вале хатарро ба таври назаррас кам мекунанд.

**Чек-листи шахсӣ барои амнияти рӯзмарра:**

**1) Барои ҳисобҳои муҳим MFA фаъол аст.**

**2) Паролҳо дароз ва такрорнашавандаанд (бехтараш бо менеҷери парол).**

**3) Пайвандҳоро аз паёмҳои номаълум намекушоям; аввал доменро месанҷам.**

**4) Маълумоти ҳассосро (корт, ҳуҷҷат, ҷойгиршавӣ) дар гурӯҳҳо намефиристам.**

**5) Навсозии телефон/компютер ва барномаҳо мунтазам аст.**

**6) Нусхаи эҳтиётӣ аз файлҳои муҳим дорам (ҳадди ақал як ҷойи ҷудо).**

Устувории иқтисодӣ, пешбурди соҳаҳои инноватсионӣ ва таъмини амнияти иттилоотӣ дар сатҳи миллӣ то андозае ба сатҳи маърифати иттилоотӣ ва саводнокии рақамии аҳолӣ вобаста аст. Бинобар ин, саҳми давлат дар такмили дониш ва малакаҳои шаҳрвандон (таҳсил, такмили ихтисос, барномаҳои огоҳонӣ ва дастгирии инфрасохтори омӯзишӣ) ҳамчун сармоягузории стратегӣ арзёбӣ мешавад. Далелҳо нишон медиҳанд, ки малакаҳои рақамӣ барои пешрафти инноватсия дар иқтисоди рақамӣ ва барои фаъолияти устувори инфрасохторе, ки давлат, тиҷорат ва истифодабарандагон ба он такя мекунанд, аҳаммияти калидӣ доранд. Ҳамзамон, таҳкими саводнокии рақамӣ ва огоҳии киберамниятӣ ҳамчун ҷузъи рушди қобилиятҳои миллӣ барои баланд бардоштани амният ва устувории рақамӣ арзёбӣ мегардад. Танҳо тавассути чунин муносибати ҳамоҳангшуда метавон ба сатҳи баланди маърифати иттилоотӣ ва саводнокии рақамӣ ноил гардид ва устувории иқтисодӣ, пешбурди соҳаҳои инноватсионӣ ва таъмини амнияти иттилоотиро дар сатҳи миллӣ таъмин намуд.

**Матлуба НУРМАТОВА,**
**омӯзгор, шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд,**
**Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон**



# ВИЖАГИҲОИ СОХТОРИИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР «ҚОБУСНОМА»-И УНСУРУЛМАОЛИИ КАЙКОВУС




Ҷумла аз рӯйи меъёрҳои таърихан шаклгирифтаи грамматикӣ воситаи асосии баёни фикр аст. Ба ибораи дигар, ҷумла яке аз воҳиди асосии забон буда, фикри нисбатан пурраро ифода мекунад.

Ҷумлаи сода як қисми муҳимми сохтори наҳвӣ ба шумор меравад. Ҷумлаҳои содаро аз ду ҷиҳат – сохту таркиб ва мақсаду оҳанг ба хелҳо ҷудо мекунанд. Дар ҳолати тасниф аз рӯйи таркиб иштироки аъзои ҷумла ба назар гирифта мешавад, вале дар вақти аз ҷиҳати маъно ба қисматҳо ҷудо кардани онҳо ба мақсаду матлаб ва оҳанги ҷумла диққат дода мешавад.

Ҷумлаҳои сода вобаста ба иштироки сараъзоҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: дутаркиба ва яктаркиба [5].

Пажуҳиши анҷомдодаи мо нишон дод, ки Унсурулмаолии Кайковус дар асари машҳури хеш «Қобуснома» ҷумлаҳои содаи дутаркибаро нисбат ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба бештар истифода кардааст. Ҷумлаи содае, ки дар ташкили он ҳарду сараъзо иштирок менамоянд, ҷумлаи содаи дутаркиба ном дорад. Мисол: «Ӯ тавонгаронро фармуд» [7, 19]. «Ва об тез ҳамеомад» [7, 24]. «Ҳорунаррашид омад» [7, 35].

Ҷумлаи содае, ки танҳо аз як сараъзо ташкил меёбад, ҷумлаи яктаркиба ном дорад [2, с. 206]. Дар ин хели ҷумла ҳамаи калимаҳо дар атрофи як сараъзо муттаҳид мешаванд. Мисол: «Ба чӣ маълум кунӣ» [8, 38 ]. «Далели дигар» [7, 39].

### Таснифи ҷумлаҳои сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг дар «Қобуснома»

Гӯянда метавонад фикр, мақсад ё ҳиссиёти худро ба шеваҳои гуногун: хабар, ҳикоя, амр, савол ё хитоб ифода кунад. Аз ҳамин ҷиҳат, аз рӯйи мақсаду ният ва оҳанг ҷумлаҳои сода ҳикоягӣ, саволӣ, амрӣ ва хитобӣ мешаванд.

**Ҷумлаи ҳикоягӣ.** Гӯянда ё нависанда ба воситаи ин хели ҷумла ягон ҳодисаву воқеаро нақл мекунад, фикреро тасдиқ ё инкор менамояд.

Ҷумлаҳои ҳикоягӣ дар «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус барои нақлу баёни муътадили ҳодисаю воқеа истифода шудаанд: «Саҳл боз ба хона рафт» [7, 151]. «Саҳл як сол дар Бухоро дар зиндон буд» [7, 151]. «Бузургони оламро ба шамшер фармонбардорӣ меомӯзем» [7, 152]. «Султон Маҳмуд аз ин сухан тира шуд» [7, 143].

Ҷумлаҳои ҳикоягиро аз рӯйи маъно ва ифодаи аъзо дар «Қобуснома» ба гурӯҳҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

I. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо соҳиби амалку-

нандаи кор шахс аст. Ин навъ ҷумлаҳо муносибати гуногуни маъноӣ дошта, дар «Қобуснома» серистеъмоланд.

Ҷумлаҳои мазкур ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

**а) Ахбори одӣ (шахс ва амали ӯ):** «Султон дилтанг шуд» [7, 157].

**б) Муносибати ду ё зиёда шахс (яке дар нақши мубтадо ва дигар дар нақши пуркунанда ё муайянкунанда):** «Амир эшонро хилъат фармуд» [7, 90].

II. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо мубтадо исми ҷондори ғайришахс аст ва сухан дар бораи он меравад: "Аспи неку марди некро баргирад" [8, 90]. «Ва аспи зоғ чашмшабкӯр буд» [8, 78].

III. Ҷумлаҳое, ки дар онҳо амалкунанда ашё аст: «Мулки Гелон ба ҷаддон туро з-ӯ ёдгор омад…[8, 10]. «Замон гузаранда аст» [8, 12]. Ҷаҳон ба ҳикмат ороста шуд [8, 15].

IV. Ҷумлаҳое, ки мубтадо номи амал аст: «Ва танҳо нишастан аз ҳамнишини бад авлотар» [8, 96].

Дар ин чор гурӯҳи ҷумлаҳои ҳикоягии зикршуда ифодаи мубтадо хусусиятҳои хос дорад. Мубтадоҳои ҷумлаҳои гурӯҳи I бо исм, ҷонишин ва ҳиссаҳои дигари нутқи исмшуда, гурӯҳҳои II ва III бо исм ва гурӯҳи IV бо масдар ифода ёфтаанд.

Дар ҷумлаи содаи хуллас задаи мантиқиро хабар қабул менамояд. Аъзои пайраве, ки задаи мантиқӣ қабул намудааст, бештар пеш аз хабар ҷой мегирад ва кашидатар талаффуз мешавад.

Ҷумлаҳои ҳикоягӣ аз ҳамдигар бо исти кӯтоҳ ҷудо мешаванд, дар нутқи муассир ин фосила дарозтар мегардад: «Аҳмад ҳеҷ чиз натавонист кардан» [7, 143]. «Аҳмад рафт» [7, 144]. «Саҳл боз ба хона рафт» [7, 151].

Дараҷаи модалияти мансуби ҳама гуна ҷумлаҳои сода ба дараҷаи замон сахт алоқамандӣ дорад. Хусусияти объективии модалият дар он ифода мешавад, ки ба воситаи ҷумла дар бораи ашё ва ҳодисаҳои олами ҳастӣ, ки ба таври ҳақиқӣ дар яке аз замонҳо мавҷуд мебошад, хабар дода мешавад. Дараҷаи модалияти объективӣ, асосан, хосси ҷумлаи ҳикоягӣ буда, хабари онҳо, одатан, бо сиғаи хабарии феъл ва ҳиссаҳои номии нутқ бевосита ё бавосита ифода мешаванд: «Ман аз шариат берун натавонам шуд» [7, 111]. «Хасм табассум кард» [7, 112]. «Кӯдак зар ба устод намуд» [7, 116].

Маънои модалияти субъективӣ дар ҷумлаҳое, ки хабарашон аз сиғаи хабарӣ иборат аст, ба омилҳои зиёди луғавию грамматикӣ вобаста мебошад. Ин ҳодиса, пеш аз ҳама, ба сохт ва таркиби ҷумла алоқаманд аст.

Феълҳои модалии хостан, тавонистан, ёрастан, боистан, шоистан дар шакли тасдиқ ва чи дар шакли инкор дар таркиби хабари ҷумлаҳои ҳикоягӣ меоянд, ки инро дар «Қобуснома» низ вохӯрдем: «Мардум аз сухан шунидан сухангӯ шавад» [с. 39].

1. Ҷумлаҳои содаи ҳикоягие, ки маънии зарурат ва ногузирро ифода мекунанд. Дар ин гуна ҷумлаҳо ба вазифаи хабар калимаҳои ҳатмӣ, зарур, лозим, даркор, ногузир, матлуб, шарт ва ғайра, ҳам дар шакли холис ва ҳам бо бандакҳои хабариву феълҳои ёридиҳанда меоянд: «Баъд аз се рӯз ба хонаи худ омадан даркор» [8, 144]. «Замоне мунтазири ӯ будан лозим» [8, 144] .

2. Ҷумлаҳои содаи ҳикоягие, ки маънои эътимоду боварӣ доранд. Ба вазифаи хабари ин ҷумлаҳо калимаҳои бешубҳа, яқин, бегумон ва амсоли инҳо меоянд: «Онро шаранге бегумон шумор» [7, 104]. «Банди ӯ хира мадон ва бегумон бош» [7, 14].

**Ҷумлаи саволӣ.** Дар ҷумлаи саволӣ фикр ва мақсади гӯянда ба тариқи пурсиш ифода мешавад. Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи ҷумлаи саволӣ дар он аст, ки шунавандаро ба додани маълумот водор менамояд ва ба ин восита гӯянда аз ҳамсуҳбати худ ягон чизро фаҳмида, чизеро аниқ мекунад.

Ҷумлаҳои саволӣ аз рӯйи маънову мазмун ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд:

**а) Ҷумлаҳои содаи саволии хосса.**

Ҷумлаҳои содаи саволии хосса яке аз гурӯҳҳои серистеъмоли ҷумлаҳои саволиро

дар «Қобуснома» ташкил медиҳанд. Ин гурӯҳи ҷумлаҳои саволии аслӣ ҳатман ҷавоб талаб мекунанд: «Вай куҷо рафтааст?» [8, 113]. «Ин мард бад-ин бахилӣ ин сахо чаро кард?» [8, 116] «Ин сахо чист?» [8, 116]. «Дар куҷо истиқомат карданӣ ҳастӣ?» [6, 81]. «Ин кист?» [6, 94].

Ҷумлаҳои саволии хосса на танҳо пурсишро ифода мекунанд, балки тобишҳои модалии тааҷҷуб, шубҳа, нобоварӣ, гумон, ҳайрат ва ғайра, дошта метавонанд: «Чаро аз Фатҳ хабаре нест?» [7, 100]. «Чӣ шуд?» [7, 91]. «Шояд ҳамон шабро ба хотир оварда бошад?» [7, 93]. «Ин пиразан аз кай боз ба Ғазнин расад?» [7, 158].

**б) Ҷумлаҳои содаи саволии риторикӣ.**

Ҷумлаҳои содаи саволии риторикӣ ҷавоб талаб намекунанд. Саволи риторикӣ (рамзӣ) ба худи саволдиҳанда маълум аст. Ҷумлаҳои содаи саволии риторикӣ маънии инкорро низ ифода мекунанд. Аммо чунин хели ҷумлаҳои содаи саволӣ дар «Қобусно-ма» хеле кам истифода шудаанд: «Магар аз оби Даҷла сер шудӣ?» [7, 25].

Ҷумлаҳои саволии риторикӣ, на танҳо дар муколама, балки дар монолог низ кор фармуда мешаванд ва ба савол ҷавоб талаб намекунанд (савол метавонад бе ҷавоб монад). Аз рӯйи ифода ва мазмун баъзан ба ҳам мувофиқат намекунанд (яъне, ифодаи тасдиқ маънои инкор ва баръакс ифодаи инкор маънои тасдиқро дода метавонад): «Чӣ хоҳам аз Худои азза ва ҷал(л)» [8, 160]. «Дӯстӣ кай андар дили вай буд?» [8, 102].

**в) Ҷумлаҳои содаи саволии водоркунанда.**

Ҷумлаҳои саволие ҳастанд, ки ҷавоб талаб намекунанд, фикрро тасдиқу инкор намекунанд, балки шунавандаро ба амале водор менамоянд: «Чӣ тавонам кард?» [8, 158] «Эй писар, аввал бидон ҷавонмардӣ чист?» [8, 165] «Ин ҷавонмардро чӣ ҷавоб бояд дод?» [7, 170].

Қобили қайд аст, ки дар «Қобуснома» ҷумлаҳои риторикӣ истифодаи бештаре доранд, ба хотири он ки асари мазкур маводди панду насиҳатӣ ва ахлоқиро дар бар мегирад.

Муаллиф тавассути ин гурӯҳ ҷумлаҳо диққати хонандаро ба фикри гуфтааш ҷалб карда, суханашро тақвият медиҳад.

Хулоса, Унсурулмаолии Кайковус дар «Қобуснома» аз хелҳои гуногуни ҷумлаи сода моҳирона истифода кардааст ва сохту таркиб, тарзи ҷумлабандиҳои нависанда ба сохти наҳвиёти забони адабии имрӯзаи тоҷикӣ хеле наздик аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки «Қобуснома» ба забони тоҷикӣ навишта шудааст. Ба ҳамин маънӣ шарқшиноси маъруф Е. Э. Бертелс гуфтааст: «Метавон ба итминон изҳор дошт, ки забони таълифи асар дар он давр забони адабии Эрон набуд, балки забоне буд, ки асосан, дар ҳудуди салтанати Сомониён, ки аксари сокинонашон тоҷикон буданд, истифода мешуд. Он забони Рӯдакӣ ва Фирдавсист».

**Адабиёт:**

1. Мирзоев А. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қ. 2. Синтаксис. / А. Мирзоев. – Сталинобод, 1948. – 356 с.

2. Ниёзмуҳаммадов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис / Б. Ниёзмуҳаммадов.– Душанбе, 1952. – 102 с.

3. Ниёзмуҳаммадов Б. Ҷумлаҳои сода дар забони адабии ҳозираи тоҷик. / Б. Ниёзмуҳаммадов. – Сталинобод, 1960. – 233 с.

4. Норматов М. Ҷумлаҳои содаи яктаркиба. / М. Норматов.– Душанбе, 1989. – 87 с.

5. Рустамов Ш. Раззоқ Ғ. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷ. 2. / Ш. Рустамов, Ғ. Раззоқ. – Душанбе: Дониш, 1986. – 225 с.

6. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. (Таҳрири Мирзо Муллоаҳмадов). –Душанбе: Маориф, 1979. – 191 с.

7. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. (Таҳрири Мирзо Муллоаҳмадов). Теҳрон: 2001. – 192 с.

8. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома (Таҳияи Мирзо Муллоаҳмадов). – Душанбе: Суннатулло, 2007. - 354 с.

**Меҳваршоҳ ҲУСНОЕВ,**
**омӯзгори фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ,**
**шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд**



# ВАТАН ҶОНИ МАН, ҲАМ ҶАҲОНИ МАН АСТ!

Тарбияи ҳарбӣ-ватанпарастӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми раванди таълим ба ҳисоб меравад. Зимни тадриси фанни омодагии ибтидоии ҳарбӣ ба хонандагон муҳимтарин паҳлуҳои тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, интизоми ҳарбӣ ва омодагии ҷисмонию равонӣ омӯзонида мешаванд. Дар ин раванд диққати асосӣ ба ташаккули ҳисси масъулият, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва омодагӣ барои ҳимояи Ватан равона мегардад. Ҳамзамон, хонандагон бо асосҳои хидмати ҳарбӣ, қоидаҳои бехатарӣ, тартиботи дохилии қисмҳои ҳарбӣ ва малакаҳои ибтидоии ҳарбӣ шинос мешаванд.

Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ ҳар як хонанда бояд дарк намояд, ки ӯ мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол ва соҳиби Ватан буда, дорои ҳуқуқу озодиҳо мебошад. Ҳамзамон, ӯ бояд вазифаҳои худро дар назди давлат, ҷомеа ва оила дуруст фаҳмад ва иҷро намояд. Ҳар як нафар бояд қадру қимати худро донад, онро ҳимоя кунад, аз таърих ва фарҳанги миллӣ огоҳ бошад ва арзишҳои миллиро гиромӣ дорад.

Вазифаи асосии сиёсати давлатӣ дар ин самт таблиғи арзишҳои миллӣ, аз ҷумла, садоқат ба Ватан, ифтихор аз таърихи пуршараф, ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ ва бунёди ҷомеаи пешрафта мебошад. Дар баробари ин, истифодаи усулҳои муосири тарбия ва фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккули ҳисси ватандӯстӣ дар байни ҷавонон аҳаммияти хосса дорад.

Ҳоло дар кишвар маъракаи даъвати баҳории ҷавонон барои хидмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ идома дорад. Хурсандиовар аст, ки сол то сол сафи ҷавононе, ки бо ҳисси



баланди масъулият ва ватандӯстиву меҳанпарастӣ ба таври ихтиёрӣ ба сафи артиш шомил мегарданд, зиёд шуда истодааст. Ҷавонони мо дарк мекунанд, ки хидмат дар сафи Артиши миллӣ қарзи виҷдонӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад, зеро дар моддаи 43-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: **«Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиатҳои давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст».** Яъне, муҳофизати Ватан нишонаи шараф ва ҷавонмардист.

Аз замонҳои қадим ниёгони мо дар ҳифзи Ватан ҷасорат ва фидокории бемисл нишон додаанд. Шахсиятҳои таърихӣ чун Шерак, Деваштич, Спитамен, Муқаннаъ, Исмоили Сомонӣ, Маҳмуди Торобӣ, Темурмалик ва Восеъ намунаи олии ватандӯстӣ ба шумор мераванд. Корнамоии онҳо дар тарбияи ҷавонон дар руҳияи далерӣ, ифтихори миллӣ ва инсонпарварӣ нақши муҳим мебозад.

Имрӯз Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар дар натиҷаи тадбирандешиҳои пайвастаи давлат ва Ҳукумати мамлакат ба неруи қудратманд табдил ёфта, бо кадрҳои соҳибтахассус ва техникаи муосир таъмин гардидааст. Дар шароити муосир таҳкими иқтидори мудофиавии кишвар аз сатҳи омодагии мутахассисони ҳарбӣ вобастагии мустақим дорад.

Ҳамасола афсарони тоҷик дар муассисаҳои таълимии ҳарбии кишварҳои хориҷ таҳсил намуда, дониш ва малакаи касбии худро такмил медиҳанд.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон як қатор муассисаҳои муҳимми ҳарбӣ таъсис дода шудаанд, аз ҷумла, Донишкадаи ҳарбӣ, литсейҳои ҳарбӣ, Академияи Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар муассисаҳои соҳавӣ, ки ба тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ машғуланд.

Барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврасу ҷавон моро мебояд, ки мафҳумҳои асосии вобаста ба ин самтро дуруст шарҳу тавзеҳ диҳем, то дар шуур ва эҳсоси хонанда дарки амиқи масъулияти шаҳрвандӣ, ҳисси баланди ватандӯстӣ ва омодагӣ барои ҳимояи Ватан ташаккул ёбад. Хонанда бояд муқаддас будани мафҳуми Ватан, модар, миллат, забон, ҳувият ва фарҳанги миллиро амиқан дарк кунад. Педагоги маъруф В. Сухомлинский мафҳуми «Ватан»-ро бо арзишҳое чун инсон, маънои зиндагӣ, меҳнат, оила ва муҳити табиат алоқаманд медонад. Бале, Ватан он макону ҷойгоҳи муқаддасест, ки сарнавишт ва қисмати ҳар як инсон ба он вобаста аст. Он мисли модари меҳрубон инсонро парвариш намуда, барои зиндагии шоиста роҳнамоӣ мекунад.

Яке аз омилҳои асосии бедор гардидани ҳисси ватандӯстӣ баланд бардоштани ифтихори миллӣ мебошад, ки он бе донистан, эҳтиром ва қадр кардани муқаддасоти миллӣ – Парчам, Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ амалӣ намегардад. Маҳз ҳамин муқаддасот дар ташаккули эҳсоси ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан нақши муҳим мебозанд.

Дар дарсҳои омодагии ибтидоии ҳарбӣ истифодаи тасвир ва образҳои ватандӯстона, шеъру достонҳои қаҳрамонӣ ва ёдоварӣ аз қаҳрамониву ҷонфидоиҳои фарзандони сарсупурдаи миллат ба хонандагон таъсири амиқ мерасонад ва руҳияи онҳоро қавӣ гардонида, эҳсоси ватандӯстиро дар ниҳодашон боло мебарад. Хонандагон бояд донанд, ки дар олам як қатор арзишҳои муқаддас ва такрорнашавандае мавҷуданд, ки модар ва Ватан аз ҷумлаи онҳоянд. Ҳисси ватандӯстӣ инсонро водор месозад, ки хоки Ватанро аз ҳар ганҷи дунё болотар донад. Ба гуфтаи шоир:

**Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,**
**Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.**

Оромӣ, субот ва пешрафти Ватан ба масъулияти ҳар як шаҳрванд вобаста мебошад. Дар шароити сулҳу оромӣ сатҳи зиндагии мардум беҳтар гардида, эҳсоси муҳаббат ба Ватан тақвият меёбад. Ҳаким Фирдавсӣ дар «Шоҳнома»-и безаволи худ ҳифзи Ватанро аз ҳама арзишҳо болотар гузоштааст:

**Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,**
**Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.**

Дар ашъори шоири ватандӯст Ҳабиб Юсуфӣ низ Ватан ҳамчун манбаи умед ва саодат тасвир ёфтааст:

**Ватанро бинозам, маро дар канор**
**Чу модар гирифту намуд бахтёр.**
**Ватан ҷони ман, ҳам ҷаҳони ман аст,**
**Ватан боғ ҳам бӯстони ман аст.**

Ҳадафи асосии тасвири образи ватандӯстона дар адабиёт бедор намудани ҳисси ифтихори миллӣ ва муҳаббат ба Ватан мебошад. Вале вазифаи мо танҳо бо ифтихор кардан маҳдуд намешавад. Мо бояд бо амал, дониш ва фаъолияти созанда барои пешрафти кишвар саҳмгузор бошем. Муҳаббат ба Ватан аз кӯдакӣ оғоз ёфта, тадриҷан дар синни мактабӣ ташаккул меёбад ва дар тамоми ҳаёт бо инсон ҳамроҳ мемонад. Ба гуфтаи шоир Ҳабибулло Файзулло:

**Ватан дар синаам бо ин бузургӣ,**
**Ба монанди диле маъво гирифтааст.**
**Ки гӯё чун раги хун аз дили ман,**
**Ба саҳро роҳи нав дарё гирифтааст.**

Бо итминон метавон гуфт, ки бо неруи ақлонӣ ва ҷисмонӣ мо метавонем Истиқлоли давлатиро ҳифз намуда, Ватани худро ободу пешрафта гардонем.

**А. НАЗАРОВ,**
**профессори АИД назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои педагогӣ,**
**С. САФАРОВ,**
**устоди Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент,**
**номзади илмҳои педагогӣ**

# ВОБАСТАГӢ БА ИНТЕРНЕТ ҲАМЧУН МУШКИЛИИ МУТОБИҚШАВИИ РАВОНӢ ДАР ҶОМЕА

Таҳаввулоти босуръати технологияҳои иттилоотӣ дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI на танҳо сохтори иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеаро тағйир дод, балки ба табдили амиқи тарзи зиндагӣ, муошират ва фаъолияти равонии инсон овард расонид. Интернет ҳамчун муҳити глобалии иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ имрӯз ба ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёти ҳаррӯзаи миллионҳо одам табдил ёфтааст. Он на танҳо воситаи дастрасӣ ба иттилоот, балки фазои иҷтимоишавӣ, фаъолияти касбӣ, таълим ва фароғат мебошад. Бо вуҷуди бартариҳои фаровон, густариши интернет як қатор масъалаҳои нави иҷтимоӣ-психологиро ба миён овард. Яке аз масъалаҳои баҳсталаб дар ин замина вобастагӣ ба интернет мебошад. Дар адабиёти илмӣ ин падида бо истилоҳҳои гуногун: «интернет-аддиксия», «истифодаи проблемавии интернет», «рафтори вобастагӣ ба муҳити рақамӣ» ифода мегардад. Моҳияти баҳс дар он аст, ки оё вобастагӣ ба интернет метавонад ҳамчун шакли мустақили вобастагии равонӣ баррасӣ шавад ё он танҳо шакли зоҳирии мушкилоти амиқтари иҷтимоӣ ва шахсиятӣ мебошад.

Аҳаммияти омӯзиши ин масъала дар он зоҳир мегардад, ки интернет, махсусан, ба наслҳои ҷавон таъсири қавӣ мерасонад ва метавонад ба ташаккули ҳувият, арзишҳо ва тарзи тафаккури онҳо таъсири дарозмуддат гузорад. Аз ин рӯ, таҳлили вобастагӣ ба интернет на танҳо аҳамияти назариявӣ, балки арзиши баланди амалӣ низ дорад.

### Интернет ҳамчун муҳити иҷтимоӣ-равонӣ

Дар таҳлили вобастагӣ ба интернет, пеш аз ҳама, бояд табиати худи интернет ҳамчун муҳити иҷтимоӣ-равонӣ равшан карда шавад. Тибқи андешаҳои психолог А. Е. Войскунский, интернетро наметавон танҳо маҷмуи технологияҳо ё шабакаи компютерӣ ҳисобид; он муҳити фаъолияти инсон мебошад, ки бо нишонаҳо, қоидаҳо ва шаклҳои махсуси муошират тавсиф меёбад. Ин муҳит дорои як қатор хусусиятҳои фарқкунанда, аз ҷумла, дастрасии доимӣ ва қариб номаҳдуд, имкони анонимият ё ниманонимият, паст будани назорати мустақими иҷтимоӣ, гуногуншаклии нақшҳо ва ҳувиятҳои иҷтимоӣ, суръати баланди табодули иттилоот ва бозгашти иртибот мебошад. Маҳз ҳамин хусусиятҳо интернетро ба муҳите табдил медиҳанд, ки метавонад ниёзҳои гуногуни равонии инсон - аз муошират то худтасдиқкуниро қонеъ созад. Аммо дар баробари ин, ҳамин имконот метавонанд заминаи ташаккули вобастагӣ шаванд.

### Асосҳои назариявии омӯзиши вобастагӣ ба интернет

Омӯзиши вобастагӣ ба интернет дар чорчӯбаи равишҳои гуногуни назариявӣ сурат мегирад. Яке аз равишҳои муҳимми таҳлилӣ равиши фарҳангӣ-таърихии Л. С. Виготский мебошад, ки дар корҳои А. Е. Войскунский нақши калидӣ дорад. Тибқи ин равиш, рушди психикаи инсон тавассути воситаҳои нишонавӣ амалӣ мегардад. Компютер ва интернет ҳамчун воситаҳои муосири нишонавӣ метавонанд сохтори фаъолияти равонӣ ва роҳҳои танзими онро тағйир диҳанд. Аз ин нуқтаи назар, вобастагӣ ба интернет натиҷаи мустақими таъсири технология нест, балки натиҷаи тағйир ёфтани тарзи миёнаравии фаъолияти равонӣ мебошад. Агар ин миёнаравӣ бо низоми худидоракунӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ мутобиқ нашавад, вобастагӣ ташаккул меёбад.

Дар илми муосир нисбат ба мафҳуми ин-

тернет-вобастагӣ мавқеъҳои гуногун вуҷуд доранд. Тарафдорони ин мафҳум интернет-вобастагиро ба дигар намудҳои вобастагии ғайримоддӣ, масалан, вобастагӣ аз бозӣ ё қимор монанд медонанд. Онҳо ба нишонаҳои классикии вобастагӣ, аз қабили аз даст додани назорат бар вақти истифодашуда, изтироб ҳангоми маҳдуд кардани дастрасӣ, коҳиши фаъолияти иҷтимоӣ ва касбӣ ишора мекунанд.

Дар муқобил, мухолифон бар онанд, ки интернет-вобастагӣ бештар нишонаи мушкилоти аслӣ мебошад. Ба андешаи онҳо, интернет танҳо муҳитест, ки дар он изтироб, танҳоӣ, депрессия ё норасоии муошурати воқеӣ ҷуброн карда мешавад. Аз ин рӯ, табобат ё пешгирӣ бояд на ба маҳдуд кардани интернет, балки ба ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва шахсиятӣ равона гардад.

### Ҷанбаҳои иҷтимоии вобастагӣ ба интернет

Вобастагӣ ба интернет ҳамеша дар заминаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Ҷомеаи муосир бо рақобати шадид ва фишори иҷтимоӣ тавсиф мешавад. Дар чунин шароит интернет метавонад ба фазои «гурез» аз мушкилоти воқеӣ табдил ёбад. Омилҳои иҷтимоие, ба монанди камранг гаштани муносибатҳои оилавӣ, маҳдуд будани муҳити дастгирии иҷтимоӣ, ноустувории иқтисодӣ, камбуди имкониятҳои худ метавонанд хавфи вобастагӣ ба Интернетро зиёд кунанд. Хусусан, барои наврасон ва ҷавонон интернет на танҳо воситаи иртибот, балки фазои асосии иҷтимоишавӣ мегардад.

### Ҷанбаҳои шахсиятӣ ва равонӣ

Аз ҷиҳати равонӣ, вобастагӣ ба интернет бештар дар шахсоне мушоҳида мешавад, ки сатҳи баланди изтироб, худбаҳодиҳии паст ва мушкилоти муошурати рӯ ба рӯ бо дигаронро доранд. Интернет барои онҳо муҳити нисбатан бехатареро фароҳам меорад, ки дар он имкони идора кардани таассуроти дигарон зиёд аст. Яке аз мафҳумҳои калидӣ дар ин замина таҷрибаи «ҷараён» (flow) мебошад. Бозиҳои онлайнӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ метавонанд ҳолатеро ба вуҷуд оранд, ки дар он инсон ҳисси вақт ва хастагиро аз даст медиҳад. Ин вазъ манфӣ нест, аммо дар сурати набудани танзими худидоракунӣ метавонад оқибати манфӣ дошта бошад.

### Ҷанбаҳои фарҳангӣ ва арзишӣ

Вобастагӣ ба интернет хусусияти фарҳангӣ низ дорад. Дар ҷомеаҳое, ки фаъолияти рақамӣ ҳамчун нишондиҳандаи муваффақият арзёбӣ мешавад, истифодаи аз ҳад зиёди интернет метавонад, ҳатто, ташвиқ карда шавад. Ин ҳолат фарқгузории байни истифодаи муқаррарӣ ва патологиро мушкил мегардонад.

### Мушкилоти методологии омӯзиш

Яке аз мушкилоти асосии таҳқиқи интернет-вобастагӣ набудани меъёрҳои ягонаи ташхис мебошад. Аксари тадқиқот ба худбаҳодиҳии иштирокдорон такя мекунанд ва фарқиятҳои синнусолӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоиро ба қадри кофӣ ба назар намегиранд. Илова бар ин, худи интернет пайваста тағйир меёбад, ки ин таҳқиқоти дарозмуддатро душвор мегардонад.

### Оқибатҳои иҷтимоӣ ва равонии вобастагӣ

Оқибатҳои вобастагӣ ба интернет метавонанд, гуногун бошанд: коҳиши муваффақияти таҳсил ва меҳнат, мушкилоти муносибатҳои байнишахсӣ, ихтилоли хоб, пастшавии фаъолиятҳои ҷисмонӣ ва афзоиши изтироб. Бо вуҷуди ин, бисёре аз муҳаққиқон таъкид мекунанд, ки ин оқибатҳо на ҳамеша сабаби мустақими интернет, балки натиҷаи номутавозунии умумии ҳаёти инсон мебошанд.

### Роҳҳои пешгирӣ ва ислоҳ

Равишҳои муосири пешгирӣ бештар ба ташаккули истифодаи солими технологияҳои иттилоотӣ равона шудаанд. Ба ин равишҳо рушди малакаҳои худидоракунӣ, баланд бардоштани саводнокии компютерӣ, таҳкими муошурати рӯ ба рӯ, ҷалби оила ва муассисаҳои таълимӣ ба раванди пешгирӣ дохил мешаванд. Вобастагӣ ба интернет ҳодисаи мураккаби иҷтимоӣ-психологӣ мебошад, ки наметавон онро ҳамчун мушкили инфиродӣ ё натиҷаи таъсири технология арзёбӣ кард. Таҳлили Войскунский нишон медиҳад, ки интернет-вобастагӣ дар омилҳои иҷтимоӣ, шахсиятӣ, фарҳангӣ ва технологӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва пешгирии он равиши байнисоҳавӣ ва мутавозинро талаб мекунад.

**Барот ИСЛОМЗОДА,**
**профессори кафедраи физикаи ҳастаи факултети физикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**



# БОЗБИНИИ УСУЛИ ТАЪЛИМ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР АЗ ФАННИ ФИЗИКА




Таълими фанни физика ҳамчун илми бунёдӣ бояд ба пешрафти босуръати технология ва дастрасӣ ба маъхази маълумоти сатҳи ҷаҳонӣ мутобиқ карда шавад. Маълум аст, ки дар шароити фарогирии саросарии раванди таълим бо технологияҳои иттилоотии муосир он ба мушкилот ва муаммоҳои қаблан номаълум рӯ ба рӯ шудааст. Дар мақолаи мазкур дар мисоли таълими фанни физика мушкилоти пешомада таҳлил шуда, баъзе андешаҳои зарурӣ пешниҳод мегардад.

### Муаммоҳои вобаста ба зеҳни сунъӣ дар раванди таълим

Пеш аз ҳама, усули таълимии классикии физика ва муаммоҳои пешомадаи замони пешрафти технологияҳои рақамиро қайд менамоем. Дар усули классикии таълими фанни физика мақоми асосиро лексия, дарсҳои амалӣ ва озмоишӣ мебозанд. Дар замони технологияҳои рақамӣ бошад, дарсҳои онлайнӣ, корҳои озмоишии маҷозӣ, дастрасӣ ба масъалаҳои ҳаллашон тайёр, мақолаҳои илмӣ ва ғайра, мақоми асосиро пайдо кардаанд. Ҳоло дар дасти донишҷӯ матни электронии лексия, ҳалли тайёри масъалаҳои сатҳашон гуногун, дастрасӣ ба сомонаҳо ва барномаҳое, ки ба саволҳои гузоштаи омӯзгор ба зудӣ ҷавоб мегӯянд, мавҷуданд. Аз ин рӯ, бояд усули таълим низ дигаргун шавад. Сабаб дар он аст, ки нақши омӯзгор дар ин маврид камранг гардидааст. Пас, чӣ бояд кард?

Дар ҳалли ин муаммо, пеш аз ҳама, худи омӯзгори фанни физика бояд фаъол бошад. Усулҳои классикии пешниҳоди мавзуъ, ҳалли сарсарии масъалаҳо ва иҷрои корҳои озмоишӣ ба қадри кофӣ самаранок буда наметавонанд.

Бо дарназардошти он ки физика илми беканор, таҳлилталаб ва тасаввури ҳодисаҳои макро ва микроолам мебошад, дигарсозии усулу тасаввуроти маъмулии классикӣ кори осон аст. Малакаҳои ҳатмии омӯзгори фанни физика инҳо шуда метавонанд:

**- усулҳои фаъол барои аёнияти масъалаҳои мураккаб, истифодаи усулҳои содда ва тасвирӣ (PhET, GeoGebra);**

**- дастрасӣ ба маълумоти илмӣ, кор бо**

**маълумоти таҷрибавии марказҳои бузурги илмӣ (CERN, NASA);**

**- таълими лоиҳавӣ: ҳалли масъалаҳои хусусияти амалидошта бо истифода аз IT (робототехника, амсиласозӣ);**

**- таълими фосилавӣ (вебинарҳо, онлайн - озмоишгоҳҳо).**

Албатта, барои амалӣ кардани ин пешниҳод дастрасӣ ба технологияҳои рақамӣ ва IT-саводнокии омӯзгорон зарур аст. Ҳоло дар кишвар дар ин самт иқдомҳои зиёде амалӣ гардида истодааст. Иқдомоти мазкур дар оянда ба пайдоиши шакли таълими гуногунҷабҳа, инфиродисозии таълим бо ёрии зеҳни сунъӣ ва ҳамкориҳои байналмилалӣ бо ёрии онлайн-замимаҳо боис мешавад. Ин мутобиқшавӣ хеле муҳим ва зарур аст, зеро бо ин роҳ ҷавонони мо ҷойи сазовори худро дар бозори меҳнат пайдо менамоянд.

Барои инфиродӣ намудани таълим замимаҳои махсуси зеҳни сунъӣ, ба монанди **Knewton** ва **DreamBox** мавҷуданд, ки масъалаҳоро вобаста ба дараҷаи дониши донишҷӯ интихоб менамоянд. Ин барномаҳо хатои донишҷӯро муайян месозад ва нуктаҳои нозуки инфиродии омӯзишро барои ӯ маълум мегардонад. Содагардонӣ ва амсиласозӣ бошад, бо ёрии шабакаҳои нейронӣ моделҳои воқеии физикиро тавлид менамоянд (масалан, содакунии системаҳои квантӣ). Дар ин маврид донишҷӯ моҳияти вобастагии раванди ҳодисаро аз параметри додашуда дарк менамояд. Масалан, дар масъалаи рафтори зарра дар чоҳи потенсиалии беохир чуқур паҳнои чоҳро тағйир дода, эҳтимоли ёфтани зарра дар ягон нуқтаи чоҳ ва энергияи онро муайян месозад. Вобастагии фарқи энергияи зарраро дар сатҳҳои энергии иҷозатшуда аз паҳнои чоҳ муайян сохта, оид ба асосҳои физикии нанотехнология хулосаҳо мебарорад.

Дар мавриди кор бо зеҳни сунъӣ масъалаи таҳлили додаҳои бузург мақоми махсус пайдо мекунад. Донишҷӯ бояд бо ёрии омӯзиш қонуниятҳои физикиро аз ин додаҳо ёбад. Хулоса, зеҳни сунъӣ ёрдамчии виртуалӣ мебошад.

Чат-ботҳо ба саволҳои бунёдии физика ҷавоб мегӯянд, аммо таҳқиқоти илмии мустақил гузаронида наметавонанд. Зеҳни сунъӣ барои гузаронидани корҳои озмоишӣ кумак мекунад. Масалан, коркарди натиҷаҳо ва санҷиши фарзияҳоро иҷро мекунанд. Ё дар лоиҳаи **Deep Learning for Physics** нейрошабака муодилаҳои механикаи квантиро ҳал менамоянд. Дар **Google's Simulation** зеҳни сунъӣ модели ҳодисаҳои мураккаби физикиро месозад. Аммо зеҳни сунъӣ маънидод намудани натиҷаҳоро иҷро карда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодаи он масъалаҳои этикӣ мақоми махсус пайдо намуда, донишҷӯ бояд қобилияти дарк кардани натиҷаҳои шубҳанокро дошта бошад.

### Нақши омӯзгор дар раванди таълим дар шароити истифодаи технологияҳои муосири рақамӣ

Мо мисолҳои болоро барои он овардем, ки дар раванди таълими фанни физика дар замони мавҷудияти чунин технологияҳои рақамӣ мақоми омӯзгорро муайян созем. Дар ин маврид мақоми омӯзгор аз пешниҳодкунандаи дониш ба мураббӣ бояд табдил ёбад. Аз талаби дониш ба талаби фаҳмиш гузарад, зеро дастрасӣ ба дониш хеле осон шудааст, вале фаҳмиши ҳодисаҳо кори саҳл нест. Омӯзгор бояд барои сарфаҳм рафтан ба масъалаҳои мураккаби физикӣ ба донишҷӯ кумак намояд. Донишҷӯро барои ҳалли мустақилонаи вазифа омода намудан лозим аст.

Дар ин маврид тарбияи тафаккури интиқодӣ хеле муҳим аст, зеро маълумоти аз ҷониби зеҳни сунъӣ пешкашшуда на ҳама вақт дуруст мебошад. Омӯзгор бояд масъалаҳоеро пешкаш намояд, ки барои ҳалли он зеҳни сунъӣ ёвар бошад, на ин ки ӯро иваз намояд. Омӯзгор бояд сарҳади истифодаи зеҳни сунъиро муайян созад ва ба донишҷӯ аз формулаҳо хулосаи физикӣ бароварданро омӯзонад.

Дар физика таҷриба мақоми асосӣ дорад ва инро ба донишҷӯ бо мисолҳои мушаххас фаҳмонидан вазифаи омӯзгор мебошад. Айнан ҳамин тавр, хулоса баровардан аз графики пешниҳодшуда ва натиҷаи таҷриба барои мутахассиси хуб шудан хеле муҳим дониста мешавад. Худи омӯзгор бояд маълумоти аз ҷониби зеҳни сунъӣ пешниҳодшударо таҳлил намуда, ба дуруст ё нодуруст будани он баҳо дода тавонад. Ҳангоми пешниҳоди мавзуъ саволҳоеро пешниҳод намояд, ки зеҳни сунъӣ ба он ҷавоб дода натавонад. Ин кори саҳл нест, вале амалишаванда аст. Мисоли мушаххас меорем.

**Масъала.** Мувофиқи назарияи бории атом, радиусҳои мадорҳои иҷозатшудаи электрони атоми ҳидроген ва суръати он дар ин мадорҳоро ёбед.

Ҳалли ин масъала барои зеҳни сунъӣ ҳеҷ мушкилӣ надорад. Вазифаи омӯзгор аз он иборат аст, ки натиҷаро таҳлил намояд. Умуман, гузориши дурусти масъала ва таҳлили натиҷа дар даврони зеҳни сунъӣ яке аз нуктаҳои асосии омӯзиш дар физика мебошад. Дар масъалаи болоӣ маълум мешавад, ки радиуси мадорҳо дискретӣ мебошад. Дар ин ҷо муҳим он аст, ки донишҷӯ дарк намояд, ки дар атоми ҳидроген як электрон мавҷуд аст ва он метавонад дар мадорҳои гуногун ҷойгир бошад. Дар ин маврид мафҳумҳои ангезиш ва иониши атомҳо пайдо мешавад, ки бояд таҳлил шавад. Ҳангоми ҳалли масъала боз мафҳуми радиуси бории атом пайдо мешавад. Бояд суръатҳои электрон дар мадорҳо муқоиса шаванд. Дар ҳамин ҷо саволи "Хурдтарин атом дар табиат кадом аст?" пайдо мешавад. Аксарият ва ҳатто, зеҳни сунъӣ низ атоми ҳидроген мегӯянд, ки ин хато аст. Пас, хулоса мебарояд, ки мафҳуми ангезиши атом ҳалли худро наёфтааст, яъне, атоми ҳидроген электронаш дар яке аз мадорҳои болоӣ ҷойгир аст. Аз ин рӯ, ҷавоби дуруст ин аст: атоми ҳидроген, ки электронаш дар мадори аввал ҷойгир мебошад.

Ин мисоли содатарин аст, ки мақоми омӯзгорро муайян месозад. Физика пур аз чунин мисолҳо буда, бе омӯзгор онҳоро дарк кардан душвор аст. Аз ҳама муҳим, ягон зеҳни сунъӣ таҷрибаро дар физика иваз карда наметавонад. Зарурати омӯзиши масъала, гузориши масъала, тарзи ҳалли он ва хулосабарорӣ занҷири пешниҳоди мавзуъ мебошанд. Ҳамаи ин корҳо ба тарбияи фаҳмиш дар физика меорад.

Барои амалӣ кардани ин корҳо, пеш аз ҳама, худи омӯзгор бояд доимо савияи дониши худро сайқал дода, ба талаботи нав мутобиқ созад. Фосиларо байни "замонавӣ" шудан ва дараҷаи фаҳмиши ҳодисаҳо нигоҳ дорад.

Масъалаи дигаре, ки дар замони технологияҳои рақамӣ муҳим аст, масъалаи баҳогузорӣ мебошад. Дар ин ҷо низ нигоҳи нав зарур аст. Бояд баҳогузорӣ ба зӯран ба хотир гирифтани мавзуъ набошад. Тестҳои ҷавобашон дар хотир ҷойшуда бояд хеле кам бошанд. Баҳо бояд бештар ба иҷрои корҳои мустақилонаи хусусияти лоиҳавидошта ва суҳбатҳои инфиродӣ дар доираи физика гузошта шавад. Дар ин маврид зеҳни сунъӣ ёвари санҷиши тестҳо, таҳлили корҳои хаттӣ ва муайянсозии ҳалҳои қолабӣ шуда метавонад. Бояд бештар барои рӯнамоии мавзуъҳо бо истифода аз зеҳни сунъӣ, корҳои озмоишии таҳлилёфта, фикррони таҳлилӣ, қобилияти эҷодӣ, қобилияти бо додаҳои таҷрибавӣ кор кардан ва кор дар гурӯҳ баҳо гузошта шавад.

Албатта, дар ин масъала як қатор мушкилот низ ҷой дорад. Пеш аз ҳама, баҳо додан ба омили инсонӣ дар ҳалли масъала, дарки фаҳмиш, махсусан, замоне ки вазифаро зеҳни сунъӣ иҷро менамояд ва ба формализми рақамӣ гирифтор нашудан муаммоҳои асосӣ мебошанд. Ғайр аз ин, хавфи баҳои нодуруст додан ба донишҷӯ калон аст. Ба ҳалли ғайримаъмулӣ зеҳни сунъӣ баҳо дода наметавонад.

Масъалаи дигар, талабот ба сатҳи донишу малакаи кадрҳои омодашуда дар соҳаи физикаи замони зеҳни сунъӣ мебошад. Ба ақидаи мо, диққати асосӣ бояд ба масъалаҳои бунёдӣ равона шавад. Дониши мукаммали назариявӣ, маҳорати гузоштани масъалаҳо, нигоҳи шубҳаангез ба масъалаҳои ҳалшуда, маҳорати таҳлил намудани натиҷаҳо ва аз ҳама муҳим, қобилияти баланди гузаронидани таҷриба талаботи асосӣ барои мутахассиси соҳаи физика мебошад. Инчунин, талаботи нав, ба монанди кор бо додаҳои бузург, барномасозӣ, таҳлили додаҳо ва беҳарос кор кардан бо зеҳни сунъӣ пайдо мешаванд.

Барои омода намудани мутахассисони соҳаи физика, ки ба талаботи боло ҷавобгӯ бошанд, бояд донишҷӯён бо лоиҳаҳои амалии татбиқшаванда кор кунанд, инчунин, малакаи кор дар даста, фаҳмидани масъалаҳои мураккаб бо роҳи содакунӣ ва таҷрибаи ғании кор бо зеҳни сунъӣ дошта бошанд. Дар ин маврид мутахассиси омодашуда зеҳни сунъиро дар корҳои таҳқиқотӣ истифода бурда метавонад ва дар лоиҳаҳои байнифаннӣ фаъолона иштирок мекунад. Худомӯзии доимӣ ва маърифати истифодаи зеҳни сунъӣ дар илму таълим барои чунин мутахассис кори муқаррарӣ мегардад.

Ҳамин тавр, мутахассиси соҳаи физикаи назариявӣ бояд амсиласозии низомҳои мураккаб, таҳлили додаҳо ва банақшагирии таҷрибаро тавонад.

**Ҷамшед КАРИМЗОДА,**
**"Маърифати омӯзгор"**

# ОСОРХОНАИ УСТОД АЙНӢ - МАКТАБИ ЗИНДАИ ХУДШИНОСӢ ВА МАЪРИФАТ



Сардафтари адабиёти муосири тоҷик, Қаҳрамони Тоҷикистон устод Садриддин Айнӣ аз зумраи чеҳраҳои таъсиргузор дар сарнавишти миллати тоҷик ба шумор рафта, дар ташаккули худшиносии миллӣ ва рушди маърифати ҷомеа нақши мондагор гузоштааст. Ҳаёт, фаъолият ва эҷоди адиб бо раванди бедории фикрӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ алоқаманд аст. Аз ин рӯ, гиромидошти мероси адабии ин шахсияти бузург ва шиносоии насли ҷавон бо осораш баҳри тарбияи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ амри зарурӣ ҳисоб меёбад.

Бо ин мақсад, бо ташаббус ва иштироки кормандони маҷаллаи "Маърифати омӯзгор" дар арафаи зодрӯзи нависандаи номдор сайри гурӯҳи донишҷӯёни ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ба Осорхонаи адабии устод ташкил ва баргузор шуд.

Осорхонаи адабии Садриддин Айнӣ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, кӯчаи Ҳамза Ҳакимзода, ҳавлии №1, рӯ ба рӯйи Майдони «Истиқлол» ҷойгир мебошад. Ин мавқеи марказӣ ба ин макон аҳаммияти бештар дода, онро ба яке аз нуқтаҳои муҳимми фарҳангӣ ва маърифатии пойтахт табдил додааст. Нависанда дар ин ҳавлӣ солҳои охири ҳаёти худро (1951-1954) сипарӣ намудааст.

Дар ин сайри фарҳангӣ донишҷӯён имкон пайдо карданд, ки бо мерос ва муҳити воқеии фаъолияти нависанда шинос шаванд. Осорхонаи адабии Садриддин Айнӣ аз соли 1963 ба фаъолият оғоз карда, ҳамчун маркази муҳимми ҳифз ва омӯзиши мероси адабии ин шахсияти номдор шинохта шудааст. Ифтитоҳи он бо иштироки шахсиятҳои маъруфи илмӣ ва фарҳангӣ сурат гирифтааст. Аз ҷумла, академик Муҳаммад Осимӣ осорхонаро расман кушода, Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров аз аввалин меҳмонони он ба шумор меравад. Ин муассиса дар тули фаъолияти худ ба яке аз ганҷинаҳои арзишманди фарҳанги миллӣ табдил ёфта, дар муаррифии ҳаёт ва эҷодиёти адиб нақши муҳим мебозад.

Дар даврai соҳибистиқлолӣ ба рушди минбаъдаи ин муассисаи фарҳангӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Бо дастури Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои осорхона азнавсозӣ шуда, соли 2018 ба муносибати 140-солагии адиб мавриди истифода қарор гирифт. Ин навсозӣ имкон дод, ки шароити нигоҳдорӣ ва намоиши маводду осор беҳтар гардад ва имконоти илмӣ ва маърифатии осорхона густариш ёбад.

Гуфтанист, ки мероси пурғановати ин макон барои ташаккули ҷаҳонбинӣ, рушди тафаккури таҳлилӣ ва боло бурдани сатҳи маърифати ҷомеа аҳаммияти муҳим дошта, ҳар як асари устод Айнӣ имкони дарки амиқтари воқеият ва омӯзиши равандҳои иҷтимоиро фароҳам меорад.

Сохтори осорхона аз чанд ҳуҷраи мавзуӣ иборат аст, ки ҳар як бахш марҳилаи муайяни ҳаёт ва фаъолияти эҷодии нависандаи забардастро инъикос мекунанд. Чунин тартиб имкон медиҳад, ки бинанда бо пайдарҳамии мантиқӣ ба олами зиндагии адиб ворид гардида, онро аз дидгоҳи таърихӣ ва маънавӣ дарк намояд.

## ҚАДАМҶОИ ШАХСИЯТИ БУЗУРГ

Ҳуҷраи “Самарқанд” ба давраи муҳимми ташаккули шахсияти Айнӣ бахшида шудааст. Дар ин бахш маводди тасвирӣ, ҳуҷҷатӣ ва ёдгориҳои марбут ба муҳити иҷтимоии замони зиндагии адиб ҷой дода шудаанд. Дар ҳамин қисмат нимпайкараи нависанда ҳамчун рамзи эҳтиром ҷойгир гардидааст.

Дар ҳуҷраҳои дигар ашёҳои шахсӣ, аз ҷумла, мизи корӣ, айнак, қалам, асбобҳои навишт ва таҷҳизоти чопӣ гузошта шудаанд. Ин ҷузъиёт имкони дарки тарзи кори эҷодӣ, интизоми шахсӣ ва муҳити зеҳнии адибро фароҳам месозанд. Ҳамчунин, аксҳои оилавӣ ва аксҳо аз раванди сафар ва иштирок дар чорабиниҳо робитаҳои иҷтимоӣ ва муҳити фаъолияти ин шахсияти шинохтаро барои бинанда равшан мекунанд.

Китобхонаи шахсии адиб, ки дорои садҳо нусха китоб мебошад, яке аз бахшҳои муҳимми осорхона ба шумор меравад. Ин китобхона сатҳи баланди фарҳанги мутолиа ва доираи васеи ҷаҳонбинии нависандаро инъикос менамояд.

Имрӯз ин боргоҳ ва қадамҷои шахсияти бузург барои бинанда имкони дарки ҳамзамони ҷанбаҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва зиндагии шахсии адибро фароҳам меорад. Муҳити осорхона эҳсоси робитаи зиндаро бо гузашта бедор месозад ва дар ташаккули ҷаҳонбинии бинандагон ва насли нав нақши муҳим мебозад.

Дар ҷараёни боздид донишҷӯён доираи донишҳои худро оид ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти устод Садриддин Айнӣ густариш дода, андешаҳои худро оид ба ҳаёт, фаъолият, эҷод ва осори гаронарзиши адиб иброз намуданд. Андеша ва гуфтори донишҷӯён сабт ва дар шакли маводди видеоӣ тавассути саҳифаҳои иҷтимоии маҷаллаи “Маърифати омӯзгор” пешниҳоди дӯстдорони илму адаб гардид.

Донишҷӯи факултети филологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Манижа Самадзода оид ба асари “Ёддоштҳо” андешаронӣ кард. Дар бароммад ӯ ба хусусиятҳои жанрӣ, арзиши таърихӣ ва аҳаммияти адабии асар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро ҳамчун манбаи муҳимми шинохти воқеияти иҷтимоӣ ва фарҳангии давраи охири асри XIX ва ибтидои асри XX арзёбӣ намуд.

- Асари “Ёддоштҳо” дар низоми мероси адабии Садриддин Айнӣ мақоми махсус ва меҳварӣ дорад. Ин асар намунаи барҷастаи насри ёддоштӣ-таърихӣ буда, зиндагиномаи шахсии муаллифро бо тасвири фарогири ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаи тоҷик дар давраи таҳаввулоти таърихӣ пайванд медиҳад, - гуфт М. Самадзода.

Оид ба қиссаи “Марги судхӯр”-и устод Айнӣ назари донишҷӯ Муҳайё Муҳиддинзода сабт гардид. Ӯ ин асарро ҳамчун намунаи барҷастаи насри танқидии муаллиф арзёбӣ намуда, ба инъикоси ҷараёнҳои манфии иҷтимоӣ, аз ҷумла, зулми иқтисодӣ, сарватпарастӣ ва беадолатии иҷтимоӣ тавассути образҳои бадеии воқеӣ таваҷҷуҳ зоҳир кард. Гуфта шуд, ки қиссаи “Марги судхӯр” дар низоми насри муосири тоҷик ҳамчун яке аз намунаҳои барҷастаи равияи танқидӣ иҷтимоӣ ҷойгоҳи устувор дорад. Ин асар дар баробари арзиши бадеӣ, дорои муҳтавои амиқи иҷтимоӣ ва таҳлилӣ буда, воқеияти таърихӣ ва муносибатҳои нобаробари иҷтимоии давррo инъикос менамояд.

Донишҷӯёни дигар низ доир ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёт ва фаъолияти эҷодии адиб андешаҳои худро баён доштанд, ки муҳити осорхона дар ин лаҳзаҳо ба фазои зиндаи гуфтугӯи маърифатӣ табдил ёфт.

Аз ҷумла, донишҷӯ Кибриё Гуреззода ғазали «Гули сурх»-ро бо қироати муассир пешкаш намуд, ки фазои ин сайрро ранги эҳсосӣ ва эстетикӣ бахшид. Ҳамзамон, дигар донишҷӯён низ бо бардоштҳои гуногун роҷеъ ба нақши адиби номдор дар рушди адабиёти муосири тоҷик сухан ронданд.

Аз сайр дар Осорхонаи адабии устод Садриддин Айнӣ ва тамошои мероси пурғановат ба чунин хулоса расидем, ки ин макони фарҳангӣ робитаи гузаштаро бо имрӯз пайваст намуда, дар ташаккули ҳисси ифтихори миллӣ нақши бузург мебозад. Пас, месазад, ки ҳар як нафар аз ин макони фарҳангӣ боздид намояд, то барои худ ҷаҳони маънӣ бардошт кунад.

**PS.** ***Хонандагони гиромии маҷаллаи «Маърифати омӯзгор» метавонанд, тавассути рамз (QR-код)-и зерин навореро, ки кормандони маҷалла аз боздиди донишҷӯён ба Осорхонаи адабии устод Садриддин Айнӣ таҳия намудаанд, тамошо кунанд.***

**Шаҳноз КАРИМӢ,**
**муовини директор оид ба илм ва инноватсияи филиали ДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд**



# АМАЛЕ, КИ БА ҶОМЕА ДОҒ МЕОРАД




Дар ҳама давру замон яке аз сабабҳои асосии хароб гардидани пояҳои давлатдорӣ, фалаҷ шудани низоми ҳукуматдорӣ, парокандагию беэътимодӣ ба низомҳо ва аз байн рафтани сулолаҳои гуногуни давлатмадорон ин тамаъҷӯиву ришвахӯрӣ ва ришваситонӣ будааст. Аз ин хотир, ришва дар ҷамъияти инсонӣ рухдоди нав набуда, решаҳои таърихии он ба ҳазорсолаҳо мерасад. Оид ба ин масъала дар осори донишмандони ҳазораи сеюми пеш аз милод, дар Мисри қадиму Бобулистон, Ҳинд ва Чини қадим зикр гардидааст, ки дар онҳо аз гирифтану додани ҳадяву ришва нақл меравад. Барои мисол метавон аз китоби «Тарбияномаи Геракл ба писараш Мерикар» мисол овард: «Агар мехоҳӣ ба тамоми халқ сухани коргар дошта бошӣ, кӯшиш намо, аз мансабдорони империя ягон зарра даромад ёфт накунӣ, зеро забони ту дар ҳузури онҳо кӯтоҳ ва ҳамаи умури давлатдории ту фано меёбад».

Нақл аст, ки дар замони салтанати Доринюш - шоҳи сулолаи Ҳахоманишиҳо барои бар ивази ришва ҳукми беадолатона баровардани як қозӣ, бо фармони шоҳ қозиро пӯст канда, пӯсти ӯро ба курсии кориаш рӯйкаш кардаанд. Ба писари он қозӣ шоҳ дастур медиҳад, ки ба ҷойи падараш қозӣ шавад ва ба он курсӣ нишинад, то ки доимо ба хотир дошта бошад, ки ҷазои ҳар ришвахор ҳамин аст.

Аслан, мафҳуми “ришва” дар фарҳанги забони тоҷикӣ ба маънои пул ё чизе, ки ба шахси соҳибмансабе барои ба нафъи пул ё чиздиҳанда иҷро гардидани кори ғайриқонунӣ ё ноҳақ дода мешавад, маънидод шудааст. Аз ин вожа калимаҳои ришваситонӣ, ришвахӯр (ришвахор), ришвагир ё ибораҳои ришва ситондан, ришва гирифтан ба миён омадаанд.

Ин гуна вожаҳоро дар осори олимону адибони классики тоҷику форс Низомулмулк, Унсурӣ, Балхӣ, Саъдӣ, Шоҳин ва дигарон вохӯрдан мумкин аст, ки дар ашъорашон муносибати бевоситаи онҳо ба ҳамин гуна иллати ҷомеа бетарафона набуда, табақаҳои гуногуни ҷомеаро мавриди мазаммат қарор медиҳанд. Масалан, маъруфтарин асар, ки дар бораи тартиб, тарз, қоидаву қонунҳои асосии давлатдорӣ иншо гардидааст, ин «Сиёсатнома»-и Низомулмулк (Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Тӯсӣ) буда, дар маркази ғояи сиёсии ин асар эҳёи адлу инсоф, тарзи оқилонаи давлатдорӣ, ободии кишвар ва осоиши раийят меистад. Ғояҳои мутафаккир, аз ҷумла, пешниҳоди ӯ барои ташкил додани ду рӯзи машваратӣ бо мазолим дар ҳузури шоҳ, маҳкум кардани хиёнату ришвахӯрӣ дар идораи давлат, инчунин, маҳкум намудани қонуну амрҳои нозарур ва носаҳеҳ, ки боиси беэътибории онҳо мешавад, имрӯзҳо

ҳам барои давлатдориву сиёсат аҳаммияти бузург доранд.

Адибони равшанзамири тоҷик суст шудани пояҳои иҷтимоиро дар замони худ ба мушоҳида гирифта, дар абёти хеш ришваситониву порагириро ба касрат зикр ва маҳкум намудаанд. Шоири номвар Шамсиддини Шоҳин дар ин бора гуфтааст:

**Муҳтасиб, ришва ҳаром аст, ту**
**хоҳӣ хӯрдан,**
**Ман ҳам ар май хӯрам, инсоф**
**куну хурда магир!**

Шайх Саъдӣ чунин мефармояд:

**Бигӯ, он чӣ донӣ, ки ҳақ гуфта беҳ,**
**На ришваситонию на ришвадеҳ.**

Дар фарҳангнигорӣ муродифи “ришва” вожаи “пора” аст ва калимаҳои порахӯр, порагир, порадеҳ, пора ситонидан, пора гирифтан дар муомилоти забонӣ ба таври фаррох истифода мешаванд. Дар адабиёт низ ба таври возеҳ корбаст шудаанд. Масалан:

**Ҳар он ҷо, ки пора шуд аз дар дарун,**
**Шавад устуворӣ зи равзан бурун.**
**Унсурӣ**

Мутаассифона, дар дунёи имрӯз ҳам ин кирдори номатлуб хеле реша давондааст. Вусъат ёфтани ин масъала барои амнияту суботи ҷамъияти ҳама давлатҳои ҷаҳон таҳдиди воқеӣ ва ҷиддиро ба вуҷуд оварда, ба меъёрҳои ахлоқию адолати иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ришваситонӣ, пеш аз ҳама, сабаби коҳиш ёфтани сармоягузорӣ ва аз рушд мондани иқтисод, кам шудани даромадҳо ба буҷа ва иҷро нашудани барномаҳои азими иқтисодӣ мегардад.

Дар мамлакати мо бо мақсади мубориза бурдан алайҳи коррупсия Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки 3 августи соли 2021, таҳти рақами №222 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, амал мекунад, ки ҳадафи ниҳоии он аз миён бардоштани коррупсия дар ҳама шаклҳои он мебошад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба мавзуи решакан кардани ришваситонӣ таъкид мекунанд. Сарвари давлат дар яке аз суханрониҳои хеш чунин гуфтаанд: «**Яке аз хатарҳои дигаре, ки ба рушди устувори давлат монеъ шуда, ба нуфузу обрӯи он дар арсаи ҷаҳонӣ таъсири манфӣ мерасонад, коррупсия мебошад. Ҷиҳати мубориза бар зидди ин кирдори номатлуб солҳои охир дар кишвари мо заминаҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва ташкилӣ муҳайё карда шудаанд, вале ҷиҳати паст намудани шиддати омилҳои коррупсионӣ зарур аст, ки иштироки боз ҳам фаъолтари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт таъмин гардида, нисбат ба амалҳои коррупсионӣ фазои воқеан, оштинопазир фароҳам оварда шавад».**

Бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани сабаб ва омилҳои ба содиршавии ҳаракатҳои коррупсионӣ мусоидаткунанда ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ дар ташкилоту корхонаҳо аз ҷониби мақомоти гуногун пайваста вохӯриҳо ташкил карда мешаванд.

Вобаста ба ин мавзуъ, дар филиали Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар вилояти Суғд бо кормандону омӯзгорони шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд мунтазам мулоқот баргузор мегардад. Дар вохӯриҳо перомуни тадбирҳои пешгирӣ намудани ҳама гуна зуҳуроти номатлуб, аз қабили дурӣ ҷустан аз ришвахорӣ, мубориза бар зидди фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ суҳбатҳо гузаронида мешаванд.

Хулоса, мо бояд ҳамеша бар зидди фасоди молӣ ва ахлоқӣ мубориза барем, зеро амали коррупсионӣ адолати иҷтимоиро аз байн бурда, эътиқоди мардумро ба арзишҳои демократӣ бархам медиҳад. Ҳарчанд, мубориза бар зидди коррупсия кори саҳл нест, вале мо шоҳиди решакан гардидани амалҳои коррупсионӣ гашта истодаем ва ин раванд бояд идома дода шавад.

**Олим БУХОРИЕВ,**
**ходими пешбари илмии Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии АМИТ**



# БАРРАСИИ ЯК БАҲС АЗ НИГОҲИ ДИГАР

## Андешаҳо перомуни мақолаи "Дор адаби дарси муаллим нигоҳ" ("Маърифати омӯзгор", 2026, №2.–С. 51)

Муаллифи мақолаи "Дор адаби дарси муаллим нигоҳ" ("Маърифати омӯзгор", 2026, №2. –С. 51) Ҷангибеки Улфатшоҳ сари ин масъала, ки дар низоми таълиму тарбия унсури таълим афзалият дорад ё тарбия, назари нисбатан ҷолиб, вале то андозае баҳсбарангезеро матраҳ кардааст. Ин баҳс аз он ҷиҳат ҷолиб ба назар мерасад, ки муаллиф асли моҳият ё шинохти воқеии матлаби дар мақола баёншударо ҳамчун як масъалаи фарогир ва дорои аҳаммияти иҷтимоӣ арзёбӣ менамояд. Муаллиф бо тамоми кӯшишу талош, ироаи далелу бурҳонҳо ва назарпардозиву назарсанҷиҳо мехоҳад исбот намояд, ки унсури тарбия дар низоми маориф аз афзалиятҳои бештар бархӯрдор аст. Хулосаи мухтасари дидгоҳи муаллифи мақола ин аст, ки дар ҷараёни таҳсил, агар ба тарбияи хонанда диққати бештар дода шавад, натиҷаи кори таҳсил самарабахштар мегардад.

Албатта, ҳар инсон ҳақ дорад, ки доир ба ҳар масъалаи муҳимме, ки ба пешрафти кори таълиму тарбия иртибот дорад, назари худро баён намояд. Гоҳе як масъалаи нисбатан ҷузъӣ, ки аз сари ихлосу эътимод ба дурустии он бовар дорем, бароямон хусусияту моҳияти меҳварӣ пайдо мекунад ва дар маркази дидгоҳи мо қарор мегирад. Масалан, дар асрҳои миёна аксари одамони рӯйи замин мавкеи сайёраҳои низоми шамсиро аз нигоҳи заминмеҳварӣ (геосентризм) арзёбӣ мекарданд ва чунин мепиндоштанд, ки Замин меҳвари сайёраҳо ва ситораи Офтоб буда, ҳамаи онҳо дар гирди Замин давр мезананд. Дидгоҳи офтобмеҳварӣ, ки бар пояи донишҳои аз нигоҳи замонӣ нисбатан нав бунёд гардида буд, ақидаи инсонҳоро нисбат ба ин масъала комилан дигаргун кард. Чунин ба назар мерасад, ки муаллифи мақолаи болозикр аз нигоҳи тарбиямеҳварӣ ба шарҳу тавзеҳи масъалаи таълим ва тарбия пардохтааст. Бинобар ин, дар пиндори ӯ як масъалаи ҷузъӣ (тарбия) дар муқоиса бо як матлаби куллӣ (илм) моҳияти меҳварӣ пайдо мекунад. Инъикоси воқеиятҳо (рӯйдодҳои табиӣ ва иҷтимоӣ) дар зеҳни мо ба шакли объективӣ (он гуна, ки ҳастанд) сурат намегирад. Инсон дар асоси имконоту тавоноиҳои зеҳни худ воқеиятҳоро шарҳу тавзеҳ медиҳад ё тасвир менамояд. Бинобар маҳдудиятҳои зеҳни худ мо наметавонем, рӯйдодҳоро бо тамоми хусусиятҳояшон дарку маънидод намоем. Аз ин рӯ, мо дар бораи рӯйдодҳо тасаввуроти нисбӣ ва дар аксари мавридҳо якҷониба дорем. Агар ба ин масъала аз дидгоҳи илммеҳварӣ назар афканда шавад, бардоште комилан дигар ва нисбатан дурусту аз ҳар ҷиҳат судманд ба даст меояд.

Дарку шинохти моҳияти мафҳуми тарбия ба мо имкон медиҳад, ки бо каме диққати бештар ба шарҳи мазмун ва моҳияти истилоҳи тарбия бипардозем. Истилоҳи тарбия ба маҷмуи меъёрҳои рафторие далолат мекунад, ки дар заминаи таҷрибаҳои тулонии зиндагии инсон ба вуҷуд омада, бо маҳаки ақл ё ба таъбири беҳтар, тавассути қолабҳои содаи илмӣ (таҳлилу муқоисаву натиҷагирӣ) санҷида шуда, баъд аз он, ҳамчун меъёрҳои стандартии рафтори дуруст ё нодуруст арзёбӣ гардидаанд. Бинобар ақидаи таҷрибагароёни ғарбӣ ашёҳо, падидаҳои табиӣ ва рӯйдодҳои иҷтимоӣ танҳо баъд аз шинохта шудан барои инсон арзиши вуҷудӣ пайдо мекунанд. Масалан, як дарахт, пеш аз он ки мафҳум ва моҳият пайдо кунад, мавриди озмоиш қарор мегирад. Ашё (дарахт) аввал тавассути чашм мушоҳида мешавад. Баъд аз он, иттилооти хоми дарёфтшуда барои коркард (таҳлилу таҷзияву

муқоисаву номгузорӣ) ба мағз фиристода мешаванд. Мағз ба таври худкор (автоматӣ) иттилооти навро бо маҷмуи маълумоти дар махзани ҳофиза мавҷудбуда муқоиса мекунад. Агар ин иттилоот дар ҳофиза собиқаи қаблӣ надошта бошанд, ашёи мавриди баррасӣ номгузорӣ ва дар ҳофиза, ки махзани донишҳои наву кӯҳани инсон аст, нигаҳдорӣ мешаванд. Дар натиҷа, ашёҳо ҳамчун воқеиятҳои мавҷуд шинохта мешаванд.

Рафторҳои инсон низ пас аз баррасиву таҳлилу таҳқиқ мафҳуму моҳият пайдо мекунанд. Хубӣ ва зиштии рафтори инсон замоне мушаххас мегардад, ки онҳоро дар муносибатҳои иҷтимоӣ борҳо таҷриба кунанд ва манфиату зарари ин кирдорҳоро ошкор намоянд. Рафторҳои мусбати инсонӣ, ба монанди хирадмандӣ, инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, хайрхоҳӣ, саховатмандӣ, ҷавонмардӣ, шуҷоату далерӣ, масъулиятшиносӣ ва ҳазорон хусусиятҳои неки дигар шахсияти инсони бедормағзу худшиносу созандаро ташаккул медиҳанд. Кирдорҳои манфии инсонӣ, аз қабили нодонӣ, худписандӣ, кинатӯзӣ, бетарафӣ, фурсатталабӣ, манфиатхоҳӣ, бемасъулиятӣ ва монанди инҳо шахсияти инсони ҷоҳилу гумроҳу ҳангоматалабро месозанд.

Ҳамин тавр, тамоми падидаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, рафторҳои мухталифи инсон дар ҳавзаи муносибатҳои иҷтимоӣ, то замоне ки аз ҷиҳати илмӣ шинохта нашудаанд, арзиши вуҷудӣ пайдо намекунанд. Бо баёни содатар, пеш аз он ки як рафтори иҷтимоии инсон хуб ё бад баҳогузорӣ шавад, он муддати мадид дар озмоишгоҳи таҷрибаҳои иҷтимоӣ санҷида мешавад ва ҷанбаҳои муфиду манфиатовар ё музирри худро ошкор мекунад. Баъд аз ин санҷиши илмӣ рафтори иҷтимоӣ ҳамчун як падидаи муфид ё музир арзёбӣ шуда, дар ҳавзаи кирдорҳои матлуб ё номатлуб мавқеи худро пайдо мекунад.

Пас, инсон танҳо аз раҳгузори илм метавонад ба мафҳум ва моҳияти ашё, падидаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ, бахусус, рафторҳои мутафовити худ, ки мавзуи асосии тарбия ба шумор мераванд, ошно гардад ва аз рамзу рози офоқ (табиат) ва анфус (равон, ботин) огоҳӣ дошта бошад. Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ илм (хирад)-ро "чашми ҷон", нахустин унсури офариниш ва сарчашмаи шинохти ҳастӣ медонад:

**Хирад чашми ҷон аст, чун бингарӣ,**
**Ту бечашм шодон ҷаҳон наспарӣ...**
**Нахустофариниш хирадро шинос,**
**Нигаҳбони ҷон асту они сипос.**

Илм ба инсон имкон медиҳад, ки бо такя ба абзорҳои шинохт (чашму гӯш) мустақилона ба ҷаҳон бингарад ва хубу бади онро бишносад. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ба посдорони илму адаб таъкид мекунад, ки инсон аз роҳи дарки мустақилонаи ҳастӣ ба истиқлоли фикрӣ мерасад:

**Чашм дорӣ, ту ба чашми худ нигар,**
**Мангар аз чашми сафеҳе бехабар.**
**Гӯш дорӣ, ту ба гӯши худ шунав,**
**Гӯши гӯлонро чаро бошӣ гарав.**

Хулосаи гуфтори мо ин аст, ки илм асоси ҷаҳоншиносии инсонро ташкил медиҳад. Инсон ба воситаи илм мафҳуму моҳияти мавҷудоти ҳастиро дарк мекунад. Ба таъбири беҳтар, ашё ва падидаҳои моддию маънавии ҳастӣ танҳо ба воситаи илм арзёбӣ мешаванд. Декарт бо баёни ин ақида, ки "ман меандешам, пас, ман ҳастам" арзиши ҳастии инсону андеша (илм)-и онро баробар арзёбӣ мекунад. Пири равшанзамири Балх, ки асрҳо пеш аз Декарт ин омӯза (назария)-ро бо умқу вусъати бештар баён карда буд, инсону андешаашро яке медонад:

**Эй бародар, ту ҳамон андешаӣ,**
**Мобақӣ ту устухону решаӣ.**
**Гар гул аст андешаи ту, гулшанӣ**
**В-ар бувад хоре, ту ҳимаи гулханӣ.**

Аз дидгоҳи Мавлоно, андеша (илм) арзиши амалӣ ва вуҷудии инсонро дар зиндагӣ ошкор мекунад. Агар инсон "андешаи гул" (илми муфиду созанда) дошта бошад, рӯзгораш гулшан (ободу зебо) мешавад ва агар соҳиби донишҳои хоргуна (хому каммоя) бошад, ҳаёташ ба гулхан (бадбахтию нокомӣ) мубаддал мешавад.

Пас, илм меҳвари аслӣ ё офтоби тобонест, ки дар маркази фаъолиятҳои муфиду созандаи инфиродӣ ва иҷтимоии инсон қарор дорад. Илм бо неруи ҷозибаи хеш тамоми афкору аъмоли инсониятро назму низом бахшида, ҷомеаи инсониро ба самти саодатмандию хушбахтии пойдор ба ҳаракат дармеоварад. Бояд гуфт, ки одобу ахлоқ низ бахше аз фаъолиятҳои иҷтимоии инсон ба шумор меоянд, ки мазмуну моҳияти онҳо дар партави нури илм шинохта мешаванд ва пас аз ин, муҷовизи истифода шудан ё нашуданро дарёфт мекунад.

**Мураттиб Нуралишо СУЛАЙМОНШОЕВ**

# МУАММОИ «РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК»

1. Маҷмуи маълумот оид ба ягон соҳа, дониш, маърифат. 2. Ҷойи дарсхонии талабаҳо, дабистон. 3. Илм дар бораи наботот. 4. Нахустин президенти Академияи илмҳои Тоҷикистон. 5. Дин. 6. Олими машҳури рус, тартибдиҳандаи ҷадвали даврии элементҳои химиявӣ. 7. Аломати китобат. 8. Ноҳия дар вилояти Хатлон. 9. Рамзи ифтихори миллӣ дар Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 10. Сандуқ барои либос. 11. Растании техникӣ. 12. Номи дарёчаи кӯҳӣ. 13. Маҳсули хониш. 14. Асари безаволи Абулқосим Фирдавсӣ. 15. Мутахассиси маълумотноки хоҷагии қишлоқ. 16. Хароҷоти зиёдатӣ дар маъракаҳо. 17. Ансамбли сарояндагон дар кишвар. 18. Воҳиди вазн. 19. Нома. 20. НБО дар Тоҷикистон. 21. Боғи биҳишосо дар пойтахт. 22. Илми риёзӣ. 23. Яке аз соҳаҳои чорводорӣ дар мамлакат. 24. Озмоиши дониши хонандагон дар мактаб. 25. Маслиҳати хайрихоҳона. 26. Қаҳрамони халқи тоҷик. 27. Воҳиди муқовимат. 28. Шоири халқии Тоҷикистон. 29. Галлаи гӯсфандон. 30. Мучали соли мелодии 2026. 31. Илм дар бораи таълиму тарбия. 32. Асбоб барои чен кардани қувваи ҷараён. 33. Камонвари тоҷик, дорандаи медали олимпӣ. 34. Калонтарин дарёи ҷаҳон. 35. Ситорашинос. 36. Кӯл дар ВМКБ. 37. Ноҳия дар НТҶ. 38. Ҷуфти зан, шӯй. 39. Гиёҳи хушбӯи бӯиданӣ ва хӯрданӣ. 40. Шоираи тоҷику ӯзбек. 41. Кишвари ҳамсарҳад бо Тоҷикистон. 42. Обанбор дар Тоҷикистон. 43. Ноҳия дар вилояти Суғд. 44. Пойтахти Федератсияи Россия. 45. Ситорашинос. 46. Зани хушрӯй, зебо. 47. Яке аз қисмҳои забоншиносӣ. 48. Рӯзи ҳафта. 49. Қитъа. 50. Таёқ, ёрдамчии пиру ҷавон. 51. Аввалин рӯзнома дар Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ. 52. Парандаи хушхон.



**Ҷавоби муаммои «Зебосанам» аз шумораи №3, 2026**

1. Ангуштарин. 2. Нигина. 3. Амиршоева. 4. Аэробика. 5. Арӯс. 6. Соҳибҷамол. 7. Лоҷуврд. 8. Данғара. 9. Арифметика. 10. Амонатбонк. 11. Каниз. 12. Зебосанам. 13. Муаллим. 14. Марз. 15. Зулф. 16. Феъл. 17. Лаб. 18. Бобо. 19. Омӯзгор. 20. Рахш. 21. Шӯрбо. 22. Оила.

# МУНДАРИҶА

ДАР ПАРТАВИ ПАЁМ
М. ЗИЁЗОДА. Ҳуҷҷати тақдирсоз дар самти пешрафти соҳаҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа....1
ТАШАББУСҲОИ ҶАҲОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ
П. НАЗАРШО. Сарчашмаи зиндагонӣ об аст...........................................................5
БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ИЛМИ ТОҶИК
Д. ҚУРБОНЗОДА. Аҳмадҷон Раҳмонзода: Илму амал бояд бо ҳам тавъам бошанд.............7
15 АПРЕЛ - ЗОДРӮЗИ САДРИДДИН АЙНӢ
А. ЗАРИФӢ. Одам нашавад касе магар аз мактаб...........................................................11
БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ
Г. ОДИНАЕВА. Файзи озодӣ, роҳ ба ободӣ ва ояндасозӣ...........................................13
ОЗМУНИ БОШУКӮҲ
Э. РАҶАБОВ. "Илм - фурӯғи маърифат" - омили таҳкими сиёсати давлатии рушди илм ва маориф.................................................................................15
ТАҚРИЗ
Ф. РАҶАБАЛИЕВ. Фалсафаи қалам ва қадам.................................................................17
ИДЕОЛОГИЯ
Н. БАҶАМАРДОВ, А. БАҶАМАРДОВ. Худогоҳии миллӣ ва таҳкими он дар ҷаҳони пуртазод.........................................................................................19
ИҚДОМИ ШОИСТА
Ҳ. МАҲМУДЗОДА. Ганҷе, ки ба "Маърифати омӯзгор" супоридам.......................................21
ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ
М. РАҲМОНОВА. Кӯдак гул асту мураббӣ боғбон .........................................................23
ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФ
Э. ВОҲИДОВ. Нақши низоми нави баҳогузорӣ дар баланд бардоштани сифати таҳсилот.........................................................................................25
ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ
Р. ШОДМОНОВА. Хастагӣ дар дарс: чӣ бояд кард?..........................................................27
ХИМИЯ
Р. ШАРИФОВ. Нақши як қатор элементҳои химиявӣ дар тиб ва ҳаёти инсон......................28
ФИЗИКА
Ф. НАЗАРОВА. Методикаи арзёбии интерактивии иҷрои кори лабораторӣ........................30
ШАҶАРАНОМАИ ОЛИМОНИ РИЁЗӢ
Р. БАХРОМЗОД. Аз дарахти риёзидонон бо решаҳои тоҷикӣ то интиқоли дониш ба Аврупо.........................................................................................34
ЗАБОН ДОНӢ - ҶАҲОН ДОНӢ
М. ҚУРБОНОВА. Нақши забонҳои хориҷӣ дар рушди касбии мутахассисони соҳаи сайёҳӣ...40
МАЪРИФАТИ ИТТИЛООТӢ
Ф. САФАРОВ. Аз хатари олами интернет чӣ гуна эмин бошем?.......................................43
ЗАБОНШИНОСӢ
М. НУРМАТОВА. Вижагиҳои сохтории ҷумлаҳои сода дар "Қобуснома"-и Унсурулмаолии Кайковус.........................................................................................46
ОМОДАГИИ ИБТИДОИИ ҲАРБӢ
М. ҲУСНОЕВ. Ватан ҷони ман, ҳам ҷаҳони ман аст!........................................................49
МАСЪАЛА ВА РОҲИ ҲАЛ
А. НАЗАРОВ, С. САФАРОВ. Вобастагӣ ба интернет ҳамчун мушкилии мутобиқшавии равонӣ дар ҷомеа.........................................................................51
ЗЕҲНИ СУНЪӢ
Б. ИСЛОМЗОДА. Бозбинии усули таълим дар замони муосир аз фанни физика.............53
ҚАДАМҶОИ ШАХСИЯТИ БУЗУРГ
Ч. КАРИМЗОДА. Осорхонаи устод Айнӣ - мактаби зиндаи худшиносӣ ва маърифат.....56
КОРРУПСИЯ - ВАБОИ АСР
Ш. КАРИМӢ. Амале, ки ба ҷомеа доғ меорад.................................................................58
АКСИ САДО
О. БУХОРИЕВ. Баррасии як баҳс аз нигоҳи дигар..........................................................60
САЙҚАЛИ ЗЕҲН
Н. СУЛАЙМОНШОЕВ. Муаммои Рӯзи илми тоҷик..........................................................62
ЭЪЛОН
Озмун барои дарёфти «Ҷоизаи Аббос Алиев» .................................................................65

## ШУРОИ МАШВАРАТӢ:

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ, профессор.

**Анвар САФАРЗОДА,** ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа.

**Равшан КАРИМЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА,** муовини вазири маориф ва илм.

**Муҳаммадтоир САИДЗОДА,** директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фарҳод РАҲИМӢ,** раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Наврӯз МИРЗОЗОДА,** ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ.

**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА,** ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

**Зулхия НОЗАКЗОДА,** раиси Иттифоқи касабаи маориф ва илм.

**Бахром ИСМОИЛЗОДА,** сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе.

**Зиёдулло АБДУЛЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон.

**Гулсара МИРЗОЗОДА,** сардори раёсати маорифи вилояти Суғд.

**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ,** сардори раёсати маорифи ВМКБ.

**Шавкат КАРИМЗОДА,** директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ.



## МУАССИС

**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

## САРМУҲАРРИР

**ДИЛАФРӮЗ ҚУРБОНЗОДА**



## ҲАЙАТИ ТАҲРИР:

**Ҳомид ҲОШИМЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Шодӣ САФАРОВ,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои педагогӣ.

**Сироҷиддин НИЁЗӢ,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои техникӣ.

**Хуршед ДАВЛАТАЛИЗОДА**, сардори Маркази матбуоти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Ҷ. КАРИМИЁН,** ҷонишини сармуҳаррир.

**Н. ЁҒИБЕКЗОДА,** котиби масъул.

**А. ШАРИФЗОДА,** муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ.

**М. АТОЗОДА,** муҳаррири бахши филологӣ.

**Қ. НАЗАРОВ,** тарроҳ.

**А. САИДОВ,** масъули сомона.



«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 тахти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, 1-уми июли соли 2024, тахти №364/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.


➢ Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад, бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро бар дӯш нагирад.

➢ Идора маводро дар ҳаҷми аз 3 то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman қабул менамояд.

➢ Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли хатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.


**Индекси обуна: 77570.**
**Андозаи 60х841/8.**
**Адади нашр 7970 нусха.**
**Дар матбааи «Табъу нашр» чоп шудааст.**
**Нархаш шартномавӣ.**



**Нишонии мо: ш. Душанбе, к. Айнӣ, 126**
**Телефон: (+992 37) 225 82 39 (қабулгоҳ)**
**Сомона: marifatiomuzgor.tj**
**E-mail: marifati.omuzgor@mail.ru**
**E-mail: m.omuzgor@maorif.tj**

# ЭЪЛОН

## ОЗМУН!

Маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»-и Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мақсади татбиқи амалии дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаҳои маориф, илм, адабиёт ва матбуот, инчунин, ба хотири гиромидошти аввалин нозири маорифи Тоҷикистон, яке аз бунёдгузорони матбуоти миллӣ-соҳавӣ Аббос Алиев, барои дарёфти «Ҷоизаи Аббос Алиев» озмун эълон менамояд.

Дар озмун ҳамаи хоҳишмандон – олимон, адибон, рӯзноманигорон, омӯзгорон ва намояндагони касбу ҳунарҳои дигар, новобаста аз синну сол, маълумот ва дараҷаи илмӣ, метавонанд иштирок намоянд.

Озмун аз рӯйи се номинатсия баргузор мегардад:






**1. Дастури илмӣ ё маводди пажуҳишӣ дар соҳаи маориф ва илм;**

**2. Мақолаи беҳтарин;**

**3. Осори адабӣ-публитсистии марбут ба соҳаи маориф ва мақоми омӯзгор дар ҷомеа.**

Шартҳои иштирок дар озмун:

**- маводди пешниҳодшаванда (рисола, китоб ё силсилаи мақолаҳо) бояд дар давоми чор соли охир (2022-2025) нашр шуда бошад;**

**- мавод дар 5 нусха ба идораи маҷалла то охири моҳи июни соли 2026 пешниҳод карда шавад;**

**- маводди пешниҳодшаванда бояд фарогири мавзуъҳои ибтикороту иқдомоти беназири Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешрафти соҳаи маорифи кишвар, бунёди иншооти таълимӣ, баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва тарбияи насли нав, боло бурдани мақоми омӯзгор дар ҷомеа ва беҳбуди ҳаёти маишии кормандони соҳаи маориф, масъалаҳои рушди маориф ва илм, нақши мактаби миллӣ, таҷрибаи омӯзгорон,ислоҳоти соҳа ва баланд бардоштани ҳисси худогоҳиву худшиносии насли наврас бошанд.**

Маводди озмун аз рӯйи чунин меъёрҳо баҳогузорӣ мегардад:

**- аҳаммияти иҷтимоӣ ва мубрамии мавод;**

**- далелнокӣ ва умқи таҳлил;**

**- фарогирии масъалаҳо;**

**- истифодаи маълумоти оморӣ ва таҳлилӣ;**

**- забони равону оммафаҳм;**

**- навоварӣ ва кашфиёти муаллиф.**

### Ҷоиза

Ғолибон бо «Ҷоизаи Аббос Алиев», ки дорои шаҳодатнома, нишон ва мукофоти пулӣ ба маблағи **5000 сомонӣ** мебошад, сарфароз мегарданд.

Маросими ҷамъбасти озмун ва қадрдонии ғолибон дар Рӯзи омӯзгор (моҳи октябри соли равон) баргузор мешавад.

Барои дарёфти маълумоти илова метавонед ба рақамҳои телефони **2258239** (қабулгоҳ), **+992 934338181, +992 813090000** (телеграм ва ватсап) тамос гиред.

# ОБУНА - 2026




*Дар акс: донишҷӯёни факултети филологияи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ*

**Хонандагон, ҳаводорон ва алоқамандону муштариёни маҷаллаи номвари Вазорати маориф ва илм - "МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР"!**

**Маъракаи обуна барои соли 2026 бомаром идома дорад.**

**Шумо ба маҷалла обуна шуда, тамоми сол аз пешрафту навгониҳои соҳаи афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – маориф тариқи ин муждарасони беминнат огоҳ хоҳед шуд. Беҳтарин маводу мақолаҳои адабӣ, методӣ, таълимӣ ва таҳқиқию пажуҳиширо мутолиа карда, аз навтарин роҳу усулҳои таълиму тадрис дар муассисаҳои таълимии кишвар, андешаҳои омӯзгорони мумтозу пуртаҷриба ва мулоҳизаву афкори инсонсози устодони собиқадору соҳибмактаб бохабар мешавед.**

**Дӯстони азиз, шумо метавонед маблағи обунаро бевосита ба суратҳисоби маҷалла гузаронида, дар рушду пешрафт ва боз ҳам хонданитар гаштани маҷаллаи дӯстдоштаатон саҳми арзанда гузоред, зеро аз як каф садо наояд!**

**Ҳамчунин, маҷаллаи дӯстдоштании шумо соҳиби QR-коди худ аст. Метавонед, ба осонӣ тариқи QR-код ба "Маърифати омӯзгор" обуна шавед.**

**Хоҳишмандем, ки баъд аз пардохти маблағи обуна расиди онро ҳатман ба рақами ватсапи +992934168535 ирсол намоед. Барои маълумот ба рақамҳои 225-82-39 тамос гиред.**

**Пас, бишитобед, то аз пешқадамон бошед!**

## СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:

**Департаменти хазинадории КВД**
**БА ҶТ "Амонатбонк"**
**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**

**QR-КОД БАРОИ ОБУНА**